**Маҷлиси Вакилони халқи шаҳри Панҷакент**
**Иҷлосияи шашуми (даъвати чорум)**

# ҚАРОР

**аз 17 августи соли 2011** **№ 70** **ш. Панҷакент**

Дар бораи тасдиқи «Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2011-2015»

Бо мақсади иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷмимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», мутобиқи моддаи 8 Қонуни консититутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» Маҷлиси вакилони халқи шаҳр

## ҚАРОР МЕКУНАД

1. Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2011-2015 бо назардошти тағйироту иловаҳо тасдиқ карда шавад.(замима мегардад )

2. Комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи шаҳр, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар асоси талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷроиши «Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2011-2015» – ро таъмин намуда, аз натиҷаи он ҳар сол ба Маҷлиси вакилони халқи шаҳр маълумот пешниҳод намоянд.

3. Қарори мазкур барои санҷиш ва бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шавад.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи шаҳр гузошта шавад.

Раиси маҷлис Х. Абдуназаров

БАРНОМАИ РУШДИ
ИҚТИСОДИИ ДЕҲОТ
RURAL GROWTH PROGRAMME

Барномаи мазкур дар доираи «Барномаи рушди иқтисодии деҳот», ки бо дастгирии техникӣ ва молиявии БРСММ, Агентии ҳамкориҳои техникии Олмон ва Департамент оид ба корҳои рушди байналмилалии Британияи Кабир ва дар асоси Дастури методии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

*1. Арзиши умумии БР аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2011-2015*

| | Всего | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Блоки иқтисодӣ (бе саноат) | 7459,5 | 318 | 2290 | 2628 | 1908 | 315,5 |
| Саноат | 530 | | 200 | 330 | | |
| Кишрвазӣ | 5897,5 | 314 | 1784 | 2084 | 1404 | 311,5 |
| СХМ | 1032 | 4 | 306 | 214 | 504 | 4 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 940 | 314 | 164 | 164 | 154 | 144 |
| Блоки иҷтимоӣ | 26327,4 | 4700,6 | 3784,1 | 6955,5 | 6720,6 | 4166,6 |
| Тандурустӣ | 4080 | 967,6 | 1337,6 | 1271,6 | 251,6 | 251,6 |
| Маориф | 18545 | 3334 | 1796 | 4983 | 5113 | 3319 |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 992,4 | 59 | 60,5 | 60,9 | 756 | 56 |
| Фарҳанг | 2710 | 340 | 590 | 640 | 600 | 540 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 8525 | 1235 | 1805 | 2940 | 1289 | 1256 |
| Инфрасохтор | 45683 | 1694,8 | 2665,8 | 13608,8 | 13428,8 | 13884,8 |
| ХМК | 69 | 12 | 22 | 14 | 12 | 9 |
| Обтаъминкунӣ | 32679 | 445 | 760 | 10767 | 10549 | 10158 |
| Барқтаъминкунӣ | 3219 | 487,8 | 817,8 | 797,8 | 417,8 | 417,8 |
| Нақлиёт ва алоқа | 9716 | 750 | 1066 | 2030 | 2450 | 3300 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 36768 | 982,8 | 1377,8 | 11714,8 | 11416,8 | 10875,8 |
| Сайёҳӣ | 530 | 106 | 106 | 106 | 106 | 106 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 370 | 74 | 74 | 74 | 74 | 74 |
| Муҳити зист | 44745 | 8949 | 8949 | 8949 | 8949 | 8949 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 29084,2 | 5816,8 | 5816,9 | 5816,9 | 5816,9 | 5816,8 |
| Халатҳои фавқулодда | 5988 | 354 | 470 | 1505 | 1515 | 2144 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 520 | 104 | 104 | 104 | 104 | 104 |
| Таъминоти захиравӣ | 680 | 416 | 66 | 66 | 66 | 66 |
| ҲАМАГӢ ЭҲТИЁҶОТ | 78883,2 | 8526,6 | 9341,7 | 21613,7 | 19804,7 | 19196,6 |
| Ҳамагӣ (бе саноат) | 134088,9 | 16538,4 | 18330,9 | 34618,3 | 33643,4 | 30557,9 |

*2. Маблаггузории Барномаи Рушд аз рӯи сарчашмаҳои маблаггузорӣ*

| Сарчашмаҳо | Ҳамагӣ | % аз арзиши умумӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Буҷети маҳаллӣ | 8674,7 | 6,5 | 1485,5 | 1155 | 2130,4 | 2386,4 | 1592,5 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 21558,5 | 16,0 | 1283,6 | 3107,6 | 5392,6 | 6308,6 | 5466,1 |
| Сармояи дохилию хориҷӣ | 16429,1 | 12,3 | 3758,9 | 3011,8 | 3448,8 | 3998,8 | 3138,8 |
| Маблағҳои аҳолӣ ва худи корхонаҳ | 8543,4 | 6,4 | 1483,8 | 1714,8 | 2032,8 | 1144,9 | 1163,9 |
| Эҳтиёҷот ба маблағ | 78883,2 | 58,8 | 8526,6 | 9341,7 | 21613,7 | 19804,7 | 19196,6 |
| Ҳамагӣ: | 134088,9 | 100 | 16538,4 | 18330,9 | 34618,3 | 33643,4 | 30557,9 |

# МУНДАРИЧА

**Сарсухан ...................................................................................................8**

**Боби 1: Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеии шаҳри Панҷакент..............................9**
Биниши рушди шаҳри Панҷакент ............................................................................14
SWOT – таҳлил бо назардошти тарафҳои қавӣ, заиф, имконият ва хатарҳо ..............14

**Боби 2: Таҳлили ҳолати воқеӣ ва шарҳи стратегӣ аз рӯи соҳаҳои асосӣ ......................16**
2.1. Бахши иқтисодӣ.....................................................................................16
2.1.1. Соҳаи саноат......................................................................................16
2.1.2. Соҳаи кишоварзӣ..................................................................................20
2.1.3. Соҳибкории хурду миёна ......................................................................27
Стратегия ва вазифаҳои бахши иқтисодиёт.......................................................33

**Боби 3. Бахши иҷтимоӣ..............................................................................37**
3.1.Тандурустӣ..............................................................................................37
3.2. Соҳаи маориф .........................................................................................41
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ..............................................................................48
3.4. Фарҳанг ва фароғат.................................................................................52
Стратегия ва вазифаҳои бахши иҷтимоиёт .......................................................54

**Боби 4. Бахши инфрасохтор.........................................................................60**
4.1. Хизматрасонии хоҷагии манзилию коммуналӣ ..............................................60
4.1.1.Таъминоти об ва санитария.......................................................................61
4.1.2.Барқтаъминкунӣ......................................................................................64
4.1.3. Газтаъминкунӣ.......................................................................................66
4.1.4. Нақлиёт ва роҳҳо ...................................................................................67
4.1.5. Алоқа ва фазои иттилооти..........................................................................69
Стратегия ва вазифаҳои бахши инфрасохтор .....................................................70

**Боби 5. Соҳаи сайёҳӣ.................................................................................74**
Стратегия ва вазифаҳои соҳаи сайёҳӣ ..............................................................77

**Боби 6. Ҳифзи муҳити зист ..........................................................................78**
Стратегия ва вазифаҳои бехатарии муҳити зист ...............................................81

**Боби 7. Ҳолатҳои фавқулодда, пешгирӣ ва кам кардани хатари онҳо ..........................85**

**Боби 8. Таъминоти захиравӣ.........................................................................87**

**Боби 9. Низоми мониторинг ва арзёбӣ.............................................................95**

## Рӯйхати ихтисорот

| | |
|---|---|
| АМВ | Ассотсиатсияи муаллимон ва волидайн |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид |
| DFID | Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ |
| GIZ | Агентии Олмон оид ба ҳамкории техникӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМ | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМХИ | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МИҲД | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| МХ | Маблағҳои худи |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳову хатарҳо |
| СМваА | Системаи мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 |
| СПКСК | Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2015 |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои рушди ҳазорсола |
| ҲҶТ | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҶСП | Ҷамияти саҳомии шакли пӯшида |
| ҶС | Ҷамъияти саҳҳомӣ |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |

# Мурочиати Раис ба аҳолии шаҳр

**Ҳамдиёрони азиз!**

Бо шарофати истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таи солҳои охир мо ба як қатор муваффақиятҳои беназир ноил гаштем, ки ҳамаи ин моро сарбаланду сарфароз менамояд. Дар давраи на он қадар тулонӣ дар таърихӣ шаҳри азизи мо як қатор саҳифаҳои нав кушода шуд. Аз ҷумла, бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдгории бостонии 5500 солаи Саразми Панҷакент 31 июли соли 2010 дар иҷлосияи 34-уми ЮНЕСКО, ба феҳристи Мероси фарҳангии умумиҷаҳонӣ шомил карда шуд.

Панҷакенти бостонӣ яке аз минтақаи муҳими иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Баробари ин бояд иқрор шуд, ки дар бисёр соҳаҳо мушкилоти гуногун монеаи рушд соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти шаҳр гарданд. Ҳанӯз масъалаҳое ҳастанд, ки бо сабаби маҳдудияти имкониятҳои вазъи иқтисодиву молиявӣ ҳал нашудаанд.

Таҳлили амиқ ва омӯхтани захираҳою шароити мавҷуда нишон медиҳад, ки барои инкишофи иқтисодиёти шаҳр имконияти васеъ мавҷуд мебошад. Аз захираҳои табиӣ ва шароиту иқлими мусоиди минтақа ба хуби метавон натиҷагири намуд, ки шаҳри Панҷакентояндаи дурахшон дорад. Мардуми қавииродаву созандаи ин сарзамин аҷдодан бо обу ҳаво ва замин сарукор доштанд ва дастранҷи фаровон меофариданд.

Бале, сарфи назар аз таърихи ғанӣ ҳанӯз, қисми зиёди аҳолӣ камбизоат ва бекор мебошанд. Новобаста ба табиати зебо ва диққатбораш, хатари офатҳои табиӣ таҳдиди ҳамешагӣ гардида, ҳамасола зиёни зиёд меоварад. Бо сабабҳои гуногун як қатор корхонаҳои саноатии шаҳр бо иқтидори пурра кор намекунанд ва рӯ ба харобшавӣ ниҳодаанд.

Зикр бояд намоям, ки айни замон вақти он омадааст, ки бояд мо ҳамаи фаъолиятҳои худро бо истифода аз усулҳои нави банақшагирӣ ба роҳ монда, барои дар амал татбиқ намудани нақшаҳои пешбинигардида дар ҳамбастаги чораҳои мушаххас андешем.

Барномае, ки мо бо кӯмаку дастгирии Шумо ва ҳамшарикон тарҳрези намудем аввалин набуда, балки давоми мантиқии барномае мебошад, ки ду сол муқаддам таҳия намуда будем. Мо бо Шумо алакай хуб медонем, ки тарҳрези намудани барномаҳо чӣ самара меорад. Ба ин хотир иқдом гирифтем, ки бо истифода аз усулҳои нави банақшагирӣ тарҳрезии чунин барномаҳоро идома бахшем.

Шахсан банда ба ҳайси Раиси шаҳри Панҷакент барои иҷрои «Барномаи рушди шаҳр барои солҳои 2011-2015» тамоми кӯшишу ғайрати худ ва ҳамдиёрони худро сарфарбар менамоям.

Чуноне, ки аз Барномаи рушди шаҳр бармеояд, барои амалӣ гардидани он, корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ба ҳалли ҳамаи ин мушкилот аз рӯи имкон маблағ пайдо намуда, барои амалӣ намудани Барнома саҳми худро мегузорад.

Баробари ин, аз ҳамаи ҳамдиёрон, ташкилоту созмонҳои дохиливу хориҷӣ хоҳиш менамоям, ки барои дар амал тадбиқ намудани Барномаи мазкур саҳмгузорӣ намоянд. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент барои ҳамкории судманд ва бомаслиҳат омода мебошад.

Ҳамчун раиси шаҳр миннатдории худро ба ҳамаи онҳое, ки дар таҳияи Барномаи рушди шаҳр саҳмгузорӣ намуданд баён менамоям.

# Сарсухан

Яке аз самтҳои асосӣ ва афзалиятноки рушди иқтисодиёти маҳаллӣ ин пеш аз ҳама равона намудани таваҷҷуҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои бартараф намудани мушкилотҳои муҳими аввалиндараҷа ва аз пешниҳоди хизматрасонии босифати иҷтимоӣ, банақшагирии рушди иқтисодиёт тавассути иштирок ва ҷалби бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ гузаштан маҳсуб меёбад. Инчунин ҳамаҷониба мусоидат намудан барои бартарафсозии мушкилоти мавҷуда ҷиҳати беҳтар шудани муҳити соҳибкорӣ ва истифодаи захираҳои маҳаллӣ барои пешрафти иқтисодиёт, ҷалби сармоягузорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини баробарии гендерӣ мебошад.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2011-2015 дар асоси принсипи иштироки васеъ ва маслиҳати аҳолии ҷомеа, инчунин бахши хусусӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ таҳия карда шудааст.

Дар назар бояд дошт, ки рушди иқтисодиёти шаҳри Панҷакентро бе самаранок истифода бурдани захираҳо ва имкониятҳои дохилии мавҷуда тасаввур намудан ғайриимкон аст. Аз ин нуқтаи назар дар раванди таҳияи Барномаи рушди шаҳри Пенҷакент диққати асосӣ ба самаранок ва оқилона истифода намудани захираҳои дохилии мавҷуда, баланд бардоштани сатҳ ва сифати дониши мутахассисони маҳаллӣ, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар ин замина паст намудани сатҳи камбизоатӣ, дода мешавад.

Барномаи мазкур дар асоси «Дастури методи оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидораи шаҳраку деҳот», ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешноҳод карда шудааст, таҳия карда шудааст. Барномаи тарҳрезигардида барои дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ мусоидат намуда, ҳамчун ҳуҷҷати стратегии рушди иқтисодиёти шаҳр баромад мекунад ва самтҳои асосии фаъолияти ҳукумати шаҳрро дар бар мегирад. Ҳамзамон барномаи мазкур тадбирҳо ва амалҳои Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола (ҲРҲ), Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010-2012 (СПКСК) ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳури Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 (СМР)-ро дар сатҳи минтақа амалӣ менамояд.

Барнома барои таъмин намудани рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ дар панҷ соли оянда равона карда шудааст. Вай нафақат роҳнамо барои фаъолияти мақтомоти ҳокимияти маҳаллӣ, балки механизми ба роҳ мондани ҳамкории самарабахши ҳамаҷониба байни тамоми муассисаҳо, ташкилотҳо ва сохторҳое, ки дар миқёси шаҳр фаъолият мебаранд, арзёби мегардад.

**Ҳадафи асосии Барнома -** ин беҳтар намудани шарту шароити зисти аҳолӣ, таъсис додани корхонаҳои нави истеҳсолӣ, беҳтар намудани ҳолати инфрасохтор, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, беҳтар намудани ҳифзи муҳити зист ва паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолии шаҳр мебошад.

Барнома аз қисмҳои зерин иборат аст:

***Қисми 1*** тавсифи мухтасар ва таҳлили ҳолати умумии шаҳр, аз ҷумла тамоюли рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳрро дар панҷ соли охир дарбар мегирад;

***Қисми 2*** таҳлили ҳолати воқеии шаҳри Панҷакентро дар бахшҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, инфорасохтр ва беҳатар намудани муҳити зист, инчунин стратегияи рушди ин бахшҳоро дар 5 соли оянда ва таҳлили захираҳои лозимӣ барои амалисозии чорабиниҳоро дарбар мегирад;

***Қисми 3*** тартиби ташкил ва амалисозӣ низоми мониторинг ва арзёби барномаи рушди шаҳрро дарбар мегирад.

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ ШАҲРИ ПАНҶАКЕНТ

## 1.1. Сохтори маъмурӣ ва ҳудудии шаҳр

Шаҳри Панҷакент яке аз калонтарин шаҳрҳои вилояти Суғд ба ҳисоб рафта дар қисми шимолии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардидааст ва он бо ноҳияи Айнӣ, вилоятҳои Самарқанд, Ҷиззах, Қашқадарё ва Сурхандарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамсарҳад мебошад. Масоҳати умумии шаҳри Панҷакент 3,67 ҳаз. км$^2$ ташкил медиҳад, ки ба 14,4 фоизи масоҳати умумии вилояти Суғд баробар аст. Шумораи умумии аҳолии шаҳри Панҷакент ба 01.01.2011- 246,2 ҳаз. нафарро ташкил медиҳад. Ба ҳайати шаҳри Панҷакент 14 ҷамоати деҳот (Амондара, Вору, Ёрӣ, Косатарош, Лоиқ Шералӣ, Моғиён, Рӯдакӣ, Саразм, Халифа Ҳасан, Хурмӣ, Фароб, Чинор, Шинг, Сӯҷина), 18 маҳалла (дохили шаҳр) 139 деҳа (дар ҷамоатҳо) дохил мешавад.

*Харитаи тақсимоти марзию маъмурии шаҳри Панҷакент*



**1.2. Маълумоти таърихӣ ва фарҳангӣ**

Вожаи Панҷакент аз ду қисм: Панҷа ва канд, яъне шаҳри қанд, мулки Панҷа иборат аст. Вожаи мазкур дар маъхазҳои қадим ва асноди бойгонии Деваштич вомехурд. Дар ибтидои асри VIII шаҳраки Панҷакент тавассути сипоҳи арабҳо забт ва ба ҳайати Хилофот ҳамроҳ гардид. Пас аз ташаккули давлати бузурги Сомониён шаҳраки нав ба он шомил шуд. Дар асрҳои минбаъда низ Панҷакент ҳамчун яке аз шаҳрҳои бонуфузи Осиёи Марказӣ дар Шоҳроҳи бузурги абрешим мақоми намоёнро ишғол карда, дарривоҷи муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва иҷтимоию фарҳангии халқҳои ҳамҷавор саҳмгузорӣ намудааст. Таҳқиқоти бостоншиносон собит намуданд, ки шаҳри Панҷакент дар тӯли 1,5-2 ҳазор соли охир панҷ маротиба комилан бозсозӣ ва эҳё гардидааст.

Ин шаҳр зодгоҳи Сардафтари адабиёти классики форсу-тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад. Инчунин аз оғӯши ин диёр садҳо шоирону донишмандони фозил бархостаанд.

Аз соли 1926 то соли 1930 Панҷакент минтақаи мустақил буд. 23 ноябри соли 1930 минтақаи Панҷакент барҳам дода шуд ва дар заминаи он ду ноҳия - Панҷакент ва Заҳматобод ташкил ёфт, ки дорои 4 волост (ҳудуде, ки дорои як мақомот аст). Соли 1953 ба шаҳри тобеи ноҳия ва аз 14 октябри соли 1959 ба шаҳри тобеи вилояти собиқ Ленинобод (ҳоло Суғд) табдил дода шуд.

**1.3. Шароитҳои табиӣ ва иқлим**

Панҷакент дар қисми марказии ҳавзаи дарёи Зарафшон ҷой дошта, релефаш кӯҳӣ аст. Иқлими Панҷакент субтропикӣ-континенталӣ (гармии ҳаво дар давраи тобистон аз +24◦С то +36◦С ва дар давраи зимистон то - 22◦С) мебошад. Ҳудуди ноҳияро бо самти арзӣ се қаторкӯҳ бурида мегузаранд: дар шимол- Туркистон (баландиаш 2000-3000м.), дар марказ Зарафшон (3000-4000м.), қуллаи Чимтарға дар кӯҳҳои Фон (баландиаш то 5949м.), дар ҷануб Ҳисор (то 4636м.). Байни қаторкӯҳҳои Ҳисору Зарафшон пастхамии Моғиёну Фароб (баландиаш 1500-2000м аз сатҳи баҳр) ва байни қаторкӯҳҳои Зарафшону Туркистони водии Зарафшон (баландиаш 900-950м. аз сатҳи баҳр) воқеъ гаштааст.

Табиат ва иқлими шаҳри Панҷакент барои рушди соҳаҳои асосии кишоварзӣ, аз ҷумла боғдорӣ, растанипарварӣ ва чорводорӣ хеле мусоид буда, барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар деҳот заминаи асосӣ мегузорад.

Кӯҳистони Зарафшон хазинаи бебаҳои сарватҳои табиӣ аст. Кормандони Экспедитсияи иктишофи геологии Моғиён аз минтақа қариб ҳамаи элементҳо ҷадвали Менделеевро пайдо кардаанд. Дар ҳудуди Панҷакент конҳои тилло, нуқра, симоб, сурма, қалъагӣ, волфрам, флюорит, фосфорит, ангиштсанг ва санги мармар мавҷуд аст. Дар маҷмӯъ, 328 адад кони маъдан кашф гардидаанд, ки барои рушди шаҳр аҳамияти калони иқтисодӣ доранд. Дар заминаи конҳои кашфшуда Коргоҳи муштараки «Зарафшон», коргоҳи мармаристеҳсолкунии «Лада – Мармар» фаъолият мекунанд.

Экспедитсияи иктишофи геологии Моғиён аз соли 1948 ба ҷустуҷӯи сарватҳои табиии водӣ машғул аст. Айни замон дар экспедитсия беш аз 250 нафар кормандон кор мекунанд.

Аз канданиҳои фоиданок, ки аҳамияти энергетикӣ доранд, дар ҳудуди Панҷакент конҳои ангиштсанги Киштӯд-Заврон, Шашқат, Товасанг ва Моғиён кашф гардидаанд. Танҳо захираи кони ангишти Товасанг 250 миллион тоннаро ташкил медиҳад.

Дар заминаи ин ҷустуҷӯйҳо барои коркарди маъдани тилло ҶММ КМ «Зарафшон» таъсис ёфтааст, ки он дар як сол 1 миллиону 600 ҳаз. тонна маъдани кӯҳиро коркард менамояд. Коргоҳи муштараки «Зарафшон» дар заминаи комбинати маъдани тиллои тоҷик, ки дар соли 1990 ба кор оғоз карда буд, ташкил гардидааст. Айни замон корхонаи мазкур дар ҳамкорӣ бо ширкати чинии «Зи чин майнинг» фаъолият дорад. Ин корхона дар соли 2010 - 52,2% буҷетӣ маҳаллиро таъмин намудааст.

Дар ҳудуди Панҷакент 150 навъи растаниҳои доруворӣ, 50 навъи растании асаловар, 100 навъи растании ғизоӣ, 120 растании дорои равғани эфир ба қайд гирифта шудааст.

## 1.4. Вазъи демографӣ

Аҳолии Панҷакент ба санади 1 январи соли 2011 - 246,2 ҳаз. нафарро ташкил медиҳад, аз ҷумла: мардҳо 123,8 ҳаз. нафар (50,3%) ва занҳо 122,4 ҳаз. нафар (49,7%) буда, суръати миёнаи афзоиши солонаи аҳолӣ 2,0 фоизро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Панҷакент аҳолии деҳот нисбат ба аҳолии шаҳр бештар буда, 84,6 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар муқоиса бо нишондиҳандаи умумиҷумҳуриявӣ 11 фоиз зиёд мебошад.

*Ҷадвали 1. Шумораи аҳолии муқимии шаҳри Панҷакент дар давраи солҳои 2008-2012 (нафар)*

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2008 | | | 2009 | | | 2010 | | |
| | Ҳамагӣ | мард | зан | Ҳамагӣ | мард | зан | Ҳамагӣ | мард | зан |
| Ҳамагӣ аҳолӣ | 235637 | 118328 | 117309 | 241289 | 121097 | 120192 | 246246 | 123850 | 122396 |
| шаҳр | 36703 | 18310 | 18399 | 37344 | 18597 | 18747 | 37991 | 18944 | 19047 |
| деҳот | 198928 | 100018 | 98910 | 203945 | 102500 | 101445 | 208255 | 104906 | 103349 |

Дар тӯли солҳои 2005 -2010 аҳолии шаҳр (аз 221,1 то 246,2 ҳаз. нафар) 11,3 фоиз ё 25,1 ҳаз. нафар зиёд шудааст. Ҳамзамон афзоиши аҳолӣ дар шаҳр дар ин давра 6,9 фоиз ва деҳот 12,1 фоиз афзудааст.

*Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши демографии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | 2015 бо % нисбати 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Шумораи аҳолӣ ба ҳисоби миёнаи солона (ҳаз. нафар) | 256,3 | 261,3 | 266,5 | 271,7 | 277,0 | 108 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| Шаҳрӣ | 43,6 | 44,4 | 45,2 | 46,0 | 46,8 | 107,4 |
| Деҳотӣ | 212,7 | 216,9 | 221,3 | 225,7 | 230,2 | 108,2 |

Мувофиқи дурнамо афзоиши табии аҳолии шаҳри Панҷакент дар соли 2015 нисбат ба нишондиҳандаҳои солҳои 2010 ва 2011 то 17,5% ва 8 фоиз афзоиш хоҳад ёфт.

*Ҷадвали 3. Аҳолӣ ва хоҷагиҳои хонавода дар шаҳри Панҷакент*

| | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи хоҷагиҳои хонавода (адад) | Шумораи аҳолӣ (нафар) | Шумораи миёнаи аъзоёни хоҷагиҳои хонавода (нафар) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Чинор | 1352 | 6657 | 5 |
| 2 | Саразм | 5207 | 26674 | 5 |
| 3 | Хурмӣ | 2549 | 10354 | 4 |
| 4 | Халифа Ҳасан | 2917 | 14149 | 5 |
| 5 | Сӯҷина | 2645 | 12725 | 5 |
| 6 | Амондара | 2779 | 13430 | 5 |
| 7 | Ёрӣ | 4024 | 18969 | 5 |
| 8 | Косатарош | 3828 | 18590 | 5 |
| 9 | Шинг | 1887 | 10558 | 6 |
| 10 | Моғиён | 3377 | 19548 | 6 |
| 11 | Фароб | 1876 | 8331 | 4 |
| 12 | Лоиқ Шералӣ | 3809 | 17858 | 5 |
| 13 | Ворӯ | 2451 | 11891 | 5 |
| 14 | Рӯдакӣ | 3650 | 18521 | 5 |
| Ҳамагӣ: | | 42351 | 208351 | 5 |

Ҷамоати деҳоти калонтарин дар ҳудуди шаҳри Панҷакент ҷамоати деҳоти Саразм мебошад, ки шумораи аҳолии он 10,8 фоизи шумораи умумии аҳолии шаҳру деҳот ва шумораи хонаводаҳо бошад 10,4 фоизи шумораи умумии хоҷгиҳои хонаводаи шаҳру деҳотро ташкил медиҳад.




Сину соли миёнаи аҳолии шаҳр ба 64 сол баробар аст. Дар сохтори ҷинсию сину солӣ қисми зиёди аҳолиро нафарони сину соли миёна ва ҷавонон ташкил медиҳад.

*Ҷадвалӣ 4. Сохтори ҷинсию синну солии шаҳри Панҷакент ба ҳолати 1.01. с. 2011*

| Гурӯҳҳои аҳолӣ | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла духтарон/ занҳо | Ҳиссаи духтарон/ занҳо нисбат ба шумораи умумӣ |
|---|---|---|---|
| Аҳолии то сини 16 сола | 86942 | 44251 | 50,9 |
| Аҳолии қобили меҳнат ( аз 16 то 58 сола (занҳо)/ то 63 сола (мардҳо) | 123183 | 60729 | 49,3 |
| Шахсони сину соли нафақа (63 мард/58 занҳо) ва калонсолон | 36121 | 17741 | 49,1 |
| Ҷамъ: | 246 246 | 122396 | 49,7 |

Дар шаҳри Панҷакент беш аз 35,3 фоизи шумораи умумии аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳад.

*Ҷадвали 5. Маълумотҳои демографӣ дар шаҳри Панҷакент*

| Солҳо | Шумораи таваллуд | Муҳоҷират | | Афзоиши табиии аҳолӣ | Афзоиши табиии аҳолӣ бо % | Шумораи умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | омад | рафт | | | |
| 2008 | 6258 | 262 | 936 | 5584 | 102,1 | 235631 |
| 2009 | 6436 | 271 | 890 | 5817 | 102,4 | 241289 |
| 2010 | 7010 | 359 | 826 | 6543 | 102,1 | 246246 |

Шумораи таваллуд дар соли 2010 нисбат ба соли 2008 ба 752 нафар ё 12 фоиз зиёд шудааст. Дар ин давра шумораи умумии аҳолӣ 2463 нафар ё 4,5 фоиз зиёд шудааст.

Муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушди иқтисодиёти шаҳри Панҷакент саҳми муҳим доранд. Шумораи умумии муҳоҷирон дар соли 2010 - 17143 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2008 ба 3076 нафар ё 21,9 фоиз зиёд мебошад. Сабабҳои асосии ба муҳоҷират сафар намудани аҳолӣ пеш аз ҳама паст будани музди меҳнат, набудани ҷойҳои корӣ ва ба талаботи шароити муосир ҷавобгуй набудани он, мувофиқ набудани шарту шароити зист ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи таҳдқиқотҳое, ки дар соли 2008 аз ҷониби Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент гузаронида шуд ба саволи он, ки ягон аъзои оилаи шумо дар муҳоҷирати берун аз шаҳр ва ё ҷумҳурӣ қарор дорад? - 35% пурсишшудагон ҷавоб доданд, ки яке аз аъзои оилаи онҳо дар муҳоҷирати меҳнати қарор доранд.

Беш аз 98,2 фоиз муҳоҷирони меҳнатӣ аслан ба Федеративии Руссия, 0,6 фоиз ба Ҷумҳурии Қазоқистон ва 1,2 фоиз ба дигар давлатҳо сафар менамоянд. Сарчашмаи асосии даромади буҷети оилаи муҳоҷиронро маблағҳои равона намудаи аъзоёни оилаи онҳо ташкил медиҳад. Аммо на ҳама вақт ин маблағҳо мақсаднок истифода бурда мешавад. Махсусан ташкил намудани бизнеси худ ва ё ягон коре, ки минбаъд метавонад барои зиёд намудани қисмати даромади буҷети оила мусоидат намояд, кам аҳамият дода мешавад.

*Ҷадвали 6. Мушкилотҳои муҳоҷирони меҳнатӣ*

| № | Мушкилотҳои асосӣ | Бо % нисбати шумораи умумии пурсишшудагон (№800) |
|---|---|---|
| 1 | Мушкилот надоштем | 3,5 |
| 2 | Мушкилот бо манзил, бақайдгирӣ | 19,0 |
| 3 | Шароити бади корӣ | 9,9 |
| 4 | Надонистани забон | 8 |
| 5 | Паст будани музди меҳнат | 14,3 |
| 6 | Поймол гардидани ҳуқуқҳои муҳоҷирон | 5,1 |
| 7 | Муносибати бади аҳолии маҳал | 3,3 |
| 8 | Ташвиши пайвастаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ | 13,3 |

Аз ҳама мушкилоте, ки бештар муҳоҷирон ҳангоми сафар ба давлатҳои қабулкунанда дучор мегарданд ин мушкилот бо манзил ва бақайдгирии он (19,0%), паст будани музди меҳнат (14,3%) ва ташвиши пайвастаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ (13,3%) мебошад.

***Тамоюлҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ.*** Соҳаҳои асосии иқтисодиёти шаҳр саноат ва кишоварзӣ мебошад, ки дар онҳо мутаносибан 0,9% ва 11,8 фоизи аҳолии шаҳр фаъолият дорад. Дар шаҳр иқтидори калони истеҳсолии маҳсулоти саноатӣ мавҷуд мебошад, ки метавонад барои рушд иқтисодиёти шаҳр мусоидат намояд. Ҳамзамон дар ҳудуди шаҳр захираҳои бой табиӣ ба монанди ангиштсанг, тилло, сурмаю симоб, тахтасангҳои мармарин, омехтаи сурбу нукра, фосфорит ва дигар захираҳо мавҷуд мебошад, ки то ҳол коркарди пурраи онҳо ба роҳ монда нашудааст.

Дар корхонаҳои асосии саноати шаҳр аҳамияти асосӣ ба истеҳсол ва коркарди тилло, нукра, масолеҳи сохтмонӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дода мешавад.

Мушкилотҳои асосии соҳаи саноат набудани технологияи нави муосир ва ҷалби сусти сармоягузорӣ, назаррас набудани ташкили корхонаҳои хурду миёна, суст будани низоми менеҷмент ва маркетинг ва норасогии кадрҳои баландихтисос мебошад.

Аз кор баромадани корхонаҳои азими ҶСШК «Тамоку», ҶСШК «Шарбат» ба иқтисодиёти шаҳр таъсири манфӣ расонидааст. Дар соҳаи кишоварзӣ бошад диққати асосӣ ба рушди соҳаҳои растанипарварӣ, чорводорӣ, боғдорӣ ва обёрии заминҳо дода мешавад.

Барои баланд бардоштани даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мушкилотҳои зерин сади роҳ мегарданд: сари вақт нагузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, бад гардидани ҳолати мелиоративии заминҳо, сари вақт тоза нагардидани каналҳо, норасогии оби полезӣ, таъмин набудан бо тухмиҳои хушсифат, кӯҳнаю фарсуда будани техникаю таҷҳизотҳои мавҷуда, саривақт таъмин нагардидани соҳа бо заҳрхимикатҳо, нуриҳои минералӣ ва органикӣ.

Илова бар ин дар масофаи дур аз маркази ҷумҳуриву вилоят ва роҳи оҳан қарор гирифтани Панҷакент, маҳдуд будани бозори дохила ва мушкилоти содироти маҳсулот ба бозори беруна барои аҳолӣ, корхонаҳо ва хоҷагиҳои деҳқонӣ мушкилоти зиёдро ба

вуҷуд овардааст. Бо сабаби хароҷоти гарони нақлиёт, дар ҳолати ногувор қарор доштани роҳҳо маҳсулоти истеҳсолгардида сари вақт дар бозори дохили ҷумҳурӣ ба фурӯш бароварда намешавад.

Дар шаҳр шароити мусоид дар соҳаи истифодабарии инфрасохтори иҷтимоӣ ва инфарасохтори фароғатӣ муҳайё мебошад. Мушкилотҳои асосии соҳаи тандурустӣ: зиёдшавии касалии сил, исҳоли хунин (дизентерия) ва ВИЧ/СПИД мебошад, ки сабаби он камбизоатии аҳолӣ ва сатҳи баланди муҳоҷират аст. Мушкилоти асосии соҳаи маориф: таъмирталаб будани инфрасохтори мавҷуда, норасогии кадрҳои баландихтисос, норасогии кабинетҳои фаннӣ (биология, химия, физика ва ғайла), суст будани ҷалбкунии кӯдакан ба муассисаҳои томактабӣ, норасогии техникаи информатсионӣ. Дар шаҳр соҳаи варзиш солҳои охир рушд ёфта истодааст, ки ин ба пешбурди тарзи ҳаёти солим мусоидат менамояд. Ба мушкилоти асосии соҳаи иҷтимоиёт мавҷудияти бекорӣ, самаранок фаъолият накардани системаи хизматрасонии суроғавӣ (дар хона), паст будани музди меҳнат, аз кор рафтани мутахассисони ботаҷриба, зиёд будани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дохил мешаванд.

Пурра ба хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ (ХМК) фаро гирифта нашудани аҳолӣ, вазъи сусти хизматрасонӣ дар ин соҳа, ба талаботҳои муосир ҷавобгуй набудани низоми идоракунии соҳа, норасогии таъмини аҳолӣ бо гази табиӣ ва нерӯи барқ аз мушкилоти асосии соҳа ба ҳисоб мераванд.

Шаҳри Панҷакент аз қабили он минтақаҳои ҷумҳурист, ки аз сатҳҳои дигари буҷетӣ кӯмаки молиявӣ (субвенсия) намегирад ва баръакс дар 2-3 соли охир шаҳр кӯмаки худро ба буҷети вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ мерасонад. Ҳаҷми умумии ин маблағҳо дар солҳои 2008 – 2010 7,2 млн. сомониро ташкил медиҳад. Даромади умумии буҷети шаҳр ба 18 намуди андоз асос ёфта, аз онҳо 16-тояшон ба буҷети маҳаллӣ мемонанд. Нақшаи қисми даромади буҷети шаҳр дар соли 2010 - 32,9 млн. сомонро ташкил дод ки нисбат ба соли 2008 ба 11,3 млн сомонӣ зиёд мебошад. Даромади буҷети шаҳрро 100% андозҳо ташкил медиҳад. Нақшаи қисми хароҷоти буҷети шаҳр дар соли 2010 ба 33,2 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2008-10,2 млн сомонӣ зиёд мебошад. Дар соли 2010 - 82,5% қисми хароҷоти буҷети шаҳр барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ равона гардидааст.

**Биниши рушди шаҳри Панҷакент**

*Шаҳри Панҷакент – яке шаҳрҳои тараққикардаи саноатӣ, бештари аҳолӣ бо ҷои кор таъмин гардида, маҳсулотҳои истеҳсолгардидаи кишоварзӣ сари вақт ба бозор бароварда мешавад, инфрасохтори мавҷуда ба талаботи муосир ҷавобгуй буда, аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ пурра дастраси доранд, таъмини баробарии гендерӣ риоя шуда, шумораи сайёҳон сол то сол зиёд шуда истодааст ва барои рушди соҳибкории хурду миёна тамоми шароитҳо муҳайё карда шудааст.*

*СВОТ таҳлил*

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| – Мавҷуд будани захираҳои табиӣ, аз ҷумла канданиҳои фоиданок;<br>– Мавҷуд будани корхонаҳои азими саноатӣ;<br>– Шароити хуби иқлими барои рушди зироатҳои растанипарварӣ ва боғдорӣ<br>– Мавҷуд будани заминҳои шудгоршаванда ва дигар заминҳо барои бунёди боғу токзори нав;<br>– Мавҷуд будани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори дохилию берунӣ;<br>– Мавҷуд будани захираҳои меҳнатии озод дар ноҳия;<br>– Мавҷуд будани мавзеъҳои диққат ҷалбкунанда;<br>– Вуҷуд доштани ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ;<br>– Дастрас будани инфраструктураи | – Маҳдуд будани буҷет барои омӯзиш ва коркарди захираҳои табиӣ;<br>– Ба иқтидори пурра кор накардани корхонаҳои саноатӣ ва шумораи маҳдуди корхонаҳои хурду миёна;<br>– Корношоям будани системаи обёрӣ;<br>– Кам будани нуктаҳои қабул ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақа;<br>– Набудани ҷойҳои кории зарурӣ ва музди меҳнати ночиз;<br>– Заминаи сусти моддию техникии ширкатҳои сайёҳӣ;<br>– Суст ба роҳ мондани кори тарғиботиву реклама оид ба ёдгориҳои таърихиву сайёҳӣ; |

| | |
|---|---|
| аввалиндарача;<br>– Мавчуд будани барномаи миёнамўҳлати рушди ноҳия. | – Ҳолати бади (таъмирталаби) роҳҳои маҳаллӣ ва иншоотҳои обтаъминкунӣ;<br>– Дур будани шаҳр аз маркази ҷумҳурӣ ва вилоят;<br>– Нокифоя будани маблағҳои зарурӣ барои татбиқи барнома.<br>– Сатҳи пасти музди меҳнат. |
| Имкониятҳо | Хатарҳо |
| – Дар доираи супориши ҲҶТ ташкили бозори наздисарҳадӣ;<br>– Мавҷуд будани барномаҳои рушди вилоят;<br>– Васеъ намудани заминҳо ва бунёди боғҳои нав аз ҳисоби заминҳои назди соҳилӣ дарёи Зарафшон;<br>– Дар доираи барномаҳои соҳавӣ беҳтар намудани инфрасохтори соҳаҳои иҷтимоӣ;<br>– Таъмини рушди соҳаи сайёҳи дар доираи қарори ҲҶТ аз 28.05.09, №299<br>– Оғоз намудани сохтмони роҳи автомобилгарди Панҷакент- Айнӣ;<br>– Ташкили шароити мусоид барои рушди соҳибкории хурду миёна дар доираи қарори ҲҶТ аз 2.07.09, №386;<br>– Ҷалби сармояи хориҷӣ дар доираи Созишномаҳои байниҳукуматӣ. | – Нарасидани нерўи барқ ва маблағгузорӣ;<br>– Баста шудани сарҳад ва ба миён омадани муноқишаҳои наздисарҳадӣ;<br>– Сари вақт маблағгузорӣ нагардидани барномаҳои мавҷуда;<br>– Обхезии дарёи Зарафшон ва шуста шудани заминҳои назди соҳил, таъсири офатҳои табиӣ;<br>– Таъсири бўҳрони молиявию иқтисодӣ ба рушди корхонаҳо;<br>– Нархи баланди хизматрасониҳо ва ташрифи миқдори ками сайёҳон; |

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ВОҚЕӢ ВА ШАРҲИ СТРАТЕГИЯ АЗ РӮИ СОҲАҲО

## 2.1. Бахши иқтисодиёт

### 2.1.1. Саноат

***Аҳамият дар иқтисодиёти маҳаллӣ.*** Соҳаи саноат дар рушди иқтисодиёти шаҳр ҷойи аввалро ишғол намуда, зиёда аз 63,7 фоизи ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониро ташкил медиҳад. Дар корхонаҳои саноатӣ аз маъданҳои кӯҳӣ тилло, нуқра, мис, масолеҳи сохтмонӣ (тахтасанг ва харсангҳои мармарӣ, сангрезаҳои мармарӣ, хишти сохтмонӣ, оҳак), ангишт, тамокуи ферментатсияшуда, конрсерва, шароби ангур, коняк, балзам, калвадос ва биринҷ истеҳсол карда мешаванд.

Дар соли 2010 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шакли пулӣ афзоиш ёфтааст, ки ин асосан аз ҳисоби истеҳсоли маъданҳои кӯҳӣ мебошад.

*Диаграмаи 1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2008-2010 (ҳазор сомонӣ)*




Шумораи аҳолии дар корхонаҳои саноатӣ машғулбуда 2185 нафар мебошад, ки нисбати шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 1,54 фоизро ташкил медиҳад. Корфармои асосии шаҳр ҶДММ КМ «Зарафшон» мебошад.

*Ҷадвали 7. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар давраи солҳои 2008-2010*

| Номгӯи корхонаҳо ва маҳсулотҳои истеҳсолшаванда | Воҳиди ченак | Номгӯи маҳсулот | | | (ҳазор сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2008 | 2009 | 2010 | 2008 | 2009 | 2010 |
| ҶСШК «Тамоку» | | | | | | | |
| Тамокуи пухташуда | тонна | 271 | - | 80,6 | 430,7 | - | 717,3 |
| ҶСШК «Шарбат» | | | | | | | |
| Маҳсулоти консерва | ҳаз.қ.ш | 250,6 | 365 | 15 | 132,4 | 283,3 | 16,5 |
| ҶДММ «Парандис» | | | | | | | |
| Шароби ангур | дал | 3245,7 | 3458,6 | 3934,3 | | | |
| Калвадос | дал | - | 21,9 | - | | | |
| Балзам | дал | - | 6,11 | 4,2 | | | |
| Коняк | дал | 1402,2 | 1138,2 | 1247,9 | | | |
| Коняки спиртӣ | дал | 910,7 | - | 4045,2 | | | |
| Ҳамагӣ | | | | | 502,9 | 440,7 | 465,9 |
| ҶСК «Панҷ-Кӯл» | | | | | | | |
| Биринҷ | тонна | 0,4 | 3,6 | 11,4 | | | |
| Крупа | тонна | 0,2 | 1,0 | 2,3 | | | |
| Нон | тонна | 8,1 | 4,5 | | | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | | | | | 20,6 | 33,3 | 43,2 |
| ҶСШК «Заводи хишт» | | | | | | | |
| Хишти пухта | ҳаз.дона | 990 | 700 | 10 | | | |
| Хишти хом | ҳаз.дона | - | 900,0 | 745 | | | |
| Ҳамагӣ | | | | | 455,4 | 192,4 | 128,9 |
| Матбаа | | | | | | | |
| Рӯзнома | ҳ.нусха | 5,8 | 4,3 | 5,2 | | | |
| Бланкаҳо | ҳ.нусха | 50,8 | 72,5 | 90,3 | | | |
| Ҳамагӣ | | | | | 28,6 | 32,0 | 38,8 |
| ҶДММ КМ «Зараф-шон» | | | | | | | |
| Хӯлаи Доре | грамм | 1308865,1 | 771777,6 | 946251,7 | | | |
| Метал №1 | грамм | 932873,4 | 547251,8 | 1214474 | | | |
| Метал №2 | грамм | 193186,8 | 50830,1 | 1212833 | | | |
| Мисс | тонна | | 56 | 1267,4 | | | |
| Мисс ва тиллои кон-сентрат | тонна | | 2695,845 | | | | |
| Оҳак | тонна | | | 1884 | | | |
| Ҳамагӣ | | | | | 89373,6 | 96354,6 | 228685,6 |
| ҶСШП «Мармари За-рафшон» | | | | | | | |
| Харсангҳо | $м^3$ | 245 | | 121 | 95,0 | 101,0 | 75,0 |
| Тахтасангҳо | $м^2$ | 3445 | 3114 | 1670 | | | |
| Сангреза | тонна | | 55 | | | | |
| Сутунча | дона | | 68 | | | | |
| Ҳамагӣ | | | | | 95,0 | 101,0 | 75,0 |
| ҶСП «Ирбис» | | | | | | | |
| Тахтасангҳо | $м^2$ | 413 | 140,1 | | | | |
| Зерсутунҳо | $м^2$ | | 46 | | | | |
| Плиткаи траверти | $м^2$ | | 253 | | | | |
| Ҳамагӣ | | | | | 12,4 | 28,1 | |
| ҶММ «Гулистон» | | | | | | | |
| Обҳои минералӣ | литр | - | 2500 | - | - | 38,0 | - |
| Тамокуи ферментатсия шуда | тонна | 105 | - | - | 314,7 | - | - |
| Ҳамагӣ | | | | | 314,7 | 38,0 | - |
| ҶСШК «Гӯшту-шир» | | | | | | | |
| Гӯшт | тонна | 5,1 | 5,1 | 0,2 | | | |
| Ҳасиб | тонна | 3,9 | 4,0 | 3,2 | | | |
| Яхмос | тонна | 10 | 10,4 | 11,2 | | | |
| Маҳсулоти ширӣ | тонна | 36,2 | 48 | 59,8 | | | |
| Панир | тонна | 2 | 2 | 2 | | | |
| Ҳамагӣ | | | | | 168,7 | 195,1 | 224,0 |
| ҶДММ «Дион- ангиш-ти Тоҷикистон» | | | | | | | |
| Ангишт | тонна | 1950 | 1527 | 2198 | 126,7 | 106,9 | 197,8 |
| ҶСШК «Моҳипарварӣ» | | | | | | | |
| Истеҳсоли моҳӣ | тонна | 15,06 | 26,3 | 1,96 | 118,1 | 236,6 | 23,4 |
| Сектори хусусӣ | | | | | 15044,2 | 21629,0 | 25458,2 |
| Биринҷ | тонна | | 48 | 289,4 | | | |
| Гӯшт | тонна | 451,6 | 557 | 724 | | | |
| Равған | тонна | 87,8 | 59,8 | 46,8 | | | |
| Ҳасиб | тонна | 14,4 | 14,4 | 13,4 | | | |
| Орд | тонна | 1578,5 | 3052 | 2612,8 | | | |
| Нон | тонна | 1456 | 1376 | 1835,2 | | | |
| Макарон | тонна | 18 | 48 | 7,5 | | | |
| Шириниҳои миллӣ | тонна | 58,8 | 43,6 | 34,3 | | | |
| Яхмос | тонна | - | - | 76,6 | | | |
| Қанди сафед | | - | - | 4,96 | | | |
| Оби минерали | тонна | - | - | 23,5 | | | |
| Консерва | ҳаз.қ.ш | - | - | 41,04 | | | |
| Ҳамагӣ: | | | | | 106824,3 | 119671 | 256074,6 |

Истеъмолгарони маҳсулоти истеҳсолшудаи корхонахои саноатӣ асосан аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, гарчанде қисми аз маҳсулоти истеҳсолшуда ба хориҷи кишвар содирот мешавад. Қисми асосии корхонаҳо ба иқтидори пурра фаъолият накунад ҳам, дар ҳолати кори мебошанд.

Аз 13 корхонаҳои мавҷуда ду корхона бо сабаби норасоии ашёи хом фаъолияташро қатъ намудааст (қатъ шудани таъмини мармар ба ҶСП "Ирбис" аз корхонаи истехроҷи марамар ООО "Тиллогул" ва ҶММ "Гулистон" бинобар кам гардидани истеҳсоли тамоку дар шаҳр).

Ҳаҷми истеҳсоли баъзе аз корхонаҳо бинобар набудани воситаҳои гардиши (ҶСШК "Шарбат") ва бо сабаби қатъ гардидани гази табии аз Ҷумҳурии Узбекистон ва маҳдудияти қувваи барқ (ҶСШК "Заводи хишт") коҳиш ёфтааст.

Дар иқтисодиёти маҳаллӣ нақши асосиро корхонаҳое, ки бо коркарди маъданҳои куҳи машғул мебошанд ишғол менамоянд (ҶДММ, КМ "Зарафшон" ва ҶСП " Марармари Зарафшон"). КМ «Зарафшон» дар заминаи комбинати маъдани тиллои тоҷик дар соли 1993 ба фаъолият шурӯъ намудааст, соли 1994 корхона бо ҳамкории ширкати Бритонии «Комонвелф энд Бритиш Минералз ПЛК» ба КМ «Зарафшон» табдил ёфт. Дар соли 2007 саҳмияи корхонаро ширкати чинии «Зи Ҷин» харидорӣ намуда соли 2009 ба он дар ҳаҷми 62,6 млн.доллари ИМА маблағгузорӣ намудааст. Теъдоди кормандони он бештар аз 1609 нафарро ташкил медиҳад (музди миёнаи кормандон 845 сомониро ташкил медиҳад). Тибқи нақшаи дурнамои корхона ширкат тасмим гирифтааст, ки то соли 2015 150,0 млн.сомонӣ маблағгузорӣ намуда, истеҳсоли тиллои холис, мис ва нукраро зиёд намояд. Инчунин аз ҷониби корхона барои зиёд намудани коркарди тилло дар конҳои "Мосриф", "Шохбас" ва мавзеъи "Пуштифар" корҳои геологӣ оғоз карда шудааст.

Аз рӯи аҳамияти дар саноатӣ ноҳия истеҳсоли ангишти хушсифат ҷои дуюмро ишғол намуда (корхонаи муштараки ҶДММ «Дион- Ангишт Тоҷикистон»), дар таъмин намудани аҳолии шаҳр бо маводи сӯзишворӣ саҳми арзанда дорад. Мувофиқи дурнамо дар баробари таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши истихроҷи ангиштсанг пешбинӣ карда шудааст.

Матба яке аз кӯҳнатарин корхонаҳои саноатии шаҳри Панҷакент буда (айни замон ҶСК «Матбааи Панҷакент»), ҳанӯз дар нимаи дуввуми солҳои сиюми асри гузашта бунёд гардидааст, ки дар фаъолияти худ то ҳол таҷҳизотҳои фарсудаву куҳнаро истифода мебарад.

*Ҷадвали 6. Ҳолати корхонаҳои саноатӣ ва истеъмолкунандагони маҳсулот*

| Номгӯи корхонаҳо | Намуди маҳсулот | Воҳиди ченак | Иқтидори лоиҳавӣ | Иқтидори воқеӣ | Ҳолати инноват-сионӣ | Истеъмол-кунандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶСШК "Тамоку" | Тамокуи ферментатсияшуда | тонна | 1600 | 80,6 | дар ҳолати корӣ қарор дорад | Федератсия Руссия |
| ҶСШК Шарбат" | Консерва | млн. кутии шартӣ | 27 | 0,015 | кӯҳна ва фарсуда | Аҳолии ҷумҳурӣ ва Қазоқистон |
| ҶДММ "Парандис" | Шароби ангур | дал | 1300 | 3934,3 | дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии ҷумҳурӣ |
| | Калвадос | дал | - | - | | |
| | Балзам | дал | - | 4,2 | | |
| | Коняк | дал | - | 1247,9 | | |
| | Коняки спиртӣ | дал | - | 4045,2 | | |
| ҶСК "Панҷ-Кӯл" | Биринҷ | тонна | 7000 | 11,4 | дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии шаҳру деҳот |
| | Крупа | тонна | - | 2,3 | | |
| | Нон | тонна | - | - | | |
| ҶСШК "Заводи хишт" | Хишти пухта | млн. дона | 12 | 0,745 | дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии шаҳру деҳот |
| | Хишти хом | млн. дона | - | 0,010 | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Матбаа | Рӯзнома | ҳазор нусха | 2000 | 5,2 | фарсуда гардидааст | Аҳолии шаҳру деҳот |
| | Варақаҳо | ҳазор нусха | - | 90,3 | | |
| ҶДММ КМ “Зарафшон” | Хӯлаи Доре | грамм | 1600 | 946251,7 | дар ҳолати корӣ қарор дорад | Бонки Миллии Тоҷикистон Бонки Шветсария, Ҷумҳурии Халқии Чин |
| | Метал №1 | грамм | - | 1214474 | | |
| | Метал №2 | грамм | - | 1212833 | | |
| | Мис | тонна | - | 1267,4 | | |
| | Мисс ва тиллои консентрат | тонна | - | - | | |
| | Оҳак | тонна | - | 1884 | | |
| ҶСШП “Мармар Зарафшон” | Харсангҳо | $м^3$ | - | 121 | дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии ҷумҳурӣ ва шаҳри Панҷакент |
| | Тахтасангҳо | $м^2$ | 1000 | 1670 | | |
| | Сангреза | тонна | - | - | | |
| | Сутунча | дона | - | - | | |
| ҶСП “Ирбис” | Тахтасангҳо | $м^2$ | - | - | фарсуда гардида-аст | - |
| | Зерсутунҳо | $м^2$ | - | - | | |
| | Плиткаи траверти | $м^2$ | - | - | | |
| ҶММ “Гулистон” | Обҳои минералӣ | литр | - | - | фарсуда гардидаст | - |
| | Тамокуи ферментатсия шуда | тонна | - | - | | |
| ҶСШК “Гӯшту шир” | Гӯшт | тонна | - | 0,2 | дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии шаҳру деҳот |
| | Ҳасиб | тонна | - | 3,2 | | |
| | Яхмос | тонна | - | 11,2 | | |
| | Маҳсулоти ширӣ | тонна | - | 59,8 | | |
| | Панир | тонна | - | 2 | | |
| ҶДММ “Дионангишти Тоҷикистон” | Ангишт | тонна | 1500 | 2198 | дар ҳолати корӣ қарор дорад | Аҳолии ҷумҳурӣ |
| ҶСШК «Моҳипарварӣ» | Истеҳсоли моҳӣ | тонна | 300 | 1,96 | - | Аҳолии ҷумҳурӣ |

Дар соли 2010 аз ҷониби бонкҳои шаҳр барои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба маблағи 18022,51 ҳаз. сомонӣ қарз дода шудааст, ки он нисбати эҳтиёҷоти мавҷудаи молиявӣ на онқадар назаррас мебошад.

Қарзи корхонаҳои саноатӣ аз руи пардохти андозҳо дар назди буҷети маҳаллӣ дар соли 2010 дар ҳаҷми 986380 сомониро ташкил намуд.

***Мушкилоти асосӣ.*** Корхонаҳои саноатии шаҳр ба мутахассисони баландихтисос, дастрасии сармояҳои ба технологияҳои нав ва дар баланд бардоштани иқтидорҳои истеҳсолӣ танқисӣ мекашанд. Омилҳои дигаре, ки ба самаранокии истеҳсолот таъсир мерасонад, ин дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои Панҷакент - Айнӣ, баста будани сарҳад бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, набудани роҳи оҳан, маҳдудияти барқрасонӣ, таҷҳизоти фарсудагардида, сатҳи пасти идоракуни, набудани системаи ҳозиразамони маркетингӣ ва ҳамчунин баланд будани фоизҳои қарзҳои бонкӣ мебошад.

*Ҷадвали 7. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии соҳаи саноат барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011г. |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Маҳсулоти саноатӣ (корҳо хизматрасониҳо) бо нархҳои яклухти корхонаҳо дар корхонаҳои дорои шаклҳои гуногуни моликият – ҳамагӣ | 357085,6 | 432667,7 | 641403,6 | 770015,9 | 1024022,4 | 286 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| - дар корхонаҳои дорои ҳамаи шаклҳои моликияти ғайридавлатӣ | 357085,6 | 432667,7 | 641403,6 | 770015,9 | 1024022,4 | 286 |

Аз рӯи нишондиҳандаҳои дурнамо корхонаҳои саноатӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро дар соли 2015 нисбати соли 2011 ба 2,8 маротиба афзоиш хоҳанд дод. Ин афзоиш асосан аз ҳисоби дар базаи ҶДММ КМ "Зарафшон" ба истифода додани хатҳои технологии нави коргоҳи заршӯии маъдан, ки дар як шабонарӯз коркарди 10000 тонна маъданро аз рӯи иқтидори лоиҳавӣ ба роҳ мемонад, дар назар гирифта шудааст.

*Ҷадвали 8. Дурнамои рушди истеҳсоли маҳсулотҳои асосии саноатии ш. Панҷакент барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Ангишт тонна | 2,3 | 2,5 | 2,6 | 2,8 | 3,0 | 128 |
| Хишт ҳамагӣ ҳ. дона | 872,0 | 950,0 | 1050,0 | 1150,0 | 1250,0 | 143,3 |
| Тахтасангҳои мармари М2 | 2,2 | 2,6 | 3,0 | 3,4 | 4,0 | 182 |
| Тамокуи ферментатсияшуда (тонна) | 152,2 | 400,0 | 700,0 | 1500,0 | 3000,0 | 1971 |
| Консерва (ҳаз. қутии шартӣ) | 15 | 450 | 486 | 522 | 560 | 3700 |
| Вино (далл) | 4282,6 | 4300,0 | 4330,0 | 4380,0 | 4430,0 | 103,4 |
| Каняк (далл) | 973,1 | 990,0 | 1000,0 | 1020,0 | 1050,0 | 107,9 |
| Хула (Сплав) Доре кг | 1585,2 | 1950 | 2980 | 3580 | 4780 | 301 |
| Ме № 1 Au кг | 1329,2 | 1630 | 2500 | 3000 | 4000 | 301 |
| Ме № 2 Ag кг | 243,2 | 300 | 460 | 550 | 730 | 300 |
| Қувваи барқ (ҳаз.кВт.соат) | 841,7 | 866,9 | 892,9 | 919,6 | 947,2 | 113 |
| Қувваи барқ (ҳаз.кВт.соат) | 1277,3 | 1315,6 | 1355,1 | 1395,7 | 1437,5 | 113 |

### 2.1.2. Соҳаи кишоварзӣ

Кишоварзӣ дар иқтисодиёти Панҷакент нақши муҳимро мебозад, зеро қисми зиёди аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ менамоянд ва ба фаъолияти кишоварзӣ машғул мебошанд. Соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия ғаллакорӣ, шоликорӣ, боғдорӣ, сабзавоткорӣ, картошкапарварӣ, кирмакпарварӣ, чорводорӣ, мебошанд.




Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2010 - 283,3 млн. сомониро ташкил дод, ки ин 30,4 фоизи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии шаҳрро ташкил медиҳад. Истеҳсоли маҳсулот дар хоҷагиҳои кишоварзӣ соли 2010 дар қиёс ба соли 2008 аз ҷумла, ғалладонагиҳо 1,0 фоиз, сабзавот 1,8 фоиз, картошка 1,9 фоиз зиёд мебошад.

Яке аз сабабҳои асосии афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар шакли пуллӣ ин ба баланд шудани нархи маҳсулоти асосии соҳаи кишоварзӣ мебошад.

*Ҷадвали 9. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи бахшҳо дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои вилоятӣ дар соли 2010*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | шаҳри Панҷакент | вилояти Суғд | Ҳиссаи соҳа нисбати вилоят (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ | млн. сомонӣ | 283,3 | 2709,0 | 10,4 |
| 2 | Растанипарварӣ | -//- | 219,6 | 2004,9 | 10,9 |
| 3 | Чорводорӣ | -//- | 63,7 | 702,6 | 9,1 |




***Истифодабарии замин.*** Ба 1 январи соли 2011 аз майдони умумии заминҳо 399,4 ҳазор гектар, 40,0% ё 159,7 ҳаз. га заминҳои кишоварзӣ мебошад аз ҷумла 11,5% (18466га) заминҳои корам, 3,0% (4769га) дарахтони бисёрсола, 84,8% (135427га) чарогоҳ, 0,3% (491га) боир ва 0,3 (557га) алафзор мебошад.

Бояд қайд кард, ки 2,4%, (3182га) чарогоҳҳо ба ноҳияи Айни мансуб мебошанд, ки онҳо барои шаҳри Панҷакент ба истифодаи дарозмӯҳлат дода шудааст.



Заминҳои лалмӣ (заминҳои наздиҳавлигӣ ва заминҳои президентӣ) асосан аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ истифода мешаванд.

*Ҷадвали 10. Сохтори заминистифодабарӣ*

| № | Категорияҳои замин | Майдони умумии замин (га) | Шумораи коргарон (аз он занҳо) | Шумораи за-нони роҳбар (нафар) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ | 201 884 | 46 343 | 1 |
| 2 | Хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ | 28 808 | 15 429 | 104 |
| 3 | Наздиҳавлигӣ | 9527 | 51 039 | - |
| 4 | Президентӣ | 2486 | 30303 | - |
| 5 | Заминҳои корхонаҳои давлатӣ | 1705 | - | - |
| | Ҳамагӣ: | 244 410 | 143 114 | 105 |

Дар сохтори умумии истифодабарии заминҳои кишт ҷои асосиро заминҳои зерин истифодаи ғалладонагӣ ва хӯроки чорво ташкил медиҳад. Майдони умумии заминҳои истифодаи ғалладонигӣ ва хӯроки чорво ба 19408 га ва ё 80,2 фоизи заминҳои киштро ташкил медиҳанд.




Таи се соли охир ҳиссаи майдонҳои истифодаи полезӣ ва хӯроки чорво кам гардида, майдони заминҳои истифодаи ғалладонагӣ, тамоку, сабзавот, картошка ва шолӣ бошад афзоиш ёфта истодааст. Яке аз сабабҳои асосии чунин нобарорӣ ин тағйир ёфтани талабот дар бозори фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва ба инобат гирифтани талаботи аҳолӣ ва дар асоси он ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.




| | Ғалладо нагӣ | Тамоку | Сабзаво т | Картош ка | Хӯроки чорво | Полезӣ | Шолипа рварӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Соли 2008 | 14605 | 70 | 1650 | 1244 | 3998 | 40 | 1030 |
| Соли 2009 | 14749 | 40 | 1735 | 1406 | 3288 | 38 | 1260 |
| Соли 2010 | 14439 | 158 | 1789 | 1365 | 3524 | 38 | 1445 |

***Обёрӣ намудани заминҳо.*** Дар ҳудуди шаҳру деҳоти Панҷакент - 6 адад каналҳои обёрӣ мавҷуд дорад, ки дарозии онҳо 135км - ро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №11. Сарчашмаҳои таъминоти оби полезӣ*

| № | Номгӯи каналҳо | Майдони заминҳое, ки аз каналҳо обёри мешаванд (га) | Дарозии каналҳо км |
|---|---|---|---|
| 1 | Тухсан - корез | 2427 | 29,4 |
| 2 | Марғедар | 4426 | 29,2 |
| 3 | Эшон | 648 | 11,1 |
| 4 | Халифа - Ҳасан | 2082 | 48,0 |
| 5 | Киштудак | 303 | 11,0 |
| 6 | Саразм | 400 | 6,7 |
| Ҳамагӣ: | | 10286 | 135,4 |

Обёрикунии заминҳои нав ва беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии онҳо низ, яке аз мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳаи кишоварзӣ буда, ҳалу фасли онҳо барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ ва таъсиси ҷойҳои навӣ корӣ мусоидат менамояд.

Аз ҳама мушкилоти асосӣ ба тоза ва барқарор намудани канали Марғедар алоқаманд аст, ки бинобар сабаби набудани воситаҳои молиявӣ қисмати он аз кор баромадааст. Дар натиҷаи омадани селҳои пай дар пай бошад дар каналҳои Тухсанкорез ва Эшон сарбандҳо несту нобуд гардидаанд. Дар баробари ин 6 канали магистралӣ ва 18 пойгоҳҳои обкашии ҳудуди шаҳру деҳот ба таъмиру тармими ҷиддӣ ниёз доранд. Қисми зиёди пойгоҳҳои обкашӣ зиёда аз 40 сол аст, ки фаъолият карда истоаанд ва ба таъмири асосӣ ниёз доранд.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри 2007 №589 "Дар бораи тасдиқи нақшаи азхудкунии заминҳои нави обёришаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", аз тарафи Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2008 обёри намудани 135 га заминҳо дар мавзеъҳои Бедак, Хумгарон ва Яхдон дар ҳаҷми 600 ҳаз. сомонӣ дар назар дошта шуда бошад ҳам маблағгузории онҳо то ҳануз ҳалли худро наёфтаанд.

Вазъи таъмини оби полезӣ дар ҷамоатҳои Сӯҷина, мавзеи «Дашти Малла», ҷамоати деҳоти Ёрӣ ба истиснои заминҳои хоҷагии деҳқонии Хуросон ташвишовар мебошад.

***Богу токпарварӣ*** низ яке аз соҳаҳои афзалиятноки кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Бо мақсади рушди соҳаи боғу токпарпарӣ дар шаҳру деҳоти Панҷакент тӯли солҳои 2008 - 2010 - 475га боғ бунёд карда шуда, 235га боғҳои кӯҳна аз нав барқарор карда шудаст.

Бо мақсади амали намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2009, №683 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 - 2014» ва қарори Раиси шаҳри Панҷакент аз 16.10.09, №299 дар давоми солҳои 2010-2014 бунёди 500га боғу токзорҳои нав дар назар дошта шудааст. Маблағгузории Барномаи мазкур аз ҳисоби сармояҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ амалӣ карда мешавад.

Мушкилиҳое, ки дар роҳи пешбурди соҳаи боғу токпарварӣ монеъагиҳо дорад, ин пеш аз ҳама барқарор намудани базаи моддию техникии соҳаи боғу токпаварӣ (истифодаю нигаҳдории зархимикатҳо, нигаҳдорию кашонидани меваю ангур) мебошад.

Солҳои охир, майдони аксари боғу токзорҳои шаҳр аз сабаби нагузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, бахусус коркарди кимиёвӣ ба муқобили касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон қариб хароб гардидааст. Дар доираи «Барномаи мубориза бар зидди касалиҳо ва ҳашароти зараррасони боғу токзори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» дар шаҳри Панҷакент ташкил намудани озмоишгоҳ аз ҳисоби маблағҳои хоҷагиҳо ва қарзҳо дар назар дошта шудааст.

Солҳои охир бинобар корношоям гардидани пойгоҳҳои обкашии канали Ёрӣ 500 га боғу токи ин мавзеъ хушк гардидаанд. Ҳангоми ба кор даровардани пойгоҳи обкашӣ

боз 500га боғу токзор аз нав эҳё гардида, имконияти таъсис додани ҷойҳои нави кории иловагӣ пайдо мегардад.

***Мушкилотҳои асосии соҳаи растанипарварӣ***, боғу токпарварӣ норасоии оби полезӣ, дар мавсимҳои гулкунӣ, сари вақт таъмин нашудани маводҳои сузишворӣ ва молиданӣ, норасоии ва фарсудагии техникаи кишоварзӣ, норасоии химикатҳо ва баланд будани арзиши онҳо, норасоии тухмиҳои хушсифати ба иқлими минтақа мувофиқ, норасоии мутахассисони баландихтисос, сатҳи пасти ташкили истеҳсолот ва норасоии маълумотнокии ва кӯмаки машваратӣ, ғайрқаноатбахш будани ҳолати роҳҳо мебошанд. Маҳдудияти бозори фуруши маҳсулот (махсусан баста будани сарҳад бо ҷумҳурии Ӯзбекситон), набудани робитаҳои хоҷагидорӣ бо корхонаҳои коркард мушкилотҳои иловагиро ба миён меоранд. Бояд қайд кард, ки айни замон дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ талабот ба маҳсулоти сифатнок ва аз ҷиҳати экологи безарар ва тоза зиёд шудадааст.

***Чорводорӣ.*** Вазни қиёсии чорводорӣ дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии шаҳри Панҷакент 22,5 фоизро ташкил менамояд.

*Ҷадвали 12. Саршумори чорво ва паранда дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Чорвои калони шохдор | 69540 | 69620 | 69692 |
| аз ҷумла, модагов | 37902 | 37910 | 37955 |
| Қутос | 14 | 27 | 32 |
| Чорвои хурд (бузу гусфанд) | 146660 | 146850 | 146978 |
| Парранда | 59176 | 62300 | 62795 |
| Асп | 758 | 761 | 761 |
| Ҳамагӣ: | 314050 | 317468 | 318213 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки асосан зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ аз ҳисоби аҳолӣ сурат мегирад.

*Ҷадвали 13. Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ*

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|
| Гӯшт | тонна | 3662 | 3664 | 3670 |
| Шир | тонна | 17151 | 17157 | 17162 |
| Тухм | ҳаз.дона | 2141 | 2164 | 2216 |
| Асал | тонна | 8 | 9 | 32 |
| Пилла | тонна | 39 | 31 | 17 |
| Пашм | тонна | 56 | 56 | 62 |
| Моҳи | тонна | - | 26 | 2 |

Сабабҳои асосии паст гардидани истеҳсоли пилла дар соли 2010 нисбат ба соли 2008 паст будани сифати тухмии ворид гардида мебошад. Ба паст гардидани истеҳсоли моҳӣ дар ин давра нарасидани хӯрока ва ба қадри кофӣ мавҷуд набудани моҳичаҳои молӣ таъсир расонидааст. Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 «Дар бораи тасдиқи барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015» то соли 2015 истеҳсоли моҳиро ба 150т расонида шавад.

Яке аз мушкилотҳои асосии соҳа ин аз байн рафтани фермаҳои махсуси чорвопарварӣ, набудани такрористеҳсол, ташкили базаи хӯроки чорво, паст будани маҳсулнокии соҳаи чорво, амал накардани нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ, набудани чорвои хушзод ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади афзун намудани маҳсулоти чорводорӣ ва мусоидии шароити иқлимии шаҳр барои парвариши қутосро ба ҳисоб гирифта, дар асоси Барномаи рушди соҳаи

қутоспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 қарори Раиси шаҳр аз 24.04.08 сол №94 қабул карда шудааст, ки мувофиқи он дар солҳои 2011-2015 хариди 50 сар қутос аз ҳисоби маблағгузориҳои ҷумҳуриявӣ дар хоҷагии деҳқонии «Вору» дар назар дошта шудааст.

***Хизматрасонии бойторӣ:*** Бояд қайд кард, ки барои пешгирии касалиҳои чорво аз ҷониби Раёсати назорати давлатии бойтории шаҳри Панҷакент оид ба пешгирӣ ва бартарафсозии касалиҳои сироятӣ чорабиниҳои дахлдорро меандешад.

Дар доираи Барномаи рушди СММ оид ба пешгирӣ ва бартараф намудани бемории буғумдарди чорвои майдаи шохдор соли 2010 дар шаҳр ва деҳоти Панҷакент эмгузоронии 119, 8 ҳаз. сар (ваксина PEV-1) ба анҷом расонида шуд.

Дар шаҳри Панҷакент айни замон 2 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ, 4 адад клиникаи бойтории шахсӣ, 1 адад нуқтаи забҳи чорвои мавҷуд мебошад.

Дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01. 10. 2007, №501 «Дар бораи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво барои солҳои 2008 - 2015» барои рушди соҳаи мазкур дар тӯли солҳои 2011 – 2015 ҷудо намудани маблағ дар ҳаҷми 167,5 ҳазор сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Мувофиқи пешниҳоди мутахассисон ташкил намудани ҷойҳои махсуси забҳи чорво дар ҷамоатҳои деҳоти Лоиқ Шералӣ, Суҷина, Ворӯ, Моғиён ва Ёрӣ хеле зарур мебошад.

Яке аз мушкилотҳои шаҳри Панҷакент ин кам будани ҷойҳои махсус барои гуронидани чорвои фавтида мебошад. Махсусан набудани чунин ҷойҳои махсус дар ҷамоати деҳоти Фароб хело ташвишровар мебошад, зеро соли 1998 дар он ҷо касалии «Сӯхтанӣ» дар байни ҲКШ ба қайд гирифта шудааст, ки хатари дубораи пайдо шудани сироят ҷой дорад.

Бо сабаби маҳдудияти дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии бойторӣ дар шаҳр ва деҳот ташкил намудани клиникаҳои бойтории шахсӣ дар ҳудуди шаҳр, ҷамоатҳои деҳоти Саразм, Хурмӣ, Фароб, Ёрӣ, Моғиён, Рӯдакӣ, Ворӯ ва Шинг зарур аст. Илова бар ин норасогии маводҳои доруворӣи бойторӣ ва таҷҳизотҳои лозима яке аз мушкилотҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Иқтидори соҳаи чорводорӣ пурра истифода бурда намешавад, зеро дар шаҳру деҳот ягон сех ва ё корхонаи коркарди пашму пуст амал намекунад.

Мушкилоти асосии соҳаи чорводориро ба таври зайл шарҳ додан мумкин аст: норасогии таъмини хӯроки чорво, паст будани маҳсулнокии чорвои мавҷуда, набудани чорвои хушзот дар хоҷагиҳо, кам будани ҷои махсус барои забҳи чорво, дастгирии сусти системаи бойторӣ, набудани хоҷагиҳои махсуси зотпарварӣ, набудани фермаҳои хурду миёнаи чорвопарварӣ дар назди хоҷагиҳои кишоварзӣ, набудан нуқтаҳои қабул ва коркарди пашму пӯст.

***Шакли ташкилии соҳаи кишоварзӣ.*** Дар шаҳри Панҷакент то давраи ба тасвиб расидани Фармони Президенти мамлакат аз 25. 06 1996 №522 «Оид ба дигаргун сохтани сохтори корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ» 11 адад колхоз ва 4 адад совхоз фаъолият мекарданд. Айни замон дар шаҳри 96 хоҷагии деҳқонии коллективӣ, 978 хоҷагии деҳқонии инфиродӣ, як хоҷагии ниҳолпарварӣ ва як хоҷагии давлатии таҷрибавии тухмисанҷӣ фаъолият менамоянд. Шумораи умумии саҳмдорон дар хоҷагиҳои деҳқонии шаҳр 68922 нафарро ташкил медиҳад. Шумораи занони роҳбар дар хоҷагиҳо - 105 нафарро (0,2%) ташкил медиҳад. Дар шаҳр Панҷакент 11 адад Ассотсиятсияҳои истифодабарандагони об (полезӣ) ва 1 адад Ассотсатсияи замбӯри асалпарварон фаъолият мекунад. Мушкилоти асосие, ки дар соҳа ба назар мерасад ин набудани Ассотсиятсияҳои хоҷагии деҳқонӣ мебошад.

Бо сабаби зиёд шудани шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ мушкилотҳои иловагиро оид ба ҳисоботдиҳӣ ва мубодилаи иттилоот бо сохторҳои дахлдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакентро ба вуҷуд овардааст. Инчунин дар ноҳия системаи пешниҳоди хизматрасонии машваратӣ дар масъалаҳои кишоварзӣ вуҷуд надорад. Мушкилоти дигари соҳаи кишоварзӣ ин ба таври кофӣ таъмин набудани техникаи кишоварзӣ мебошад.

*Ҷадвали 14. Маълумот оид ба таъмини техникаи кишоварзӣ ба 01.01.с.2011*

| № | Номгӯи трактор | Ҳамагӣ | Омода | %-и омодагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо | 450 | 355 | 79 |
| | аз чумла, шудгоркунанда | 144 | 118 | 82 |
| | ғилдиракдор | 306 | 237 | 77 |
| 2 | Автомобилҳо | 171 | 89 | 52 |
| 3 | Комбайнҳои ғалладарав | 53 | 49 | 92 |
| 4 | Ядакҳои тракторӣ | 266 | 227 | 85 |
| 5 | Достҳои тракторӣ | 26 | 14 | 54 |
| 6 | Алафҷамъкунакҳо | 22 | 18 | 82 |
| 7 | Тойбандакҳо | 17 | 14 | 82 |
| 8 | Тухмипошакхо | 42 | 37 | 88 |
| 9 | Култиваторҳо | 63 | 55 | 87 |
| 10 | Сипорҳои тракторӣ | 168 | 148 | 88 |

Аз 450 адад тракторҳои мавҷудаи хоҷагиҳои деҳқонӣ 355 ба кор омода буда, 95 ададашон корношоям мебошанд. Аз ҷумла тракторҳои шудкоркунда 82% ва ғилдиракдор 77% ба кор омода мебошанд. Дар баробари ин, нарасидани қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва гаронии нархи онҳо ба баланд шудани арзиши маҳсулоти кишоварзӣ бевосита мусоидат мекунад. Бинобар он, хоҷагиҳои деҳқонӣ барои баровардани маҳсулот аз ҳудуди шаҳр ҳавасманд нестанд.

Яке аз омилҳое, ки метавонад ба рушди соҳаи кишоварзӣ таъсири мусби расонад ин дастрасии кишоварзон ба қарзҳо мебошад.




Пешниҳоди қарзҳо барои рушди соҳаи кишоварзӣ тӯли се соли охир гуногун мебошад, ки сабабҳои асосии он таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодӣ, бад гардидани қобилияти пардохтпазирии қарз аз ҷониби кишоварзон, баланд будани фоизи қарзҳо (аз 30 % то 42% - и солона), кӯтоҳ будани мӯҳлати пардохти қарз алоқаманд мебошад.

*Ҷадвали 15. Дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии соҳаи кишоварзии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ – ҳамагӣ | 591,2 | 675,3 | 705 | 741,7 | 785,6 | 133 |
| аз ҷумла: | 591,2 | 674,8 | 703,5 | 738 | 779,7 | 132,0 |
| Зироаткорӣ | 464,2 | 544,3 | 569,4 | 601,5 | 632,2 | 136 |
| Чорводорӣ | 127 | 131,0 | 135,6 | 140,2 | 153,4 | 121 |

Мувофиқи дурнамо ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ бояд то соли 2015 ба 785,6 млн сомонӣ расонида шавад, ки афзоиши он нисбати соли 2011-ум 133 фоизро ташкил медиҳад.

*Ҷадвал 16. Дурнамои рушди истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳаи кишоварзӣ барои солҳои 2011– 2015 (бо ҳисоби аслӣ)*

| Номгӯи маҳсулот | Тонна | Миқдор | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ғалладонагӣ | 344 | 33 | 39,6 | 40,7 | 41,8 | 42,8 |
| Тамоку | 283 | 0,4 | 0,7 | 1,2 | 2,0 | 3,1 |
| Картошка | 200 | 30 | 88,3 | 92,0 | 93,6 | 95,1 |
| Сабзавот | 200 | 58,6 | 51,3 | 52,2 | 59 | 62,0 |
| Полезӣ | 600 | 0,8 | 1,0 | 1,2 | 1,2 | 1,3 |
| Мевагӣ | 393 | 8,0 | 8,0 | 8,2 | 8,5 | 8,8 |
| Ангур | 190 | 9,0 | 9,0 | 9,1 | 9,3 | 9,9 |
| Гӯшт | 21963 | 3,6 | 3,8 | 3,9 | 4,0 | 4,5 |
| Шир | 250 | 17,1 | 17,3 | 17,8 | 18,5 | 19 |
| Пашм | 5190 | 63 | 63 | 63,5 | 64 | 65 |
| Тухм (ҳазор дона) | 800 | 2,1 | 2,2 | 2,5 | 3 | 3,5 |
| Пилла | 476 | 26 | 35 | 36 | 37 | 39 |
| Асал | 40000 | 32 | 35 | 37 | 38 | 42 |

Мувофиқи нишондиҳандаҳои дурнамо дар хоҷагиҳои кишоварзӣ ва заминҳои аҳолӣ кишти картошка ба 2000га, ба нақша гирифта шудааст, аз ҳамин ҳисоб то соли 2015 кишти картошка дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба 3,1 ҳазор га расонида шуда, истеҳсоли он дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 66,6 ҳазор тоннаро ташкил менамояд Ҳамчунин, то соли 2015 зиёд намудани майдони кишти сабзавот, полезиҳо ва аз ҳисоби кушодани заминҳои нав дар назди соҳили дарёи Зарафшон зиёд намудани кишти шолӣ пешбинӣ карда шудааст.

Бо мақсади татбиқи иҷрои Барномаи рушди соҳаи тамокупарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои солҳои 2007 – 2015 майдони кишти тамоку аз 250 гектари соли 2011 ба 1300 гектар расонида мешавад.

Дар соҳаи боғу токпарварӣ низ бо мақсади рушди ин соҳа бунёди боғу токзори нав 245 гектар ба нақша гирифта шуда, истеҳсоли мева дар соли 2015 ба 9,8 ҳазор тонна ва ангур ба 9,9 ҳазор тонна дар назар аст, ки ин нисбати соли 2011 мутаносибан 22 фоиз ва 10 фоиз зиёд мебошад.

Истеҳсоли ғалладонагиҳо дар соли 2015 бояд ба 42,8 ҳазор тонна расонида шавад. Афзоиши мазкур асосан аз ҳисоби истифодаи босамари замин, истифодаи тухмии хушсифати ғалладонагӣ пешбинӣ карда мешавад. Рушди минбаъдаи чорводорӣ аз ҳисоби зиёд намудани саршумори моли калони шохдор (600 сар), моли майда (700 сар) ва паранда (2600 сар) пешбинӣ карда шудааст.

### 2.1.3. Соҳибкории хурду миёна

***Нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти маҳаллӣ.*** Соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти шаҳр мавқеи муҳим дорад ва бояд соҳаи асосии рушди иқтисодиёти шаҳр гардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шаҳри Панҷакент шумораи субъектҳои соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ тамоюли камшавӣ ва шумораи соҳибкоронӣ инфиродӣ (шахсони воқеӣ) тамоюли зиёдшавӣ доранд.

СХМ дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ нақши муҳимро иҷро менамояд, зеро аксари корхонаҳои нав аз ҷониби соҳибкорон бунёд мегардад.

Аз 4967 адад субъектҳои СХМ 91,4% он дар асоси патент фаолият менамоянд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар се солҳои сипаригардида (2008-2010) тамоюли ноустувори рушд доранд.

Дар соли 2010 шумораи занҳои соҳибкори инфиродӣ 1065 нафар ё 24,4% -и шумораи умумии соҳибкоронро ташкил додааст.

*Ҷадвали 17. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот (кор ва хизматрасонӣ) дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт дар солҳои 2008 – 2010*

| № | Соҳаҳои иқтисодиёти шаҳр | | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ( ҳаз. сомони) | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2008 | 2009 | 2010 |
| 1. | Саноат | Корхонаҳои азим | 119139,1 | 117834,6 | 228685,6 |
| | | Корхонаҳои хурду миёна | 17253,4 | 23284,4 | 27221,5 |
| 2. | Кишоварзӣ | | 74304,0 | 94502,0 | 96762,0 |
| 3. | Сохтмон | | 18143,2 | 8784,2 | 7166,9 |
| 4. | Хизматрасонӣ | | 20268,3 | 31813,1 | 42393,5 |
| 5. | Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот (кор ва хизматрасонӣ) | | 249108,0 | 276218,3 | 402229,5 |
| 6. | Аз ҷумла, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти субектҳои СХМ | | 129969,0 | 158387,7 | 173543,0 |
| 7. | Ҳиссаи СХМ дар ҳаҷми маҷмуи маҳсулот, бо % | | 52 | 57 | 43 |

*Ҷадвали 18. Нақши СХМ дар шуғли аҳолӣ аз рӯи соҳаҳо*

| Соҳаҳои иқтисодиёт | Шумораи субъектҳои ба қайдгирифташудаи СХМ | | Шуғли аҳолӣ | | Воридоти андозҳо ба буҷети шаҳр | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шумораи ҷойҳои корӣ | %-аз шуғли умумӣ | Ҳазор сомонӣ | %-аз ҳаҷми умумии андозҳои СХМ |
| Кишоварзӣ | 47 | 782 | 30958 | 86,0 | 2998,6 | 10,7 |
| Саноат | 12 | - | 203 | 0,6 | 655,5 | 2,3 |
| Сохтмон | 7 | 56 | 86 | 0,2 | 909,6 | 3,3 |
| Нақлиёт ва алоқа | 6 | 959 | 55 | 0,1 | 542,3 | 1,9 |
| Савдо | 2 | 2049 | 118 | 0,3 | 216,9 | 0,8 |
| Хизматрасонӣ | 9 | 495 | 155 | 0,4 | 1858,0 | 6,7 |
| Хизмати молиявӣ | 17 | - | 233 | 0,7 | 3157,5 | 11,3 |
| Дигар соҳаҳо | 326 | 200 | 285 | 0,8 | 12801,3 | 45,9 |
| Соҳибкорони инфиродӣ | 426 | 4541 | 3888 | 10,9 | 4771,2 | 17,1 |
| Ҷамъ: | 4967 | | 35981 | 100,0 | 27910,9 | 100,0 |

*Ҷадвали 19. Шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна*

| Соҳаҳо | 2008 | | 2009 | | 2010 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ |
| Кишоварзӣ | 226 | 273 | 226 | 327 | 47 | 782 |
| Саноат | 12 | - | 12 | - | 12 | - |
| Сохтмон | 3 | 28 | 7 | 40 | 7 | 56 |
| Нақлиёт ва алоқа | 6 | 968 | 6 | 806 | 6 | 959 |
| Савдо | 2 | 1982 | 2 | 1823 | 2 | 2049 |
| Хизматрасонӣ | 9 | 292 | 9 | 437 | 9 | 495 |
| Хизмати молиявӣ | 11 | - | 12 | - | 17 | - |
| Дигар сохторҳо | 360 | 422 | 377 | 326 | 326 | 200 |
| Ҷамъ: | 629 | 3965 | 651 | 3759 | 426 | 4541 |
| Дар якҷоягӣ | 4594 | | 4410 | | 4967 | |

Таҳлил нишон медиҳанд, ки шумораи субъектҳои соҳибкории бо таъсиси шахсони ҳуқуқӣ тамоюли камшавӣ ва шумораи соҳибкоронӣ инфиродӣ (шахсони воқеӣ) тамоюли зиёдшавӣ доранд. Ҳар дуи ин тамоюл асосан аз ҳисоби таҷдиду азнавташкилшавии хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки дар заминаи хоҷагиҳои калон хоҷагиҳои деҳқонии оилавию инфиродӣ таъсис меёбанд, ба вуҷуд омадаанд. Гарчанде субъектҳои соҳибкориро дар соҳаи кишоварзӣ зиёд шуда бошад ҳам, вале баъди таҷдид ин соҳаро мушкилоти бисёр фаро гирифтааст: норасогии техникаи кишоварзӣ, набудани имконияти азнавсозии тех-

ника дар хоҷагиҳои деҳқонии навтаъсис, норасогии кадрҳо, паст будани сатҳи дониши сардорони хоҷагиҳои деҳқонии навтаъсис ва аз ин лиҳоз дар аксари ин хоҷагиҳо вуҷуд надоштани нақшаи рушди хоҷагии деҳқонӣ.

Ташкилу таъсис наёфтани Ассотсиятҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳангоме, ки таҷдид дар соҳаи кишоварзӣ қариб ба охир расидааст, як падидаи номатлуби ин соҳа ба ҳисоб меравад.

Нишондиҳандаҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки дар соҳаҳои асосии иқтисоди шаҳр саноат, сохтмон, нақлиёт ва савдо афзуншавии шахсони ҳуқуқии субъектҳои СХМ мушоҳида карда намешавад. Афзоиши соҳибкории инфиродӣ бошад на он қадар назаррас аст.

Инчунин маълум гардид, ки аз 4541 субъекти соҳибкории хурди инфиродӣ 69 фоизаш бо патент кор мекунанд, ки ин аз маҳдуд будани миқёси фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад. Боиси таассуф аст, ки дар соҳаҳои иқтисодиёти шаҳр таъсисёбии субъектҳои соҳибкории хурди истеҳсолӣ қариб, ки ба назар намерасад. Дар се соли охир ҳамагӣ як субъекти соҳибкории хурди истеҳсолӣ оид ба коркардӣ маҳсулоти кишоварзӣ таъсис ёфтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти (кор ва хизматрасонӣ) субъектҳои соҳибкории хурду миёна сол то сол зиёд шуда бошад, ҳам лекин ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ тамоюли ноустувори рушдро дорад.

*Ҷадвали 20. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар миқёси субъектҳои гуногуни соҳибкорӣ дар солҳои 2008 – 2010*

| № | Субъектҳои соҳибкорӣ | Соли 2008 | | Соли 2009 | | Соли 2010 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (ҳаз. сомонӣ) | % аз ҳаҷми умумӣ | Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (ҳаз. сомонӣ) | % аз ҳаҷми умумӣ | Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (ҳаз. сомонӣ) | % аз ҳаҷми умумӣ % |
| 1 | Соҳибкории азим | 119139,1 | 87,4 | 117834,6 | 83,5 | 228685,6 | 89,4 |
| 2 | Соҳибкории миёнаи шахсони ҳуқуқӣ | 1389,1 | 1,0 | 533,1 | 0,5 | 1407,3 | 0,5 |
| 3 | Соҳибкории хурди шахсони ҳуқуқӣ | 820,2 | 0,6 | 1022,2 | 0,7 | 356,0 | 0,1 |
| 4 | Соҳибкории хурди шахсони воқеӣ (соҳибкорони инфиродӣ) | 15044,2 | 11,0 | 21629,1 | 15,3 | 25458,2 | 10,0 |
| 5 | Ҳамагӣ соҳибкории хурду миёна (2-3-4) | 17253,5 | 12,6 | 23284,4 | 16,5 | 27221,5 | 10,6 |
| | Ҷамъ: | 136392,6 | 100,0 | 141119,0 | 100,0 | 255907,1 | 100,0 |

Маълумотҳои дар ҷадвал овардашуда нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар субъектҳои СХМ гарчанде сол то сол афзуда истода бошад ҳам, лекин ҳиссаи ин субъектҳо дар се соли охир тамоюли рушди ноустувор дорад, зеро дар соли 2010 ҳамагӣ 10,6 фоизро аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ташкил кардани субъектҳо СХМ нокифоя будани нақши онҳоро дар таъмини бозори дохила бо маҳсулоти саноатӣ нишон медиҳад.

Падидаи номатлуби дигар дар соҳаи саноати шаҳр дар он аст, ки ҳиссаи субъектҳои СХМ дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ сол то сол кам шуда, дар соли 2010 ҳамагӣ 0,6 фоизро ташкил дод. Сабаби асосии ин тамоюл барои субъектҳои СХМ дар соли 2010 нисбати соли 2008 қариб 2 маротиба зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҶДММ КМ «Зарафон» (субъекти соҳибкории калон) мебошад. Ин афзуншавӣ дар натиҷаи гузаронидани таҷдиди корхонаи мазкур мебошад.

Аксарияти корхонаҳои саноатӣ, ки ба субъектҳои СХМ дохил мешаванд, дорои технологияи давраи Иттиҳоди Шӯравӣ мебошанд, ки имрӯз дар зери таъсири манфии

якчанд омилҳо (фарсуда ва кӯҳна будани таҷҳизотҳо, бунбасти коммуникатсионӣ, танг шудан аз бозори содиротӣ, хароҷотҳои калони нақлиётӣ, норасогии воситаҳои гардишӣ ва набудани сармоя ва ғайра) фаъолияташон коста шудааст ва ё аз фаъолият боз мондаанд.

Далелҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки 86 фоизи шуғли аҳолӣ дар бахши СХМ танҳо ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд ва 14 фоизи кормандон дар соҳаҳои боқимондаи хоҷагии халқи шаҳр шуғл доранд, ки ин аз рушди нокифояи соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноату сохтмон, нақлиёту хизматрасонӣ ва савдо шаҳодат медиҳад.

Гарчанде, ки мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ ҳисоб карда шудааст, аммо дар амал дар ин соҳа соҳибкории воқеъӣ кам ба назар мерасад. Содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ тамоман дида намешавад, таъмини бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ номунтазам аст.

Ҳиссаи баланди соҳаи кишоварзӣ дар шуғли аҳолӣ- 86 фоиз, ҳиссаи пасти ин соҳа дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот – 24 фоиз ва дар ҳаҷми умумии андозҳои воридшуда ба буҷети шаҳр -2,7 фоиз аз рушди нокифояи соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, бо назардошти таҳлилу гуфтаҳои боло бояд қайд кард, ки раванди васеъгардонии шумораи корхонаҳои хурд, алалхусус корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ғайри қаноатбахш мебошад. Дар шаҳр шароитҳои мӯътадил ва захираҳое мавҷуданд, ки ба афзоиши шумораи корхонаҳои хурд имконият дода, барои бо молҳои ватанӣ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва ба ин восита паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд.

Дар соли 2010 аз ҳисоби маблағҳои соҳибкори инфиродӣ дар ҳаҷми 98 ҳаз. сомонӣ ва сармояи хориҷӣ 64 ҳаз. сомонӣ сехи консервабарории Қавола таъсис дода шудааст. Барои васл намудани хати технологии нав ҶС «Заводи хишти шаҳри Панҷакент» ба маблағи 80 ҳазор доллари ИМА қарзҳои бонкӣ гирифтааст. Баъд аз ҷорӣ намудани бақайдгирӣ аз рӯи системаи ягона, ки 1 июли соли 2009 оғоз гардидааст 128 корхонаи хурди нав ба қайд гирифта шуд. Ҳамзамон 1544 соҳибкорони инфиродӣ таъсис ёфта ва 694 соҳибкорони инфиродӣ фаъолияташонро қатъ намуданд.

***Хизматрасонӣ дар рушди соҳибкорӣ.*** Дар инкишофи соҳибкорони хурду миёна фаъолияти бонкҳо мавқеи хосаро ишғол менамояд. Айни ҳол, дар ноҳия филиалҳои ҶС «Агроинвестбонк», ҶС «Ориёнбонк», Бонки давлатии амонатгузорӣ «Амонатбонк», Бонки «Эсхата», ҶС «Тоҷиксодиротбонк», ҶСНП «Тоҷпромбонк» фаъолият доранд. Дар баробари ин, Фонди қарзии хурди «Имон-интернейшнл», ФХҚ «Рушди Зарафшон», ҶДММ ТКХ «ОКСУС МИКРО ФИНАНС» дар ҳудуди шаҳр ба амалиётҳои бонкӣ машғуланд. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти шаҳру деҳот бонкҳо ба соҳибкорон ва аҳолӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат медиҳанд.

Ҳамзамон аз ҷониби бонкҳо ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти шаҳр дар тӯли солҳои 2011-2015 ба маблағи 32540,0 ҳазор сомонӣ, 42870,0 ҳаз. сомонӣ ва 49870,0 ҳаз. сомонӣ қарз пешбинӣ карда шудааст.

*Ҷадвали 21. Қарзҳои СХМ дар соли 2010*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ (ҳаз. сомони) | Эсхата бонк | Ориёнбонк | Амонат бонк | Агро Инвест бонк | Тоҷик содирт бонк | Тоҷпром бонк | ФКХ «Рушди Зарафшон» | ҶДММ ТХК Имон Интернешл» | ҶДММ ТКХ «ОКСУС МИКРО ФИНАНС» |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 3584,7 | | 350,0 | 120,0 | 489,9 | 1767,4 | | 9,0 | 222,8 | 625,6 |
| Саноат | 18022,51 | | | | 16467,5 | 1106,0 | 300,0 | 0,6 | 146,4 | 2,01 |
| Сохтмон | 2395,9 | | | | 440,3 | 1955,6 | | | | |
| Нақлиёт | 223,62 | | | | | 218,2 | | | | 5,42 |
| Хӯроки умуми | 433,6 | | | | | 352,4 | | 0,7 | 58,9 | 21,6 |
| Хизматрасонӣ | 2606,3 | 10,0 | | | | 1524,5 | | 0,5 | 970,9 | 100,4 |
| Савдои хориҷӣ | 962,9 | | | | | 568,5 | | | 391,2 | 3,2 |
| Истеҳсолот | 30807,7 | 20295,1 | | | 10031,8 | | | | 403,3 | 77,5 |
| Дигар соҳаҳо | 11317 | 169,7 | 692,4 | 10,0 | 622,9 | 1800,5 | 1079,1 | | 5969,6 | 972,8 |
| Ҳамагӣ: | 70354,23 | 20474,8 | 1042,4 | 130,0 | 28052,4 | 9293,1 | 1379,1 | 10,8 | 8163,1 | 1808,53 |

*Ҷадвали 22. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии бозори истеъмолӣ ш. Панҷакент барои солҳои 2011-2015. (сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Бозори истеъмолӣ | 243,8 | 251,1 | 258,6 | 266,4 | 274,4 | 112,5 |
| Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳо (ҳазор сомонӣ) | 138362,5 | 152198,8 | 167418,6 | 184160,5 | 202576,5 | 146,4 |
| Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар ҳамаи соҳаҳо (ҳазор сомонӣ) | 67205,1 | 77285,9 | 88878,7 | 102210,5 | 117542,1 | 174,9 |

*Ҷадвали 23. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии соҳибкории хурду миёнаи ш. Панҷакент барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 15 нафар (воҳид) | 132 | 140 | 153 | 160 | 167 | 126 |
| Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 50 нафар | 39 | 41 | 45 | 47 | 49 | 126 |
| Шумораи корхонаҳои амалкунанда то 15 нафар | 50 | 53 | 58 | 61 | 63 | 126 |
| Шумораи корхонаҳои амалкунанда то 50 нафар | 38 | 40 | 44 | 46 | 48 | 126 |
| Шумораи коргарон (ҳазор нафар) | 1554 | 1647 | 1795 | 1885 | 1961 | 126 |
| Маблағи умумӣ аз фӯруши маҳсулот ва хизматрасонӣ (ҳазор сомонӣ) | 29600 | 31376 | 34200 | 35910 | 37346 | 126 |
| Шумораи соҳибкорони инфиродӣ (ҳазор нафар): | 4481 | 4750 | 5177 | 5436 | 5654 | 126 |
| - аз ҷумла | | | | | | |
| - бо шаҳодатнома фаъолиятдошта (ҳазор нафар) | 1751 | 1856 | 2023 | 2124 | 2209 | 126 |
| - бо патент (ҳазор нафар) | 2730 | 2894 | 3154 | 3312 | 3444 | 126 |

## Стратегия ва вазифаҳои бахши иқтисодӣ. Соҳаи саноат

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо (лоиҳа) | Арзиши умумӣ (ҳаз. сомонӣ) | Солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Масъул | Сарчашмаҳои маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мусоидат намудан ба рушди соҳаи саноат ва дар ин замина зиёд намудани иқтидори истеҳсолии корхонаҳо | Беҳтар намудани ҳолати технологии корхонаҳо | Харидорӣ намудани таҷҳизоти ҳозиразамон барои Матбуот | 530 | - | 200 | 330 | | | ҶСК «Матбаи Панҷакент | номаълум | Ҳамасола зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 8% то соли 2016 |
| | | Ворид намудани таҷҳизоти технологӣ ва техника барои ҶДММ КМ «Зарафшон» | 150 млн.долл. ИМА | - | - | 70 | 80 | | ҶДММ КМ «Зарафшон» | Сармоягугории хориҷӣ | |
| | | Сохтмони фабрикаи ганигардонӣ бо иқтидори 10 тонна маъдан дар як шабонарӯз дар ҶДММ КМ «Зарафшон» | 100 млн. долл ИМА | | 20 | 20 | 20 | 40 | ҶДММ КМ «Зарафшон» | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Сохтмони сехи холисгардонии маъдан дар заминаи ҶДММ КМ «Зарафшон» | 6,0 млн. долл ИМА | 3 | 3 | | | | ҶДММ КМ «Зарафшон» | Сармояи хориҷӣ | Зиёд намудани истеҳсоли тилло то 5000 тонна дар як сол |
| | | Таъсиси сехи истеҳсоли оби ҷав дар ҶДММ «Парандис» | 0,4 млн. долл. ИМА | 0,2 | 0,2 | | | | ҶДММ «Парандис» | Қарзи бонкӣ | |
| | Самаранок истифода намудани захираҳои маҳаллӣ | Сохтмони корхонаи фосфорити Зарафшон дар кони Ривати ш.Панҷакент | 25 млн. долл. ИМА | | | | 10 | 15 | ҶДММ «Фосфорити Зарафшон» | Номуайян | Истеҳсоли 2000 литр оби ҷав дар як шабонарӯз ва 150 ҳазор тонна хокаи фосфорит дар як сол |
| | | Омӯзиши муфассали кони қалъагии Мушистон ва ба роҳ мондани истеҳсоли он | 20,0 млн. долл. ИМА | - | - | 10,0 | 10,0 | | Ширкати «БРОТЕК» | Сармоягуориҳои хориҷӣ | |
| | | Инкишофи пешакии кони Чорроҳа | 0,7 млн. долл. ИМА | - | - | 0,3 | 0,4 | - | Геологияи Тоҷик | Номуайян | Шумораи ҷойҳои навӣ корӣ (то соли 2016 300 ҷой) |
| | | Баҳодиҳии дурнамои саноатии майдони Мосриф дар ҳудуди кони Шохбас | 0,7 млн. долл. ИМА | - | 0,3 | 0,4 | | | ҶДММ КМ «Зарафшон» | Сармоягуориҳои хориҷӣ | Зиёд намудани ҳаҷми воридоти маблаг ба буҷет (ҳамасола то 10%) |
| | | ҲАМАГӢ: | 530 ҳазор сомонӣ | | 200 | 330 | | | | | |
| | | Қарзҳои бонкӣ | 0,4 млн. долл. ИМА | 0,2 | 0,2 | | | | | | |
| | | Сармоягузориҳои хориҷӣ | 276,7 млн.дол.ИМА | 3,0 | 23,3 | 100,1 | 109,6 | 40 | | | |
| | | Номуайян | 25,7 млн.долл. ИМА | - | - | 0,3 | 10,4 | 15 | | | |

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ (ҳаз. сомонӣ) | солҳо | | | | | Масъул | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| **Кишоварзӣ** | | | | | | | | | | | |
| Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ | Беҳтар намудани ҳолати обёрии заминҳо | Обёрӣ намудани заминҳо дар деҳаҳои Бедак ва Хумгарон (ҚҲҶТ №589) | 350 | - | - | 350 | - | - | Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (то соли 2016 345 млн. сомонӣ )<br>То соли 2016 обёри намудани 435 га. заминҳо дар ҳудуди ноҳия<br>То соли 2016 азхуд намудани 5500 га заминҳои нав ва бекорхобида дар ҳудуди ноҳия<br>Ҳамасола зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ (то соли 2016 - 7%)<br>То соли 2016 ба 1750 сар расонидани саршумори қутос дар миқёси ноҳия<br>То ба 50% кам намудани касалиҳои чорво дар ҳудуди ноҳия то соли 2015<br>Расонидани истеҳсоли моҳӣ ба 65 тонна то соли 2016<br>Шумораи Ассотсиятсияҳоихоҷагиҳои деҳконии ташкил гардида ( то соли 2016 50 адад)<br>Шумораи маркази хизмат- |
| | | Обёрӣ намудани заминҳои мавзеи "Яхдон"(ҚҲҶТ №589) | 250 | - | - | - | 250 | - | | | |
| | | Идомаи сохтмони канали Халифа Ҳасан | 3 000 | - | 1000 | 1000 | 1000 | | | | |
| | | Кандани чоҳи обкашӣ дар деҳаи Зебон барои обери заминҳо | 100 | - | 100 | | | | Ҷамоати Х.Ҳасан | Сармояи хориҷӣ ва маблағҳои худӣ | |
| | | Ташкил намудани Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби нӯшокӣ ва полезӣ дар маркази ҷамоати Саразм | 10 | - | 10 | | | | Ҷамоати Саразм | | |
| | | Асппарварӣ дар хоҷагии деҳқонии ба номи «Муҳаммадалӣ» ҷамоати деҳоти Халифа Ҳасан | 80 | - | - | 80 | | | Ҷамоати Х.Ҳасан | | |
| | | Таъмири латокҳои обгузар дар ҷамоати деҳоти Саразм ки бо ёрии он 500 – 600га заминҳо обёрӣ мешаванд | 80 | - | 80 | | | | Ҷамоати Саразм | | |
| | Мусоидат намудан ба рушди соҳаи чорводорӣ | Барқарор намудани пойгоҳи обкашии канали Ёрӣ | 450,0 | - | - | 450,0 | - | - | Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | Ташкил намудани озмоишгоҳ барои мубориза бар зидди касалиҳо ва ҳашароти зараррасони богу токзор | 120 | 24 | 24 | 24 | 24 | 24 | Раёсати бойторӣ | Номуайян | |
| | | Бунёди 500 га богу токзорҳои нав (Фармони Президенти ҶТ №683, қарори раиси шаҳри Панҷакент№299) | 300 | 60 | 60 | 60 | 60 | 60 | Раёсати кишоварзӣ | Номуайян | |
| | | Хариди 50 сар қутос дар хоҷагии деҳқонии «Вору» ( Қарори раиси шаҳри Панҷакент№94) | 300 | - | 300 | | | | Вазорати кишоварзӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | Ташкил намудани ҷойҳои махсуси забҳи чорво дар ҷамоатҳои деҳоти Фароб, Лоиқ Шералӣ, Суҷина, Ворӯ, Могиён ва Ёрӣ | 100 | - | 20 | 20 | 20 | 40 | Раёсати назорати давлатии бойтории шаҳри Панҷакент | Номаълум | |
| | | Ташкил намудани клиникаҳои бойтории шахсӣ дар ҳудуди шаҳр, ҷамоатҳои деҳоти Саразм, Хурмӣ, Фароб, Ёрӣ, Могиён, Рӯдакӣ, Ворӯ ва Шинг | 170 | - | 50 | 50 | 50 | 20 | | Номаълум | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво (ҚҲҶТ аз 01.10.2007 №501) | 167,5 | | | | | 167,5 | Вазорати кишоварзӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | расонии техники ташкил гардида (то соли 2015 7 адад) |
| | Зиёд намудани истеҳсоли моҳӣ | Харидори намудани 100 ҳазор дона моҳича барои рушди минбаъдаи соҳаи моҳипарварӣ | 100 | 100 | - | - | - | - | КД «Моҳии Тоҷикистон» | Номаълум | |
| | | Ташкил намудани Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳконӣ (дар марказ, ҷамоатҳои деҳоти Амондара, Ёрӣ, Х. Ҳасан, Ворӯ ва Лоиқ Шералӣ) | 30,0 | 30,0 | | | | | Раёсати кишоварзии шаҳри Панҷакент | Номаълум | |
| | | Ташкили маркази хизматрасонии техникӣ дар ҷ. деҳоти Рӯдакӣ | 100,0 | 100,0 | | | | | | Номаълум | |
| | | ҲАМАГӢ: | 2707,5 | 314 | 1644 | 2034 | 1404 | 311,5 | | | |
| | | Аз онҳо, буҷети ҷумҳуриявӣ | 1327,5 | - | 1160 | 1750 | 1250 | 167,5 | | | |
| | | Маблағҳои номаълум | 920 | 314 | 154 | 154 | 154 | 144 | | | |
| | | Сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ | 460 | - | 330 | 130 | - | - | | | |

## Соҳаи соҳибкории хурду миёна

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо (лоиҳа) | Арзиши умумӣ (ҳаз. сомонӣ) | Солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Масъул | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Муҳаё намудани шароит барои рушди устувори соҳибкории хурду миёна | Баланд бардоштани имконият ва савияи дониши соҳибкорон | Ташкили сохторҳои соҳибкорӣ дар шаҳру ҷамоатҳои деҳот. | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | ТҶ “Соҳибкорони ш.Панҷакент” | Соҳибкорон | Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти (кор ва хизматрасонӣ) бахши сохибкорӣ ба 230 млн. сомонӣ то соли 2016<br>Шумораи соҳибкороне, ки ба омӯзиш фаро гирифта шуданд (15%- и соҳибкорҳо то соли 2014)<br>Аз ҳисоби бахши соҳибкорӣ ҳамасола истеҳсол намудани 50 ҳазор қуттии шартӣ маҳсулот |
| | | Гузаронидани семинарҳо ва тренингҳо оид ба ҷабҳаҳои муҳими соҳибкорӣ | 20,0 | | 10 | 10 | | | Ташкилотҳои байнлхалқӣ | Номуайян | |
| | | Ташкили рубрикаи соҳибкорӣ дар телевизион ва маҷаллаҳои маҳаллӣ | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | ТВ Симо ва рӯзномаи Зарафшон | Маблагҳои худӣ | |
| | Беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ | Ҷалби бештари соҳибкорон барои пешниҳод намудани номзадии онҳо ба маҷлиси вакилони халқи шаҳр ва ҷамоатҳо | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | ТҶ “Соҳибкорони ш.Панҷакент” | | |
| | | Таъсиси сехи хурди коркарди помидо ва зардолу | 300 | | 100 | 200 | | | Соҳибкор | Маблагҳои худӣ | |
| | | Сохтмони гармхона барои парвариши помидор, бодиринг ва дигар сабзавот | 72 | - | 72 | | | | Соҳибкор | Маблагҳои худӣ | |
| | | Ташкили фермаи хурди бӯрдоқипарварӣ | 120 | | 120 | | | | Х/Д “Абдуллоҳ” | Маблагҳои худӣ | |
| | | Сохтмони анбор-яхдони меванигоҳдорӣ | 500 | | | | 500 | | Соҳибкор | Маблагҳои худӣ | |
| | | Ҳамагӣ: | 1032 | 4 | 306 | 214 | 504 | 4 | | | |
| | | Аз ҷумла: | | | | | | | | | |
| | | Маблагҳои худӣ ва сармояҳои хориҷӣ | 102 | 4 | 296 | 204 | 504 | 4 | | | |
| | | Номуайян | 20 | - | 10 | 10 | - | | | | |

# БОБИ 3. СОҲАИ ИҶТИМОӢ

## 3.1. Тандурустӣ

***Ҳолати умумӣ.*** Соҳаи тандурустӣ яке аз бахшҳои муҳим ба ҳисоб рафта, ҳамчун самти асосӣ ва афзалиятнок барои беҳбудии саломатии аҳолӣ нигаронида шудааст.

Сифат ва дастрас будани хизматрасонии тиббӣ дар тӯли 20 соли охир дар саросари ҷумҳурӣ аз ҷумла, дар шаҳри Панҷакент коҳиш ёфтааст, ки бевосита ба нигоҳдории тандурустӣ ва ҳолати саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Айни замон мақсади асосии соҳаи тандурустӣ дар давраи миёнамӯҳлат аз мунтазам паст кардани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани мушкилот вобаста ба бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе бемориҳои сироятии бо ваксина идорашаванда иборат мебошад.

Шумораи занҳои қобили таваллуд 57692 нафарро ташкил медиҳад. Аз рӯи маълумоти расмӣ то 1 январи соли 2011 кӯдакони ноболиғи то 14 сола 83477 нафар (33,7%), гурӯҳи миёнасолон 143893 нафар (58,1%), 57 сола 64902 нафар (26,2%) ва гурӯҳи калонсолон 58 - 63 сола ва боло 13919 нафарро (5,6%) ташкил медиҳанд.

***Саломатии модар ва кӯдак.*** Саломатии аҳолӣ самти муҳими соҳаи иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, масъалаҳои вазъи солимии аҳолӣ, дастрасӣ ва пешниҳоди хизматрасонии босифати тиббӣ ба аҳолии табақаи осебпазири он, аз ҷумла занон ва кӯдаконро дар бар мегирад.

*Ҷадвали 24. Шумораи таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва дар хона, сатҳи фавти модарон дар солҳои 2008-2010*

| Нишондиҳандаҳо | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ шумораи таваллуд | 6085 | 6685 | 7549 |
| Дар таваллудхона | 5346 | 6361 | 7161 |
| Бо фоиз | 87,8 | 95,1 | 94,8 |
| Дар хона | 739 | 324 | 388 |
| Бо фоиз | 12,1 | 4,8 | 5,1 |
| Фавти модар ( шумора ба 100 ҳаз. зиндатаваллуд) | 49,3 | 14,9 | 52,9 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки шумораи таваллуд дар хона дар соли 2010 нисбати соли 2009 - 64 нафар зиёд мебошад, сабабҳои асосии зиёдшавии таваллуд дар хона дар минтақаҳои дурдаст қарор гирифтани аҳолӣ ва норасогии нақлиёти санитарӣ мебошад.

Фавти модарон низ дар соли 2010 нисбати соли 2009 38,0 промил зиёд гардидааст. Бинобар дер мурочиат кардани модарон ба муассисаҳои табобатӣ, саривақт нагирифтани табобати солимгардонии бемориҳои экстрогениталӣ, саривақт бистари нашудани занҳо пеш аз таваллуд сабабҳои фавти модарон мегардад.

*Ҷадвали 25. Шумораи фавти кӯдакони то 1 сола ва то 5 сола дар солҳои 2008 - 2010*

| Нишондод | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакони то 1 сола (Ба 1000 зинда таваллуд) | 107 | 100 | 108 |
| Промил | 17,5 | 14,9 | 14,4 |
| Фавти кӯдакони то 5 сола (Ба 1000 зинда таваллуд) | 141 | 129 | 153 |
| Промил | 23,1 | 19,1 | 20,2 |

170 нафар кӯдакони то 5 сола гирифтори камвазнӣ мебошанд, ки сабаби асосии он нодуруст ғизодиҳии кӯдакон мебошад ва бармаҳал гузаштан ба ғизодиҳии сунъӣ, ба сатҳи пасти дониши модарон вобаста мебошад.

*Ҷадвали 26. Маълумот оид ба эмкунии нақшавии кӯдакони то 1 сола*

| Номгӯй эмкуни | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Гул ва гулафшон | 98,2 | 98,7 | 99,2 |
| Гулӯзиндонак | 97,0 | 99,9 | 98,1 |
| Фалаҷ | 97,1 | 99,9 | 98,1 |
| Сил | 98,7 | 99,7 | 98,8 |
| Зардпарвин | 98,9 | 99,7 | 100,0 |

Дар соли 2010 - 7459-нафар кӯдакон таваллуд шудаанд ва аз ин шумора 6509 нафарашон дар идораҳои САҲШ ба қайд гирифта шудаанд, ки 87,2%-и умумии таваллудшудагонро ташкил медиҳад. Бояд кайд намуд, ки сол то сол таваллуд зиёд шудааст, яке аз омилҳои баланд будани нишондиҳандаи таваллуд аз он иборат аст, ки 4977 (66,7%) нафар кӯдакон аз 1 ва 2 ҳомила мебошанд. Қайд намудан лозим аст, ки солҳои 2009-2010 таваллуди занҳо дар хона кам шуда истодааст ва дар ин самт аз тарафи духтурони маҳаллӣ корҳои ташвиқотӣ ва фаҳмонданӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Инчунин дар соли 2010 бо маблағгузории ташкилоти байналхалқии ЮНИСЕФ лоиҳа дар мавзӯи «Беҳдошти вазъи хизматрасонии тиббӣ ба модару кӯдак» дар шаҳри Панҷакент силсилаи семинарҳо ва сӯҳбатҳо дар мавзӯъҳои «Ғизои табиӣ», «Пешгирии бемориҳои сироятӣ дар байни кӯдакон», «Ғизои солим дар давраи ҳомиладорӣ, модаршавии бехавф», «Пешгирии бемории ВИЧ СПИД», «Беҳатарии эмгузаронӣ», «Эҳёи навзодон». «Афзалияти зоиши стасионарӣ» гузаронида шуд ва зиёда аз 20 ҳазор буклетҳо ва варақаҳои иттилоотӣ ба модарон тақсим карда шуд, ки натиҷаҳои дилхоҳ дода истодааст.

Боиси хушнудист, ки нишондиҳандаи нобудшавии кӯдакон дар давоми се соли охир ба 3,7 промилле кам шудааст.

Дар соли 2010 108 нафар кӯдакони то синни 1 сола фавтидаанд, ки 13,4 фоизро ташкил медиҳад. Сабаби асосии фавти кӯдакон патологияи перинаталӣ- 52%, бемориҳои шадиди роҳҳои нафас - 14%, патологияи модарзодӣ - 10% ва дигар намуди бемориҳо аз 1 то 2 фоизро ташкил медиҳанд.

***Бемориҳои сироятӣ ва дигар бемориҳо.*** Мубориза ба муқобили бемориҳои сироятӣ аз ҷумлаи афзалиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола аст. Таҳлил нишон медиҳад, ки новобаста аз пешгирӣ ва дуруст ба роҳ мондани хизматрасонии тиббӣ сол то сол афзоиши бемориҳои сирояткунанда байни аҳолии шаҳр ба назар мерасад, аз бемориҳои сирояткунанда бештар аҳолӣ гирифтори бемориҳои сил, бруселез, ВИЧ/СПИД мебошанд.

*Ҷадвали 28. Шумораи мутлақи бемориҳои сироятӣ дар солҳои 2007-2010*

| Нишондиҳандаҳо | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | 312 | 393 | 456 | 425 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 138,4 | 170,4 | 193,6 | 176,1 |
| Газидани ҳайвонот | 115 | 123 | 239 | 264 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ ) | 51,0 | 53,3 | 101,5 | 109,4 |
| Исхоли хунин(дизентерия) | 4 | 4 | 4 | 3 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ ) | 1,7 | 1,7 | 1,6 | 1,2 |
| ВМНО (ВИЧ) | 14 | 17 | 35 | 65 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ ) | 6,2 | 7,3 | 14,8 | 26,9 |
| Бруселлез | 12 | 17 | 37 | 60 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ ) | 5,3 | 7,3 | 14,8 | 24,8 |
| Ҳамагӣ аҳолӣ: | 225265 | 230520 | 235751 | 241289 |

Дар солҳои охир дар ҳудуди шаҳр бемории сил сол то сол зиёд ба қайд гирифта мешавад, ки сабаби асосиаш паст будани сатҳи зиндагии мардум ва дар муҳоҷирот будани аксари беморон мебошад. Дар соли 2010- 425 ҳодисаи бемории сил ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати 2008 28 ҳодиса зиёд мебошад.

*Ҷадвали 29. Коэффисиенти бемориҳои сироятӣ дар солҳои 2008 – 2010 (промилле)*

| Бемориҳои сироятӣ | 2008 | 2009 | 2010 | 2010 нисбати 2008 (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | 1,6 | 1,9 | 1,7 | 0,1 |
| Бемории бруселлез | 0,07 | 0,1 | 0,2 | 0,13 |
| ВМНО (ВИЧ) | 0,07 | 0,1 | 0,2 | 0,13 |
| Газидан, оболудшави,ҳарошидан аз тарафи ҳайвонҳо | 0,5 | 1,0 | 1,0 | 0,5 |
| Бемории домана | 0,01 | | 0,004 | 0,003 |
| Исхоли хунин (дизентерия) | 0,01 | 0,01 | 0,01 | |

Сироятёбӣ ба вируси ВМНО (ВИЧ) ҳам зиёд шуда истодааст. Дар соли 2010 - 65 ҳодисаи сироятёбӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2008 ба 17 ҳодиса баробар буд. Гирифтори бемории ВМНО (ВИЧ) сироятӣ ба ҳолати 1 июли соли 2011 77 нафарро ташкил мекунад. Синну соли 15-24 сола гирифтори ин беморӣ 1 нафар зан ба қайд гирифта шудааст. Паҳншави бемории ВМНО (ВИЧ) сироятӣ дар байни истеъмол кунандагони наъша 32 фоизро ташкил медиҳад.

Дар айни замон 16 нафар беморон АРВ – терапея мегиранд. 1- нафар муҳоҷир фавтидааст. Дар айни замон ташхису табобати беморон дуруст ба роҳ монда шудаст.

Дар 6 моҳи соли 2011 ҳамагӣ 3861 нафар ташхиси тестӣ гузаронидаанд, 27 нафари онҳо бори нахуст гумондори бемории ВМНО (ВИЧ) сироятӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Бемории бруселлез низ солҳои охир ду маротиба зиёд гаштаст, ки сабаби асосии бемориӣ ба гову гӯсфанд алоқамандӣ дорад. Дар соли 2010 – 60 ҳодисаи бруселлёз ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод дар соли 2008 ба 17 ҳодиса баробар буд. Мутаассифона, дар шаҳр барои пешгирии ин бемории сироятӣ эмкунӣ ва дигар чорабиниҳо гузаронида намешавад.

Ҳамин тавр вазъият дар бемории хорӣ (газиданӣ, оболудшавӣ ва хорошиданӣ) низ дида мешавад. Дар соли 2008 ҳамагӣ 123 ҳодисаи газидани ҳайвонҳо ба қайд гирифта шуда буд, ки ин нишондод дар соли 2010 то ба 264 ҳодиса боло рафтаст. Яке аз сабабҳои асосии зиёдшавии бемориҳои бо газидани ҳайвонот вобаста буда, ин зиёд шудани сагҳои дайду дар ҳудуди шаҳр ва паст будани сатҳи хизматрасонии бойторӣ мебошад.

Сабаби афзоиши бемориҳои сироятӣ пеш аз ҳама саривакт ташхис нагардидани бемориҳо, махсусан дар оилаҳое, ки ба хизматрасонии тиббӣ дастнорасанд, сатхи пасти огоҳии аҳолӣ оид ба сабабҳои рух додани беморӣ ва муоинаи он, сатҳи баланди хароҷот барои муолиҷа ва бо оби нӯшокии хушсифат таъмин набудани қисми зиёди аҳолӣ мебошад.

***Сохтори соҳаи тандурустӣ ва равандиислоҳот:*** Айни замон дар соҳаи тандурустии шаҳри Панҷакент барномаҳои соҳавӣ дар 7 бахшҳои тиббӣ амалӣ шуда истодаанд. Дар шаҳру деҳот 127 муассисаи табобатӣ, бемористони маркази шаҳри Панҷакент, диспансери бемориҳои рӯҳӣ ва наркологӣ, маркази мубориза бо бемории сил, шифохонаи кӯдакон, диспансери бемориҳои омӯзишӣ ва пӯст, таваллудхона, маркази саломатӣ, дармонгоҳи дандонпизишкӣ, шифохонаи амрози сироятӣ, маркази хусусии ташхиси - табобатии «Шафқат Авитсена», 13 бемористони минтақавии деҳот, 41 маркази саломатӣ, 64 хонаи саломатӣ ва бахшу дорухонаҳои гуногун фаъолият менамоянд. Дар бемористонҳо 1245 кат мавҷуд мебошад. Маркази ташхису табобатии шаҳри Панҷакент ягона маркази хусусӣ мебошад, ки бо таҷҳизоти нодири ташхису муолиҷавии ҳозиразамон муҷаҳҳаз буда, ба тамоми сокинони водии Зарафшон хизмат мерасонад.

Вазифаи асосии соҳаи тандурустӣ беҳтар намудани шароити дастрасӣ ба системаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС), беҳдоштӣ ва сифати он мебошад. Дар солҳои сипаригардида номутаносибии назаррас дар тақсимоти заминаи моддӣ ва воситаҳои буҷетӣ байни КАТС ва хадамоти бистарикунонӣ ба мушоҳида мерасид, ки дар натиҷа барои тандурустии сатҳи дуюм (шифохонаҳо) қисми зиёди маблағгузорӣ равона гардида, арзиши он гарон ва барои аҳолии камбизоат дастнорас буд.

Сохтори шабакаи муассисаҳои КАТС аз 41 маркази саломатӣ ва 64 хонаи саломатӣ иборат буда, 24-тои онҳо ба таъмир ва сохтани бино зарурат доранд. Масоҳати хизматрасонии тиббӣ то ҷамоатҳои Фароб, Шинг, Моғиён, Рӯдакӣ, Амондара, Вору, Л.Шералӣ ва Ёрӣ аз 40 то 76 км-ро ташкил менамояд, албатта бе набудани нақлиёти ёрии таъҷилӣ ба аҳолӣ кӯмаки аввалиндараҷа расонидан мушкил аст. Ҳамзамон таҷҳизотҳои беморхонаҳои шаҳр ва деҳот бениҳоят фарсудаю кӯҳна шудаанд.

Ба аҳолии шаҳр беморхонаи марказии дорои 410 кат, 13 беморхонаҳои деҳотӣ, 1 маркази саломатии ноҳия, 40 марказҳои саломатии деҳотӣ ва 64 хонаҳои саломатӣ хизмати тиббӣ мерасонанд.

Дар муассисаҳои тиббии шаҳр айни ҳол 296 нафар табибон ва 971 нафар кормандони миёнаи тиббӣ фаъолият доранд. Таъминоти аҳолӣ бо табибон 11,9 нафар ва кормандони миёнаи тиббӣ 39,1 нафар ба 10000 аҳолӣ рост меояд.

*Ҷадвали 30. Таъминоти аҳолӣ бо кормандони тиб ва катҳо (коэффисиент)*

| Номгӯи нишондодҳо | Воҳиди ченак | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|
| Таъмини аҳолӣ бо духтурон | 1 нафар ба 10000 аҳолӣ | 11,8 | 12,0 | 11,7 |
| Таъмини аҳолӣ бо кормандони миёнаи тиббӣ | 1 нафар ба 10000 аҳолӣ | 40,8 | 40,2 | 39.2 |
| Таъмин будани аҳолӣ бо катҳо | 1 кат ба 10000 аҳолӣ | 53,0 | 52,0 | 51,5 |

Дар давоми соли равон бо сабабҳои гуногун 20 нафар табибон ва 39 нафар кормандони миёнаи тиббӣ аз кор рафта, 14 нафар табибон ва 101 нафар кормандони миёнаи тиббӣ ба сохторҳои гуногуни соҳаи тандурустии шаҳри Панҷакент ба кор омадаанд.

Муассисаҳои тиббии профилактикӣ ва госпитали шаҳр ба мутахассисони зерин ниёзманд мебошад: духтурони момодоя - 8 нафар, духтурони амрози дарунӣ 6-нафар, духтурони кӯдакона 5-нафар, фтизиатр - 6 нафар, лаборант - 8 нафар, сироятшинос - 4 нафар, стоматолог - 14 нафар, духтури оилавӣ - 46 нафар, эндокринолог- 2 нафар, рӯҳшинос - нафар 3, духтур неонатолог - 6 нафар ва рентгенолог - 2 нафар.

*Ҷадвали 31.Таъминот бо мутахассисони касбӣ дар КАТС*

| МТП | Ҳамагӣ кормандон | Маълумоти миёнаи махсус | Маълумоти олӣ |
|---|---|---|---|
| КАТС | 874 | 722 | 152 |
| Бо фоиз | 100% | 82,6% | 17,3% |

Дар тайёр кардани кормандони миёнаи тиббии водии Зарафшон омӯзишгохи тиббии шаҳри Панҷакент саҳми арзанда мегузорад. Айни ҳол 643 нафар толибилмон дар омӯзишгоҳ сабақ омӯхта истодаан, ки 459 нафарашон (71%) духтарон мебошанд. Бо сабаби кам будани музди маош, истифода нашудани имтиёзҳо ва кӯмакҳои моддӣ аксарияти мутахассисони ҷавон баъд аз хатми донишкадаҳо, омӯзишгоҳҳои тиббӣ ба деҳот барнамегарданд.

Синну соли миёнаи кормандони тиб дар соли 1991- 35 солро ташкил медод ва дар соли 2010 ин нишондод ба 50 сол мерасад.

Дар ҳудуди шаҳр ва деҳоти Панҷакент Маркази ёрии таъҷилӣ вуҷуд надорад. Гарчанде барои ташкил намудани чунин марказ дар бинои Беморхонаи марказии шаҳр имконият мавҷуд аст, аммо барои таҷҳизоти зарурӣ (мизу курсиҳо, катҳои махсусгардонида шуда) нақлиёт (2 адад), сӯзишворӣ ва воҳидҳои корӣ (ҳамширҳхои тиббӣ, кормандони техникӣ) ҳамасола ҷудо намудани 45 ҳазор сомонӣ зарурат дорад.

Бо баробари ин таҷҳизотҳои беморхонаҳои шаҳр ва деҳот бениҳоят фарсуда шудаанд. Умуман баъди пош хӯрдани Иттиҳоди шӯравӣ ягон намуди таҷҳизотҳои зарурӣ ба монанди катҳо, кӯрпаю болишт, болопӯшҳо харидорӣ нашудаанд. Инчунин хамаи таҷҳизотҳои ташхисии тиббӣ қариб, ки корношоям шудаанд, аз ин сабаб пеш аз ҳама

таҷҳизоти рентгенӣ, УЗИ, Бронхоскоп, электрокоагулятор, автоклав ва таҷҳизоти нафаси сунъиро харидорӣ намудан зарур мебошад.

Маҳдудии дастрасӣ ба хадамоти тиббӣ ва сифати пасти хизматрасониҳо дар бахши тандурустӣ, сарфи назар аз афзоиши ҳаҷми маблағгузории буҷетӣ ва кӯмаки хориҷӣ ба назар мерасад. Бо вуҷуди он, ки фоизи хароҷоти бахши тандурустӣ дар солҳои охир зиёд шуда бода ҳам, маблағҳои ҷудошуда барои фаъолияти устувор ва рушди тандурустӣ нокифоя мебошанд.

*Ҷадавли 32. Дурнамои рушди соҳаи тандурустии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | |
| Таъминот барои 10 ҳазор аҳолӣ: | | | | | | |
| бо катҳо дар беморхонаҳо (кат) | 49,3 | 47,4 | 45,5 | 45,5 | 43,0 | 87 |
| бо духтурон (нафар духтур) | 13,7 | 13,9 | 14,0 | 14,1 | 14,4 | 105 |
| бо кормандони миёнаи тиббӣ (нафар к.м.т.) | 44,3 | 45,0 | 45,2 | 45,5 | 45,7 | 103 |
| бо муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ (қабул дар як баст) | 762,7 | 771,5 | 781,2 | 788,5 | 806,5 | 106 |

***Мушкилотҳои соҳа.*** Мушкилиҳои мавҷудаи системаи тандурустии Панҷакентро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1) бад будани заминаи моддию техникие, ки боиси паст шудани сифати хизматрасонии тиббӣ ва баланд шудани сатҳи паҳншавии касалиҳои сироятии аз нигоҳи иҷтимоӣ хатарнок, ки боиси фавти модару кӯдак мегардад; 2) сатҳи пасти тахассусии кадрҳои тиббӣ; 3) суръати сусти ислоҳоти соҳаи тандурустӣ (иштироки маҳдуди бахши хусусӣ, истифодаи ғайрисамарабахши воситаҳои мавҷуда аз сабаби номукаммалии механизмҳо ва маҳдуд будани ҳаҷми маблағгузорӣ).

### 3.2. Соҳаи маориф

***Сатҳи умумии маълумотнокӣ.*** Сатҳи умумии маълумотнокии аҳолии шаҳри Панҷакент солҳои охир зиёд шуда истодааст.

*Ҷадвали 33. Сатҳи маълумотнокии аҳолии шаҳри Панҷакент дар солҳои 2008-2010*

| Сатҳи маълумотнокӣ | 2008 | | 2010 | |
|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | аз ҷумла занон | ҳамагӣ | аз ҷумла занон |
| Маълумоти олӣ | 8215 | 3861 | 8498 | 3954 |
| Маълумоти олии нопурра | 938 | 506 | 970 | 583 |
| Маълумоти миёнаи касбӣ | 7131 | 3637 | 7377 | 3664 |
| Маълумоти миёнаи умумӣ | 63500 | 36830 | 65690 | 37723 |
| Маълумоти миёнаи нопурра | 28732 | 13791 | 29722 | 14365 |

***Маълумоти томактабӣ.*** Дар шаҳр аз 12 муассисаҳои томактабӣ танҳо 3-тои он ҷавобгӯи талаботи замонавӣ аст. Биноҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабии №3, №7, №8, №9 ба таъмири асоси ниёз доранд, зеро бинои ин кӯдакистонҳо хело кӯҳнаву фарсуда шудаанд. Инчунин таҷҳизотҳои дар кӯдакистонҳои мазкур мавҷуда низ фарсуда гардидаанд. Муассисаҳои томактабӣ дар шаҳри Панҷакент дорои 75 гурӯҳҳо мебошанд, ки 42 гурӯҳи он ба кӯдакони аз 3-сола боло ҳамоҳанг карда шудааст. Аксарияти биноҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба таъмири асосӣ ва таҷҳизоти нави ҳозиразамон ниёз доранд. Зеро бинову таҷҳизотҳои муассисаҳои томактабии шаҳр ҳанӯз аз давраи Шӯравӣ боқӣ мондаанд ва кӯҳнаву фарсуда гардидаанд. Аз 9 муассисаи таҳсилоти томактабии дар шаҳр воқеъ буда 8-тояш бо қувваи барқ ва 1-то он (№8) дар фасли зимистон бо печкаҳои алобӣ гарм карда мешавад. Ғунҷоиши умумии

муассисаҳои томактабии шаҳр барои 1771 нафар кӯдак мувофиқ карда шудааст, ки аз он 680 ҷой замонавӣ мебошад.

*Ҷадвали 34. Иштирок дар муассисаҳои томактабӣ дар тӯли солҳои 2008 -2010 (нафар)*

| № | Номгӯи муассисаҳои томактабӣ | Шумораи кӯдакон дар соли 2008 | | | Шумораи кӯдакон дар соли 2009 | | | Шумораи кӯдакон дар соли 2010 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | умумӣ | писар | духтар | умумӣ | писар | духтар | умумӣ | писар | духтар |
| 1 | Т.Исмоилова | 250 | 129 | 121 | 265 | 148 | 117 | 285 | 162 | 123 |
| 2 | Азамат | 120 | 60 | 60 | 135 | 60 | 75 | 160 | 75 | 85 |
| 3 | Алла | 115 | 77 | 38 | 140 | 85 | 55 | 150 | 91 | 59 |
| 4 | Ситора | 120 | 70 | 50 | 126 | 75 | 51 | 136 | 85 | 51 |
| 5 | Гулғунча | 71 | 43 | 28 | 85 | 43 | 42 | 114 | 61 | 53 |
| 6 | Модар | 250 | 160 | 90 | 250 | 160 | 90 | 280 | 164 | 116 |
| 7 | Навниҳол | 150 | 68 | 82 | 180 | 91 | 89 | 180 | 85 | 95 |
| 8 | Наврӯз | 220 | 109 | 111 | 220 | 109 | 111 | 255 | 136 | 119 |
| 9 | Меҳргон | 154 | 70 | 84 | 174 | 94 | 80 | 184 | 99 | 85 |
| 10 | Офтобак | 100 | 46 | 54 | 120 | 45 | 75 | 120 | 56 | 64 |
| 11 | Фирӯза | 136 | 61 | 75 | 136 | 61 | 75 | 183 | 80 | 103 |
| 12 | Фариза | 100 | 40 | 60 | 100 | 44 | 56 | 100 | 14 | 86 |
| | Ҳамагӣ: | 1786 | 933 | 853 | 1931 | 1015 | 916 | 2147 | 1108 | 1039 |

Дар асоси нишондодҳои соҳаи маорифи шаҳр ҳар сол қариби 1000 кӯдакони шаҳр аз синну соли томактабӣ ба сафи хонандагон мегузаранд. Агар ҳар сол 22 % кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ барои тайёрӣ фаро гирифта шаванд, пас боқимондаи он аз ин намуди фарогирӣ ва тайёрӣ маҳрум мебошанд. Дар деҳаҳое, ки аҳолӣ зиёд доранд, ба бунёди бинои кӯдакистон ниёз доранд, вале бинобар набудани маблағ сохтмони кӯдакистонҳо ғайриимкон аст.

***Маълумоти миёна.*** Соли хониши 2010-2011 дар шаҳри Панҷакент 134 мактабҳои таҳсилоти умумӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 51769 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуда, 31583 нафар хонандагон дар басти аввал таҳсил менамоянд. Аз шумораи умумии хонандагон 24876 нафарашон ё 48,1 фоиз духтарон мебошанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки шумораи умумии хонандагон сол аз сол кам шуда истодааст.

*Ҷадвали 35. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ (нафар)*

| Синфҳо | 2007-2008 | | | | 2008-2009 | | | | 2009-2010 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | писар | духтар | %-и духтар | ҳамагӣ | писар | духтар | %-и духтар | ҳамагӣ | писар | духтар | %-и духтар |
| I. | 4937 | 2504 | 2433 | 49,2 | 4787 | 2430 | 2357 | 49,2 | 4886 | 2546 | 2340 | 47,8 |
| II. | 5326 | 2727 | 2599 | 48,7 | 5026 | 2592 | 2434 | 48,4 | 4836 | 2421 | 2415 | 49,9 |
| III. | 4861 | 2468 | 2393 | 49,2 | 5272 | 2709 | 2563 | 48,6 | 5012 | 2570 | 2442 | 48,7 |
| IV. | 4950 | 2468 | 2482 | 50,1 | 4915 | 2481 | 2434 | 49,5 | 5299 | 2716 | 2583 | 48,7 |
| Ҳамагӣ: 1-4 | 20074 | 10167 | 9907 | 49,3 | 20000 | 10212 | 9788 | 48,9 | 20033 | 10253 | 9780 | 48,8 |
| V. | 5322 | 2682 | 2640 | 49,6 | 4976 | 2595 | 2381 | 47,8 | 4874 | 2457 | 2417 | 49,5 |
| VI. | 5828 | 3029 | 2799 | 48,0 | 5239 | 2608 | 2631 | 50,2 | 4910 | 2568 | 2342 | 47,6 |
| VII. | 5305 | 2729 | 2576 | 48,5 | 5779 | 2954 | 2825 | 48,8 | 5257 | 2641 | 2616 | 49,7 |
| VIII. | 5055 | 2570 | 2485 | 49,1 | 5253 | 2698 | 2555 | 48,6 | 5733 | 3087 | 2646 | 46,1 |
| IX. | 5343 | 2682 | 2651 | 49,6 | 5093 | 2574 | 2519 | 49,4 | 5184 | 2667 | 2517 | 48,5 |
| Ҳамагӣ: 5-9 | 26853 | 13702 | 13151 | 48,9 | 26340 | 13429 | 12911 | 49,0 | 25958 | 13320 | 12638 | 48,6 |
| X. | 2996 | 1675 | 1321 | 44,0 | 3039 | 1617 | 1422 | 46,7 | 3044 | 1743 | 1301 | 42,7 |
| XI. | 2870 | 1589 | 1281 | 44,6 | 2822 | 1552 | 1270 | 45,0 | 2765 | 1547 | 1218 | 44,0 |
| Ҳамагӣ: 10-11 | 5866 | 3264 | 2602 | 44,3 | 5861 | 3169 | 2692 | 45,9 | 5809 | 3290 | 2519 | 43,3 |
| Ҳамагӣ: | 52793 | 27133 | 25660 | 48,6 | 52201 | 26810 | 25391 | 48,6 | 51800 | 26863 | 24937 | 48,1 |

Дар қаламрави шаҳру деҳот ба таълими зиннаи аввал кӯдакони ба синни ҳафт даромада пурра қабул карда мешаванд. Соли таҳсили 2010-2011- 5104 нафар кӯдакони синни 7 сола ба мактаб қабул карда шуданд, ки аз онҳо 2495 нафарашон духтарон мебошанд. Умуман дар синфҳои 1-4 19867 нафар хонандагон таҳсил мекунанд, ки 9735 нафарашон духтарон мебошанд. Соли таҳсили равон дар 72 мактаб ба хонандагони синфҳои 1-4 хӯроки гарм аз тарафи Барномаи Озуқаи Ҷаҳонӣ дода мешавад, ки шумораи онҳо 9648 нафар, аз ҷумла 4788 нафар духтарон мебошанд.

Ба зинаи дуюми таълим хонандагони синфҳои 5-9 фаро гирифта шудаанд, ки шумораи умумии онҳо 25932 нафар, ки 12656 нафарашон духтарон мебошанд. Дар давоми соли хониши 2009-2010, 412 нафар хонандагони синфҳои 5-9 мактабҳои худро тарк карданд, ки аз он 39 нафарашон духтарон мебошад, аз ҳисоби умумӣ 99 нафар ба мактабҳои дигари шаҳру деҳот, 198 нафар ба мактабҳои дохили ҷумҳурӣ ва 134 нафар ба мактабҳои берун аз ҷумҳурӣ рафтанд.

Дар соли хониши 2010-2011 шумораи умумии хонандагони синфҳои 10-11 - 8970 нафар, аз онҳо 2485 нафарашон духтарон. Дар деҳаҳое, ки мактаби миёна надоранд, хонандагон маълумоти пурраи синфи 10-11-ро фарогир нестанд.

Мактабҳои шаҳру деҳоти Панҷакент соли 2010 ба маблағгузории меъёрӣ гузаштанд. Дар соли 2011 ба сари ҳар як хонанда дар мактабҳои миёна 268 сомонӣ ва қисмати мактабӣ 4954 сомонӣ ва дар мактабҳои асосӣ ба сари ҳар як хонанда 304 сомонӣ маблағ ҷудо шудааст.

Таҷҳизотҳои таълимии мактабҳо кӯҳнаю фарсуда гаштаанд. Бо китобҳои дарсӣ хонандагони мактабҳо пурра таъминанд. Шумораи умумии китобҳои дарсӣ 52300 адад мебошад.

Мутахассисони соҳа сабаби камшавии хонандагонро дар мактабҳо аз кам шудани шумораи қабул ба синфи 1-ум ва 10-ум медонанд. Сабаби асосии пурра фаро гирифта нашудани хонандагон баъди хатми синфи 9-ум дар он аст, ки қисми писарбачагони оилаҳои камбизоат ба муҳоҷирати меҳнатӣ, қисми дигари писару духтарон ба омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзгорӣ, тиббӣ ва инчунин ҳамроҳи падару модарон берун аз ҳудуди шаҳру деҳот рафтани хонандагон ба ҳисоб меравад. Яке аз сабабҳои дигар, норасогии маблағи буҷаи оилавӣ барои таъмин намудани кӯдакон бо сару либос, таҷҳизоти мактабӣ ва дурии роҳ мебошад. Ҳамчунин набудани мактаби миёна дар як қатор деҳаҳо.

Тибқи тадқиқоти гузаронидаи ташкилоти «М-Вектор» дар соли 2007 муайян гардид, ки 35,8% деҳаҳо дар масофаи дур аз мактабҳо ҷойгир шудаанд. Дурии роҳ аз 3 то 10 км-ро ташкил намуда, нақлиёти мусофирбарии ҷамъиятӣ мавҷуд нест. Ҳамчунин ҳолати бади роҳҳо (бахусус дар фасли зимистон аз лойқаи зиёд душворгузар будани роҳ), набудани кӯпрукҳои хурди одамгузар низ таъсири манфии худро барои фарогирии таҳсил ба кӯдакони синфҳои ибтидоӣ мерасонад.

Дар соли хониши 2010-2011 дар мактабҳо 3784 нафар омӯзгорон машғули таълим мебошад, ки аз онҳо 1829 нафарашонро занон ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии муаллимон 1877 нафарашон дорои маълумоти олӣ, 256 нафарашон дорои маълумоти олии нопурра, 1632 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 19 нафар дорои маълумоти миёнаи умумӣ мебошанд. Дар соли хониши 2010-2011 нарасидани омӯзгорони маълумоти олидор 24 нафар, бахусус аз фанҳои физика, математика, забонҳои русию англисӣ, таърих ва технологияи информатсионӣ мебошанд.

*Ҷадвали 36. Шумораи омӯзгорон дар давраи солҳои 2007- 2010 (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳои хониши | | |
|---|---|---|---|
| | 2007-2008 | 2008-2009 | 2009-2010 |
| Шумораи умумии омӯзгорон | 3860 | 3801 | 3800 |
| -аз ин занон | 1782 | 1825 | 1829 |
| Аз чумла | | | |
| Дорои маълумоти олӣ | 1870 | 1865 | 1926 |
| -аз ин занон | 486 | 484 | 518 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Олии нопурра | 177 | 259 | 361 |
| -аз ин занон | 92 | 182 | 122 |
| Миёнаи махсус | 1788 | 1656 | 1498 |
| -аз ин занон | 1200 | 1159 | 1189 |
| Миёнаи умумӣ | 25 | 21 | 15 |
| -аз ин занон | 4 | 0 | 0 |
| Муаллимоне, ки аз кор рафтанд | 274 | 211 | 235 |
| -аз ин занон | 84 | 75 | 72 |
| Норасогии кадрҳо | 147 | 54 | 12 |

Дар 32 мактабҳои деҳотҳои шаҳри Панҷакент таълим ба забони ӯзбекӣ гузаронида мешавад, дар ҳамаи ин мактабҳо таълимӣ забони давлатӣ низ ба роҳ монда шудааст.

Айни замон дар мактабҳои таҳсилоти умумии шаҳру деҳот 870 адад компютер, 115 адад принтер мавҷуд аст, ки он барои таълими хонандагон нокифоя аст. Дар асоси Барномаи компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти умумӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаи қабулнамудаи мақомоти маҳаллӣ 20 нафар хонандаи синфҳое, ки аз фанни технологияи информатсионӣ таълим мегиранд бо 1 адад компютер бояд таъмин карда шаванд. Барои амалӣ намудани ин мақсад 86 адад компютер намерасад ва мақомоти маҳаллӣ тасмим гирифтааст, ки тавассути корхонаву ташкилотҳои шаҳр ин эҳтиёҷотро таъмин намояд. Ҳамчунин 11 мактаб ба шабакаи «Интернет» пайваст шудааст.

Фарогирии бачагони имконияташон маҳдуд тавассути таълим дар хона ба роҳ монда шудааст. 152 нафар дар хона таълим мегиранд, ки 65 нафарашон духтарон мебошанд.

Соли таҳсили 2010-2011 хонандагон аз фанҳои таълимӣ дар олимпиадаи даври якуми шаҳрӣ 1500 нафар аз рӯи 15 фанни таълимӣ ширкат варзида 60 нафар ҷои аввал, 68 нафар ҷои дуюм ва 80 нафар ҷои сеюмро ишғол намуданд. Дар даври сеюми олимпиадаи вилоятӣ бошад 72 нафар хонандагон ширкат варзиданд, ки аз онҳо 45 нафар ҷои аввал, 22 нафар ҷои дуюм ва 9 нафар ҷои сеюмро ишғол намуданд.

Дар даври чоруми олимпиадаи ҷумҳуриявӣ бошад 13 нафар аз мактабҳои типи нав, 26 нафар аз мактабҳои таҳсилоти умумӣ ширкат варзиданд, ки 7 нафар соҳиби медал гаштанд.

Дар олимпиадаи байналмиллалӣ дар шаҳри Екатеренбурги Федератсияи Руссия 5 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ширкат варзида, соҳиби медали тилло гаштанд.

Бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр дар соли 2010 ду мактаби нав дар мавзеи Хамиртеппа ва деҳаи Ваҳдат сохта ба истифода дода шуданд. Ҳамчунин дар деҳаи Косатароши поён 4 синфхонаи иловагӣ ( мактаби №69) дар ҳамкорӣ бо корхонаи муштараки «Зарафшон» ба усули ҳашар сохта шуд. Инчунин бинои мактаби нав дар деҳаи Ути-баланди ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ бо маблағгузории Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шуд, ки дар ояндаи наздик ба истифода дода хоҳад шуд. Бинои нави мактаб дар деҳаи Олимободи ҷамоати Фароб бо дастгирии ташкилоти байналхалқӣ, мақомоти иҷроияи махаллии ҳокимияти давлатӣ, ҳашари аҳолӣ сохта шуда истодааст, ки дар арафаи соли нави таҳсили 2011-2012 ба анҷом хоҳад расид.

Ҳамчунин дар назар аст, ки бо маблағгузории Фонди каталикӣ дар деҳаи Вен мактаби нав ва дар деҳаҳои Советобод, Шашқат ва Яккахона таъмири асосии мактабҳои таҳсилоти умумии №35,41,50 гузаронида мешавад. Инчунин бо маблағгузории Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳаи Моғиён мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №61, ки дар ҳолати садамавӣ қарор дорад сохта мешавад.

Дар мавзеҳои навтаъсисёфта ба монанди деҳаи Дашти Чаккаи ҷамоати деҳоти Моғиён, Истиқлол ва Бӯстони ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ, Пули мурифи ҷамоати деҳоти Вору, маҳаллаи Тутзори шаҳр, Ӯртабулоқи ҷамоати деҳоти Фароб мактаб мавҷуд нест ва кӯдакони ин деҳаҳо ба деҳаҳо ва маҳаллаҳои ҳамсоя барои таҳсил мераванд. Айни замон 9 мактаб дар ҳолати садамавӣ ва 40 мактаб ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ дорад. Дигар мушкилот ин солҳои тӯлонӣ дар баъзе аз мактабҳо иваз накардани мизу курсиҳо

мебошад, ки он фарсудаю корношоям гардидаст. Қисме аз мушкилот бо дастгирии мақомоти маҳаллӣ, ташкилотҳо, сметаи харочоти худи мактаб ва дастгирии волидайн ҳалли худро пайдо намуда истодааст. Мактабҳои шаҳри Панҷакент дар шароити кунунӣ ба 5233 маҷмӯъ (комплект) барои 10532 ҷои нишаст мизу курсиҳо эҳтиёҷот доранд, чунки дар аксарияти мактабҳо он кӯҳнаю фарсуда гаштааст ва аз даврони Иттиҳоди Шӯравӣ боқӣ мондааст.

Шумораи ҷойҳои нишаст дар мактабҳои таҳсилоти умумии шаҳру деҳот дар соли таҳсили 2008-2010-ум 31590 ҷойро ташкил дод. Бо баробари зиёдшавии аҳолӣ дар баъзе маҳалҳо дар мактабҳо нарасидани синфхонаҳо ба назар мерасад, бинобар ин мактабҳои маркази шаҳр ба таълими се бастӣ гузаштаанд. Аз ин рӯ чунин мактабҳо ба сохтмони синфхонаҳои иловагӣ эҳтиёҷ доранд, ки дар нақшаи алоҳидагӣ нишон дода мешаванд. Соли равон синфхонаҳои иловагӣ бо усули ҳашар, дар назди мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №68-и деҳаи Кумсой (2 синфхонаи иловагӣ), №56-и деҳаи Сӯфиён (2 синфхонаи иловагӣ), №73-и деҳаи Марғедари Боло (2синфхонаи иловагӣ), №61-и деҳаи Моғиён (2 синфхонаи иловагӣ), №48-и деҳаи Авазалӣ (2 синфхонаи иловагӣ), №57-деҳаи Ёрӣ дар мавзеи Ҳоҷаҳавлоӣ (6 синфхонаи иловагӣ) ва мактабҳои таҳсилоти умумии асосии №22-и деҳаи Чорбоғи боло (2 синфхонаи иловагӣ), №23-и деҳаи Зиддӣ (2 синфхонаи иловагӣ) сохта шуда истодааст.

Ҳамзамон мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №23 деҳаи Ғезани Боло, № 45 деҳаи Ғезани поён, №56 деҳаи Сӯфиён, № 61 деҳаи Моғиён, №6 деҳаи Ғӯсар, №17 деҳаи Шӯрча ва мактабҳои таҳсилоти умумии асосии №18 деҳаи Сарикамар, № 51 деҳаи Вен, № 40 Тагоби халқ дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, ба барқарорсозӣ ниёз доранд.

Мушкилоти ҳалталаби дигар ин аст, ки сохтмони қисме аз мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии №14,31,64,71 аз давраи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ нотамом монда, дар мактабҳои миёнаи умумии № 16 ва 51 танҳо таҳкурсии биноҳо сохта шудааст. Хонандагони ин мактабҳо дар мактабҳои кӯҳна дар ду баст таҳсил менамоянд ва шароити таҳсилашон хеле вазнин мебошад.

Мушкилоти дигари асосӣ дар он аст, ки аксарияти мактабҳои шаҳру деҳот дар фасли тирамоҳу зимистон бо печкаҳои алобӣ гарм карда мешаванд. Солҳои пеш қисме аз мактабҳо бо системаҳои гармидиҳии буғӣ гарм карда мешуданд, вале онҳо бо сабаби солҳои зиёд истифода нашудан, дар шароити кунунӣ аз кор баромада, таъмирталаб мебошанд. Ин ҳолат дар мактабҳои № 1, 2, 3, 4, 9, 13, 29, 30, 33, 40, 44, 47, 48, 57 инчунин литсеи шаҳр мавҷуд аст.

*Ҷадавли 37. Дурнамои рушди соҳаҳои маориф барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ новобаста аз шакли моликият (нафар) | 2146 | 2150 | 2160 | 2165 | 2170 | 101 |
| Миқдори ҷойҳо дар муассисаҳои томактабӣ (ҷой) | 2010 | 2020 | 2030 | 2040 | 2070 | 103 |
| Шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ – ҳамагӣ (нафар) | 51933 | 52000 | 52050 | 52100 | 52150 | 100 |

***Маълумоти берун аз мактабӣ.*** Дар шаҳру деҳот 3 маркази таҳсилоти иловагӣ амал мекунанд, ки онҳо дар маркази шаҳр, деҳаи Ғӯсари ҷамоати деҳоти Лоиқ Шералӣ ва деҳаи Кулолии ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ ҷойгир ҳастанд. Ин марказҳо дорои 47 маҳфил буда, асосан маҳфилҳои дӯзандагӣ, рассомӣ, лӯхтаксозӣ, кишваршиносӣ, суратгирӣ ва ғайраҳо иборат аст. Дар соли 2010 ба маҳфилҳо 1264 нафар хонандагони мактабҳо фаро гирифта шуда, ба онҳо 54 нафар роҳбарони маҳфил таълим медиҳанд. Биноҳои марказҳо таъмирталаб буда, ба таҷҳизонидан ниёз доранд.

Бо сабаби набудани шароити мусоиди корӣ, набудани маблағи зарурӣ, нарасидани бино, набудани асбобҳои аёнӣ, дастгоҳҳо аз қабили мошинаҳои дарздӯзӣ, дуредгарӣ, компютер ва мизу курсиҳо дар ҳудуди 12 ҷамоатҳои шаҳру деҳот чунин марказҳо ташкил карда нашудааст.

***Колеҷи омӯзгории ба номи Лоиқ Шералии шаҳри Панҷакент*** соли 1930 таъсис ёфтааст. Соли 2010 ба колеҷ табдил дода шуд. Колеҷ дорои се бинои дуошёнаи таълимӣ, толори варзишӣ, толори маҷлисгоҳ, китобхона, хобгоҳ мебошад. Дар колеҷ ихтисҳои муаллими синфҳои ибтидоӣ, забони англисӣ, забони русӣ мавҷуд аст. Таҳсил дар шакли рӯзона ва ғоибона ҷараён дорад. Соли хониши 2009-2010 дар шӯъбаи рӯзона 378 нафар (231 нафарашон духтар) ва дар шӯъбаи ғоибона 244 нафар (203 нафарашон духтар) таҳсил менамоянд. Ба онҳо 40 нафар устодон сабақ меомӯзанд, ки аз онҳо 6 нафарашонро занон ташкил медиҳанд. Дар соли таҳсили 2010-2011 шумораи умумии донишҷӯён шӯъбаи рӯзона 429 нафар, аз ҷумла духтарон 296 нафар аст ва дар шӯъбаи ғоибона 269 нафар, аз ҷумла духтарон 189 нафар мебошанд. Шумораи омӯзгорон 48 нафар буда, аз онҳо 18 нафарашон занҳо мебошанд. Дараҷаи маълумотнокӣ: олӣ- 41 нафар, олии нопурра - 5 нафар, миёнаи махсус - 2 нафар мебошад.

Бинои колеҷи мазкур соли 1972 сохта шудааст ва аз таъмири асосӣ бароварда шудааст. Қубурҳои гармидиҳии он тамоман корношоям гардида, хати озоди барқ мавҷуд нест. Айни замон синфхонаҳои омӯзишгоҳ бо печкаҳои алобӣ гарм карда мешаванд, ки ин роҳи ҳалли масъала шуда наметавонад, зеро ба таври замонавӣ таъмир намудани қубурҳои гармидиҳӣ роҳи ҳалли масъала мебошад. Колеҷ ба 150 маҷмӯъ мизу курсиҳои нави замонавӣ эҳтиёҷ дорад. Шумораи умумии компютер 10 адад ва 2 адад принтер мебошад ва боз ба он ниёз аст.

Китобхонаи колеҷ дорои 11153 нусха китоб аст, ки аксарияти онҳо мазмуни худро гум кардаанд. Гарчанде, ки тавассути Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон 785 нусха китобҳои дарсӣ дастрас шуда бошад ҳам, вале ин нокифоя мебошад.

***Дар шаҳр омӯзишгоҳи тиббии ба номи Абӯали Сино*** фаъолият дорад, ки он соли 1992 таъсис ёфтааст. Қисми асосии таълимгоҳ дар бинои Раёсати омори шаҳр дар иҷора қарор дорад. Бо қарори Раиси шаҳр аз 02.11.2007 №247 бинои боғчи бачагонаи мансуби «Агротехснаб» ба омӯзишгоҳи мазкур дода шуд, ки масоҳати он 0,46 гектарро ташкил менамояд. Айни ҳол 8 синфхона мавриди истифода қарор дода шудааст. Масоҳати умумии биноҳои дар ихтиёри омӯзишгоҳ буда 2213,7 метри мураббаъ буда, масоҳати умумии таълимӣ бо назардошти базаи таълимӣ 1630,6 метри мурабббаъро ташкил менамояд, ки ба ҳар донишҷӯй 4,0 метри мураббаъ рост меояд.

Дар омӯзишгоҳи мазкур 104 нафар омӯзгорони асосӣ ва соатбай таълим медиҳанд, ки собиқаи кории онҳо аз 3 то 36 сол мебошад. 82 нафар омӯзгорон дорои маълумоти олии касбӣ, 12 нафар дорои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ва 10 нафарашон дорои таҳсилоти миёнаи касб мебошанд. Омӯзишгоҳ қисман бо омӯзгорони асосӣ таъмин аст. Қисми зиёди омӯзгоронро соатбайтҳо аз ҳисоби пизишкони беморхонаи марказии шаҳр ташкил медиҳанд. 2 нафар омӯзгор дорои унвони илмӣ мебошад. Дар омӯзишгоҳ 691 нафар донишҷӯён таълим мегиранд, ки аз онҳо 471 нафарашон духтарон мебошанд.

*Ҷадвали 38. Маълумот дар бораи омӯзишгоҳ тиббии ба номи Абӯали Сино*

| Номгӯи ихтисос | Хатми соли 2008 | | | Хатми соли 2009 | | | Хатми соли 2010 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | зан | мард | ҳамагӣ | зан | мард | ҳамагӣ | зан | мард |
| Кори ҳамширагӣ | 143 | 108 | 35 | 163 | 118 | 45 | 241 | 197 | 44 |

Омӯзишгоҳ барои шаҳру деҳоти Панҷакент ва ноҳияи Айнӣ кормандони миёнаи тибро аз рӯи ихтисоси «Кори ҳамширагӣ» мутахассис тайёр мекунад. Дар се соли охир омӯзишгоҳро 547 нафар донишҷӯён хатм намуданд.

Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Панҷакент минбаъд аз рӯи ихтисосҳои техники дандон, кори лабораторӣ, ёрдамчии духтури эпидемиолог ва кори момогӣ мутахассис тайёр менамояд.

Дар омӯзишгоҳи мазкур проблемаи асосӣ ин нарасидани синфхонаҳо, утоқи таълимӣ барои дарсҳои амалӣ, набудани хобгоҳ, набудани толори варзишӣ мебошад. Инчунин норасоии китобҳои таълимӣ, компютер ва таҷҳизотҳои ҳозиразамон ба сифати таълим таъсири манфӣ мерасонад.

***Литсейи касби политехникии шаҳри Панҷакент*** соли 1960 ҳамчун омӯзишгоҳи миёнаи касби техникии №36 ташкил шуда, соли 2006 ба литсейи касби политехникии шаҳри Панҷакент табдил дода шуд. Дар соли 2010 дар литсейи мазкур 77 нафар омӯзгорону муҳандисон ба 260 нафар донишҷӯён касб меомӯзонанд. Дар соли таҳсили 2010-2011, 51 нафар омӯзгорон ба таълими донишҷӯён машғуланд, ки дараҷаи маълумотнокии онҳо: олӣ 30 нафар, олии нопурра 3 нафар, миёнаи махсус 18 нафар аст. Кормандони хоҷагӣ 35 нафар мебошанд. Шумораи умуми донишҷӯёни ба касбомӯзи машғулбуда 419 нафар аст. Барои омӯзонидани касбу ҳунар дар литсей 2 бинои хониш, 14 адад синфхона, 7 адад лабораторияҳои машғулиятҳои амалӣ, китобхона, устохонаҳои таълимию истеҳсолӣ ва толори варзишӣ мавҷуд аст. Литсей аз рӯи касбҳои тракторчӣ-машинисти истеҳсолоти кишоварзӣ, челонгар-ронанда, оператори МЭҲ, либосдӯз, баркчӣ, кафшергар, устои сохтмон, муҳосиб, ҳисобчӣ-хазинадор мутахассис тайёр мекунад. Дар мувозинаи литсей барои гузаронидани таҷрибаи истеҳсолӣ-ҳунаромӯзӣ хоҷагии таълимӣ дар ҳаҷми 21га замини обёришаванда, 17 сар моли калони шохдор, 4 автомашина, 2 трактори ДТ - 75, 2 трактори ғилдиракдор, 1 компайни ғалладаравӣ, фермаи чорводорӣ ва минтақаи санҷишӣ мавҷуд аст.

Дар литсейи касби политехникии шахр мушкилиҳои зиёде мавҷуданд, ки барои ҳалли он маблағ зарур аст. Масалан набудани техникаҳои лозимаи таълимӣ, асбобҳои таълимии ҳозиразамон, гарм намудани синфхонаҳо дар фасли зимистон, нарасидани китобҳои таълимӣ, дар ҳолати бад қарор доштани болопӯши ошхонаи литсей ва нарасидани компютерҳо аз ҷумлаи он мушкилиҳо мебошанд. Инчунин нарасидани омӯзгорони маълумоти олидор ва китобҳои дарсӣ бо забони давлатӣ дар баланд бардоштани сифати таълим монеа ба вуҷуд меорад.

***Соли 1991 Донишгоҳи озоди Тоҷикистони шаҳр*** ташкил шуда, ҳамагӣ 1036 нафар донишҷӯён таҳсил мекарданд, он соли 2006 ба Донишкадаи омӯзгории Точикистон табдил ёфт. Дар Донишкада аз рӯи 13 соҳа мутахассис тайёр карда мешавад. Таҳсил рӯзона ва ғоибона буда, теъдоди умумии донишҷӯён-2226 нафар, аз он ҷумла 1175 нафар (529 нафар духтарон) дар шӯъбаи рӯзона, 1051 нафар (908 нафар духтарон) дар шӯъбаи ғоибона таҳсил мекунанд. Аз 210 нафар кормандони донишгоҳ 155 нафарашон омӯзгорон, аз онҳо 45 нафарашон занон мебошанд.

*Ҷадвали 39. Ҳисоботи омории шакли ТОК – 7*

| Номи муассиса | Масоҳат (м.кв) | | | Теъдоди биноҳо | | Теъдоди синфхонаҳо | Теъдоди ҷойи нишаст | Хобгоҳ | Китобхона | | | Нуктаи хӯроки умумӣ | Бунтоҳи тиббӣ | Зал\майдончаи спортӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Масоҳати умумӣ | Масоҳати таълимӣ | Масоҳати иншоотҳои ёрирасон | Таълимӣ | Ёрирасон | | | Бино | Китобхона. теъдоди китобҳо | Китобхонаи электронӣ | Ҷои нишаст дар қироатхона | | | |
| Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент | 9890 | 6923 | 2967 | 3 | 1 | 64 | 1920 | - | 15024 | 1\5 | 100 | 2 | 1 | 2\3 |

Дар донишкада мушкилотҳо низ мавҷуд ҳастанд, ки ба сифати таълим таъсир мерасонанд. Аз ҷумла дар синфҳои тахассусӣ дастрас набудани компютерҳо, хати Интернет, зарурати таъсис ва ташкили хоҷагии ёрирасон дар ҳаҷми 30 га замин, оғози шаҳраки донишҷӯён дар ҳаҷми 8 га, ташкил намудани китобхона ва таъмин намудани он бо фонди китоб, ташкил намудани курсҳои таълимӣ-методӣ барои иштироки усто-

дони донишкада мебошанд. Донишкада худмаблағгузор буда 80% хароҷоти солонааш-ро мепӯшонад. Донишкадаи мазкур нақшаи амалии худро ҷиҳати бартараф намудани мушкилотҳо барои 5 сол тартиб додааст ва хароҷотҳои онро ба миқдори 80 % аз ҳисоби худи донишгоҳ таъмин менамояд, танҳо барои пурра бартараф намудани мушкилотҳо дарёфт намудани 20% маблағ аз ҳисоби сармоягузорон лозим мешавад. Донишкадаи мазкур дар таъмини кадрҳои омӯзгорӣ барои минтақаи Зарафшон саҳми босазо хоҳад гузошт.

### 3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ

***Ҳолати кунунии соҳа:*** Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ аз системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат мебошад.

***Бекорӣ.*** Марҳилаи кунунии рушди ноҳияи Панҷакент бо мавҷудияти бекорӣ, тафриқаи намоёни вазъи иҷтимоӣ, имконияти то андоза маҳдуди иқтисодии қисми асосии аҳолии шаҳру деҳот дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Панҷакент вазифаи ташкили ҷойҳои кории навро гузоштааст. Бо ин мақсад дар давоми солҳои 2008-2010 - 4980 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд, ки аксарияти шаҳрвандон бо ҷои кори доимӣ таъмин гардиданд.

*Ҷадвали 40. Сатҳи бекорӣ*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳои | | |
|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 |
| Аҳолии қобили меҳнат | 46760 | 45948 | 43118 |
| Бекорон (ба қайдгирифташуда) | 1456 | 1029 | 1034 |

Хароҷоти буҷети шаҳри Панҷакент ба соҳаҳои иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ) сол аз сол меафзояд. Ҳаҷми маблағгузории буҷетии ин соҳаҳо бештар дар асоси ҳисобу китоби сметавӣ (харҷномавӣ) муайян мегардад. Дар натиҷа ҳаҷми хароҷотҳои алоҳида новобаста аз талаботи соҳа ва имкониятҳои буҷети маҳаллӣ муайян мегардад.

Дар солҳои 2008-2010 хароҷот барои соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳо чунин аст:

Чуноне, ки аз диаграмма маълум мешавад, хароҷот барои соҳаҳои иҷтимоӣ 80-84% буҷети шаҳри Панҷакентро ташкил медиҳад.

*Диаграммаи 5. Хароҷоти буҷети шаҳр ба соҳаҳои иҷтимоӣ дар солҳои 2008-2010*



Бо вуҷуди ин фоизи ками он (1,8-3,5%) барои пардохти нафақаву кӯмакпулиҳо сарф мешавад. Дар давоми солҳои 2005-2010 афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пулии аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа ба назар мерасад. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бо вуҷуди зиёд шудани ҳаҷми маблағҳо, фоизи хароҷотҳо барои суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ паст шуда истодааст.

Музди меҳнати номиналӣ дар соли 2010 ба ҳисоби миёна 15 фоиз афзуда, вале як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ аз қабили дараҷаи баланди табақабандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳо сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои кишоварзӣ, тандурустӣ, фарҳанг, маориф ва сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, суғурта, молия, сохтмон, алоқа, нақлиёт ва саноат ҳаллу фасли худро наёфтаанд.

Дар шаҳри Панҷакент бо мақсади рушди соҳаи мазкур ва дуруст ба роҳ мондани хизматрасонӣ дар ин самт Раёсати ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, Муассисаи давлатии хона-интернати пиронсолон ва маъюбон, Оҷонсии суғуртаи ҳифзи иҷтимоӣ ва нафақа фаъолият менамоянд.

Дар Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳри Панҷакент дар соли 2010-ум 19577 нафар нафақахӯрон ба қайд гирифта шуда буд.

*Ҷадвали 41. Шумораи нафақахӯрон дар давоми солҳои 2008-2010 (ҳазор нафар)*

| Номи гурӯҳи осебпазир | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 |
| Нафақахӯрон, ҳамагӣ | 18608 | 19063 | 19577 |
| аз ҷумла, пиронсолон | 11839 | 12089 | 12458 |
| маъюбон | 4133 | 4168 | 4093 |
| маъюбони модарзод, кӯдакони маъюб | 1733 | 1838 | 1899 |
| бесаробонмонда | 289 | 247 | 233 |
| машғули кор | 614 | 721 | 894 |

Чуноне, ки аз ҷадвали боло бармеояд, дар муддати се соли охир миқдори умумии нафақахӯрон нисбатан зиёд шуда истодааст (5,2%). Дар ин самт зарур аст, ки ба ҳолати кунунии саломатии физиологӣ ва рӯҳии аҳолӣ диққати махсус дода шавад.

Дар шаҳри Панҷакент инчунин муассисаи давлатии хона-интернати пиронсолон ва маъюбон фаъолият менамояд, ки он барои 100 нафар эҳтиёҷмандон пешбинӣ карда шуда, дар айни замон 57 нафар калонсолон ва 17 нафар кӯдакон зиндагонӣ менамоянд. Ҳамзамон, дар давоми солҳои 2008-2010 бо сабаби надоштани ҷои муайяни зист ва сарпаноҳ 41 нафар шахсони маъюб ва пиронсолони танҳо ба хона интернат фиристода шуданд. Мушкилоти асосии ин хона-интернат ва Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳри Панҷакент дар он аст, ки зиёда аз 102 нафар маъюбони гурӯҳҳои гуногун ба курси-аробача эҳтиёҷ доранд ва дар айни ҳол барои 21 нафари онҳо фавран дастрас намудани курсӣ-аробача лозим аст.

Барои сифатнок ва саривақт таъмин намудани хадамот ба нафақахӯрон, маъюбони гурӯҳҳои гуногун дар идораи ҳифзи иҷтимоӣ компютерҳо намерасанд ва ҷиҳати беҳтар ба роҳ мондани фаъолият дар идораи мазкур дастрас намудани 2 адад компютер зарурият дорад.

Мушкилоти дигари идораи мазкур набудани бинои корӣ мебошад. Аз соли 1998 Раёсати ҳифзи иҷтимоӣ дар бинои Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд «Нисо» тариқи иҷора фаъолият мекунад, ки ҳамасола ба ташкилоти номбурда иҷорапулӣ месупорад.

***Аҳолии қобили меҳнат:*** Дар солҳои 2009-2010 зиёдшавии шумораи аҳолӣ ба ҳисоби миёна 3,5 фоизро ташкил медиҳад, ки ба ташаккули бозори меҳнат таъсири бевосита мерасонад. То 1 январи соли 2010 аҳолии шаҳри Панҷакент ба 241289 нафар расида, аз ин шумора то 14 сола 81342 ва аз 15 сола то синни нафақа 123826 нафар ва гуруҳи калонсолон 36121 нафар ташкил медиҳанд. Дар ташкилоту муассисаҳо 894 нафар нафақахӯрон кор мекунанд.

*Ҷадвали 42. Баробаркуниҳои захираҳои меҳнатии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2008-2010*

| № | Номгӯи нишондодҳо | Воҳиди ченак | 2008 | 2009 | 2010 | 2010 нисбат ба соли 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шумораи миёнаи солонаи аҳолии муқимӣ (ҳамагӣ) | нафар | 235637 | 238628 | 244785 | 3,9 |
| 2 | Захираҳои меҳнатӣ | нафар | 137065 | 139120 | 141852 | 3,5 |
| 3 | Шумораи миёнаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, аз ҷумла: | нафар | 93703 | 95276 | 97213 | 3,7 |
| | - ба иқтисодиёт машғул | нафар | 92247 | 94247 | 96179 | 4,5 |
| | -бекорон (ба қайд гирифташудагон) | нафар | 1456 | 1029 | 1034 | -28,9 |
| 4 | Шумораи миёнаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди нофаъол, аз ҷумла:<br>-хонандагон дар синну соли қобили меҳнат | нафар | 43362<br>11240 | 43844<br>11063 | 44639<br>11661 | 2,9<br>3,7 |
| 5 | Захираҳои меҳнатие, ки ба бозори меҳнатӣ дохил мешаванд- (ҳамагӣ) | нафар | 42065 | 42112 | 41598 | -1,1 |
| | Аз ҷумла: - аҳолии машғул-набуда аз ҳисоби аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ нофаъол (ғайр аз хонандагон) | нафар | 32112 | 32781 | 32927 | 2,7 |
| 6 | Аҳолии қобили меҳнати бешуғл (ҳамаи табақаҳо) | нафар | 18581 | 20369 | 20551 | 10,6 |
| | Аз ҷумла:- бо муҳоҷирати меҳнатии беруна машғулбуда | нафар | 18600 | 16272 | 17977 | -3,4 |
| | - Шумораи занони муҳоҷир | нафар | 507 | 868 | 881 | 73,7 |
| | -бо муҳоҷирати дохили машғулбуда | нафар | 165 | - | - | - |
| 7 | -аз тарафи шӯъбаи шуғли аҳолӣ ба кор ҷалбшудагон | нафар | 550 | 589 | 602 | -9,5 |
| 8 | -боқимонда аҳолии синну соли қобили меҳнат (5,6,7) | нафар | 8430 | 20853 | 20145 | 139 |
| | Сатҳи расмии бекорӣ (бекорон, шумораи миёнаи солонаи аҳолии фаъол) | % | 1,8 | 1,1 | 1,1 | -0,7 |
| | Сатҳи расмии захираҳои меҳнатии машғулбуда | % | 67,3 | 67,8 | 67,8 | -,05 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки афзоиши аҳолӣ соли 2010 дар қиёс ба соли 2008 – 3,9% ва захираҳои меҳнатии шаҳр 58,7% шумораи умумии аҳолии муқимиро ташкил дода, дар се соли охир 3,5 % зиёд шудааст. Шумораи миёнаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол 3,7 % зиёд ва шумораи муҳоҷирати меҳнатӣ -3,4% кам шудааст.

Аҳолии қобили меҳнати бешуғл соли 2010 14,5% захираҳои меҳнатиро ташкил до-да, 12,7% он дар муҳоҷирати меҳнатии беруна қарор доранд ва танҳо 29% ба бозори дохилӣ ворид шудааст. Муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ нақши муҳимеро дар дарёфти ҷои кор ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ бозида, яке аз сарчашмаҳои асосии даромади оилаҳо ба ҳисоб меравад. Дар шаҳру деҳот зиёдшавии муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳисоби занон бештар дар соли 2009 ба назар мерасад, ки нисбат ба соли 2008 – 71,2 % зиёд шу-дааст. Дар соли 2008 шумораи муҳоҷирон аз ҳисоби занон 1,5% зиёд шудааст, ки ин камшавӣ ба саршавии бӯҳрони молиявию иқтисодӣ алокаманд аст.

*Ҷадвали 43. Шумораи аҳолии дар иқтисодиёт расман машғулбуда*

| № | Соҳаҳо | 2010 (нафар) |
|---|---|---|
| 1 | Саноат | 2316 |
| 2 | Савдо ва хӯроки умумӣ | 163 |
| 3 | Сохтмон | 438 |
| 4 | Тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ | 2441 |
| 5 | Маориф | 5897 |
| 6 | Хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ | 352 |

| | | |
|---|---|---|
| 7 | Алоқа | 140 |
| 8 | Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва инфиродӣ | 69010 |
| 9 | Нақлиёт | 243 |
| 10 | Фарҳанг ва санъат | 242 |
| 11 | Дигар соҳаҳо | 493 |
| 12 | Соҳибкорон | 2541 |
| 13 | Хизматчиёни ҳарбӣ | 800 |
| 14 | Коргарони заминҳои наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои ёрирасон | 7759 |
| | Ҳамагӣ: | 92835 |

Бозори меҳнатии расмии Панҷакент наметавонад бо бозори меҳнатии ғайрирасми (мардикорбозор) рақобат намояд. Зеро дар бозори меҳнатии расмӣ музди меҳнат дар сатҳи бисёр паст аст, ҳол он, ки як мардикор дар як рӯз метавонад аз 25 то 30 сомонӣ маблағ ба даст орад, дар ҳолате, ки музди миёнаи маоши як нафар духтур тибқи омор ба санаи 01.01.2011 сол 243 сомониро дар як моҳ ташкил медиҳад. Бинобар ин зарур аст, ки дар сохторҳои расмӣ маоши коргаронро баланд бардошта, дар он сурат метавонад ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд.

Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2008 – 2010 дар асоси ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ таҳия гардида, мақсади асосии он баланд бардоштани сатҳи зиндагии гурӯҳҳои нисбатан нодори аҳолӣ бахусус бекорон мебошанд. Дар солҳои 2010-2011 мувофиқи Барномаи мазкур таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҳамчун яке аз роҳҳои асосии бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани бекорон муайян гардидааст. Ҳамчунин вобаста ба талаботи бозори меҳнат тавассути раёсати оҷонсӣ амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба касбомӯзии 4430 нафар корҷӯён, ташкили 230 адад корҳои ҷамъиятии музднок, мусоидат ба васеъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ тавассути додани қарзҳои хурд (микрокредит) дар назар дошта шудааст.

Самти асосии сиёсати маҳалии шаҳри Панҷакент дар бозори меҳнат дар давраи то соли 2012 дар ҳавасмандсозӣ барои ташкили ҷойи нави корӣ, баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат мебошад.

***Мушкилотҳои асосии соҳаи иҷтимоӣ асосан аз*** ноустувории молиявии системаи ҳифзи иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа, паст гардидани ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ, ки ба хизматрасонии кӯмаки иҷтимоӣ равона карда мешавад, набудани бинои маъмурии Раёсати ҳифзи иҷтимоӣ ва таъминоти нокифояи раёсат бо компютер, номутобиқатии ташкили таъминоти маъюбон, пиронсолон, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд ба стандартҳои умумиқабулгардида, рақобатнопазир будани бозори расмии меҳнати Панҷакент, сатҳи пасти ихтисосмандӣ ва тайёрӣ дар байни ҷавонон ва баланд будани сатҳи бекорӣ ва нарасидани ҷойҳои корӣ иборат мебошад.

*Ҷадвали 44. Дурнамои рушди захираҳои меҳнатӣ барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011г. ҳисобот | с.2012г. баҳодиҳӣ | дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014. | с.2015 | |
| Захираҳои меҳнатӣ | 150387 | 152081 | 153775 | 155429 | 156579 | 104 |
| Шумораи дар иқтисодиёт машғулбудагон – ҳамагӣ | 91256 | 92879 | 94250 | 95045 | 95906 | 105 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| дар истеҳсолоти моддӣ | 84946 | 86536 | 87863 | 88615 | 89407 | 105 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| Саноат | 2673 | 2852 | 2952 | 2983 | 3073 | 115 |
| Кишоварзӣ | 69259 | 69379 | 69479 | 69579 | 69679 | 101 |
| Сохтмон | 1493 | 1621 | 1679 | 1737 | 1797 | 120 |
| Нақлиёту алоқа | 291 | 401 | 418 | 454 | 466 | 160 |
| Савдо, хӯроки умумӣ, таъминоти моддию техникӣ | 6084 | 6450 | 6815 | 7013 | 7183 | 118 |
| дигар соҳаҳо | 5146 | 5833 | 6520 | 6849 | 7209 | 140 |
| дар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ | 6310 | 6343 | 6387 | 6430 | 6499 | 103 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Аз шумораи машғулбудагон: | 91256 | 92879 | 94250 | 95045 | 95906 | 105 |
| - дар корхонаю ташкилоти бахши давлатӣ | 10301 | 10639 | 10898 | 11164 | 11428 | 111 |
| - бахши коллективӣ | | | | | | |
| - дар корхонаю ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият | 29145 | 30139 | 30922 | 31255 | 31588 | 108 |
| - дар бахши хусусӣ (бо назардошти хоҷагии шахсӣ) | 51810 | 52101 | 52430 | 52626 | 52890 | 102 |
| Шумораи дар иқтисодиёт машғулнабудагон | 59131 | 59202 | 59525 | 60384 | 60673 | 103 |
| Муҳоҷирати меҳнатӣ | | | | | | |
| Шумораи муҳоҷирони меҳнатие, ки берун аз марзи ҷумҳурӣ ҳиҷрат намуданд (ҳазор нафар) | 16000 | 16070 | 16140 | 16200 | 16300 | 103 |

*Ҷадвали 45. Дурнамои рушди ташкили ҷойҳои нави корӣ барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | с.2015г бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ҳама гуна шаклҳои фаъолият – ҳамагӣ, (ҷои корӣ) аз ҷумла: | 1535 | 1546 | 1589 | 1610 | 1635 | 106 |
| -сохтмони нав | 65 | 63 | 82 | 92 | 95 | 146 |
| -таҷдид ва васеъкунии корхонаҳои амалкунанда | 415 | 443 | 452 | 463 | 455 | 110 |
| - барқароркунии иқтидории корхонаҳои аз кор баромада | | | | | | |
| -корҳои фардӣ | 1055 | 1040 | 1055 | 1055 | 1085 | 103 |

## 3.4. Фарҳанг ва фароғат

Соҳаи фарҳанги шаҳри Панчакент тамаддуни ғании таърихии тӯлонӣ дорад. Дар шаҳри Панҷакент осорхонаи ҷумҳуриявии таърихӣ – кишваршиносии ба номи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, мамнӯъгоҳи таърихиву – бостоншиносии Саразм, мамнӯъгоҳи таърихӣ – мадании Панҷакенти қадим, 30 китобхона, 11 хонаи фарҳангӣ, 11 муассисаи клубӣ, 5 клуби сайёр, театри халқӣ, мактаби санъат, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ – фарҳангӣ, ансамбли «Навои Панҷакент», ансамбли халқӣ – этнографии «Марворид», 2 боғи фарҳангӣ – фароғатӣ ва «Кохи фарҳанг» фаъолият доранд.

*Ҷадвали 46. Шумораи муассисаҳои фарҳангӣ, фароғатӣ ва варзишӣ*

| Номгӯи муассиса | 2008 | 2009 | 2010 | Шумораи кормандон (нафар) | Занҳо (нафар) |
|---|---|---|---|---|---|
| Хонаҳои фарҳангӣ ва муассисаҳои клубӣ | 22 | 22 | 22 | 75 | 30 |
| Клубҳои сайёр | 5 | 5 | 5 | 8 | – |
| Китобхонаҳои системаи марказонидашуда | 30 | 30 | 30 | 91 | 75 |
| Мактаби санъати бачагона | 1 | 1 | 1 | 25 | 11 |
| Театри халқӣ | 1 | 1 | 1 | 8 | 4 |
| Ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ- фарҳангӣ | 1 | 1 | 1 | 8 | 2 |
| Ансамбли «Навои Панҷакент» | 1 | 1 | 1 | 17 | 5 |
| Идораи шӯъбаи фарҳанг | 1 | 1 | 1 | 8 | 5 |
| Боғи фарҳангӣ ва фароғатӣ | 2 | 2 | 2 | 6 | 3 |
| Кохи фарҳанг | - | - | 1 | 32 | 12 |
| Ҳамагӣ: | 64 | 64 | 65 | 278 | 147 |

***Мушкилотҳои фарҳангию фароғатӣ.*** Мушкилотҳои асосии муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ- ин норасогии мизу курсиҳо, рафҳои китобмонӣ, воситаҳои тех-

ники компютерӣ, асбобҳои мусиқӣ ва миллӣ, норасогии адабиётҳои бадеии адибони муосири тоҷик ва набудани студияи сабти овоз дар назди шӯъбаи фарҳанг мебошад.

***Варзиш.*** Дар шаҳр толори варзишӣ, варзишгоҳ, мактаби варзишии кӯдакон ва наврасон фаъолият менамоянд. Мувофиқи нақшаи варзишӣ, солимгардонӣ, низомномаҳо оиди гузаронидани спортакиада ва мусобиқаҳо чорабиниҳои зиёде гузаронида мешаванд.

Донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистони шаҳри Панҷакент дар бисёр чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва берун аз он иштирок намуданд аз ҷумла мусобиқаи байналмиллалии Имом Ҳабибӣ сазовори ҷойи аввал ва «Гран – при», мусобиқаи чемпионати ҷаҳон байни донишҷӯён дар байни 25 давлат ҷойи сеюм, мусобиқаи байналмиллалӣ байни устодон, барои мукофоти «Газпром Татнефто» Қазон аз номи дастаи якачини Тоҷикистон баромад намуда сазовори ҷои аввал гардид, 39 мусобиқаи байналмиллалӣ барои мукофоти «Ягуар – Догу» ҷои чорум ва бозиҳои варзишии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 20 – солагии Истиқлолият ҷои аввал.

*Ҷадавли 47. Дурнамои рушди соҳаи фарҳанг барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Миқдори муассисаҳои оммавӣ – фарҳангӣ (воҳид) | 62 | 62 | 62 | 62 | 62 | 100 |
| Клубҳо | 27 | 27 | 27 | 27 | 27 | 100 |
| аз ҷумла ҷумҳуриявӣ | | | | | | |
| Китобхонаҳои оммавӣ | 30 | 30 | 30 | 30 | 30 | 100 |
| аз ҷумла ҷумҳуриявӣ | | | | | | |
| Осорхонаҳо | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100 |
| Кохии фарҳанг | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100 |
| Театрҳо | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100 |
| аз ҷумла театрҳои касбӣ ансабли «Навои Панҷакент» | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100 |
| Мактабҳои мусиқӣ (воҳид) | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100 |
| Шумораи хонандагон (нафар) | 123 | 130 | 135 | 140 | 150 | 107 |

## Стратегия ва вазифаҳои бахши иҷтимоӣ

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши умуми (хазор. сомонӣ) | солҳо | | | | | Масъул | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| **Соҳаи тандурустӣ** | | | | | | | | | | | |
| Ба талаботи ҷомеа ва стандартҳои муосир ҷавобгӯ кардани хизматрасонии соҳаи тандурустӣ | Беҳтар намудани инфрасохтори муассисаҳои тандурустӣ. | Харидорӣ намудани таҷҳизотҳои замонавии ФГС, УЗИ, БРОНХОСКОП, РЕНТГЕН,таҷҳизотҳои лабораторӣ, автоклав, Кювез,ЭКГ, дефиблятор, кардиомонито,(ИВЛ-РО-5), ингалятор, электрокаоогулятор, | 1800 | 200 | 300 | 900 | 200 | 200 | Раёсати тандурустӣ | Номуайян | Паст намудани коэффитсенти фавти модару кӯдак (20 промилле то соли 2015) |
| | | Таъмири 3 шӯъбаҳои Беморхонаи марказии шаҳри Паҷчакент | 420 | 140 | 140 | 140 | | | | | Паст намудани % таваллуд дар хона (то 25% дар соли 2015 ) |
| | | Барқарор намудани беморхонаи минтақавии ҷамоати деҳоти Хурмӣ | 50 | - | - | 50 | | | Ҷамоати Хурмӣ | Буҷети маҳаллӣ | |
| | Баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии кормандони тибб ва аҳолӣ оиди пешгирии бемориҳо | Сохтмони хонаи салома-тӣ дар деҳаи Деваштич | 80 | - | - | 80 | | | Ҷамоати Х.Ҳасан | Сармояи хориҷӣ | Паст намудани фоизи касалиҳои сироаткунанда (4,3% дар соли 2016) |
| | | Сохтмони бинои хонаи саломатии Ғазза | 44 | 22 | 22 | | | | Раёсати тандурустӣ | номуайян | |
| | | Сохтмони бинои хонаи саломатии Тагоби Халқ | 44 | 22 | 22 | | | | | | |
| | | Таъмири асосии таваллудхона | 1020 | 510 | 510 | | | | ЮНИСЕФ | Грант | Фоизи таъминоти муассисаҳои тандурустӣ бо мутахассисони баландихтисос (то 100,0%. дар соли 2016) |
| | | Сохтмони бинои хонаи саломатии Маргедари боло | 44 | 22 | 22 | | | | Раёсати сохтмон | Номуайян | |
| | | Сохтмони бинои шӯъбаи ёрии таъҷилӣ | 170 | - | 170 | | | | | Номуайян | |
| | | Таъмир ва тармими шабакаҳои гармидиҳии беморхонаи марказии шаҳри Панҷакент | 150 | | 100 | 50 | | | | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ оид ба пешгирии бемориҳои: а ) камхунӣ,б) норасогии йод,в) бемориҳои диареӣ,г) бемориҳои сил, ВИЧ/СПИД,д) бемориҳои шадиди роҳи нафас,е) бемориҳои сироятӣ, ж) оиди танзими оила | 60 | 12 | 12 | 12 | 12 | 12 | Раёсати тандурустӣ | Номуайян | Шумораи духтурони оилавии тайёрнамуда (40 нафар то соли 2016) |
| | Беҳтар намудани вазъи санитарию эпидемиологи ноҳия | Тайёр намудани духтурони оилавӣ | 43 | 8,6 | 8,6 | 8,6 | 8,6 | 8,6 | ВТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Шумораи бино ва иншооти соҳаи тандурустие, ки таъмири ҷорӣ ва капиталӣ гузаронида шудааст ( 37 то соли 2016) |
| | | Нигоҳдории солимии кӯдакон дар ш.Панҷакент | 60 | 12 | 12 | 12 | 12 | 12 | Раёсати тандурустӣ | Номуайян | |
| | | Дар назди комитетҳои маҳаллавӣ таъсис додани Гурӯҳҳои ташаббускори ҷомеа оиди ҳаёти солим | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | | | |
| | | Гузаронидани аксия, ҳашарҳо барои тоза намудани ҷӯйборҳо ва партовҷойҳо | 12 | 2,4 | 2,4 | 2,4 | 2,4 | 2,4 | Раёсати тандурустӣ | Номуайян | Фоизи муассисаҳои |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *Ташкил ва тарғиби сохтмони биомабразҳо* | *25* | *5* | *5* | *5* | *5* | *5* | *Раёсати тандурустӣ* | *Номуайян* | *соҳаи тандурусти, ки ба оби нӯшокӣ ва хизматрасонии канализатсионӣ дастрас мебошанд (55% дар соли 2016)* |
| | | *Ташкил ва таъсиси гӯшаҳои санитарӣ ва истифодаи дурусти оби нӯшокии тоза дармуассисаҳои маориф, тибб ва фарҳанг* | *10* | *2* | *2* | *2* | *2* | *2* | | | |
| | | *Гузаронидани чорабиниҳо оиди меъёр ва қоидаи сохтмони мабразхона ва заҳбури обпарто* | *10* | *2* | *2* | *2* | *2* | *2* | *Раёсати тандурустӣ* | *Номуайян* | |
| | | *Гузаронидани ташхиси намак дар марказҳои савдо ва бозор* | *8,0* | *1,6* | *1,6* | *1,6* | *1,6* | *1,6* | *Раёсати тандурустӣ* | *Номуайян* | |
| | | *Ҳамагӣ:* | *4080* | *967,6* | *1337,6* | *1271,6* | *251,6* | *251,6* | | | |
| | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *43* | *8,6* | *8,6* | *8,6* | *8,6* | *8,6* | | | |
| | | *Буҷети маҳаллӣ* | *200* | *-* | *100* | *100* | *-* | *-* | | | |
| | | *Сармоягузорҳои дохилӣ* | *80* | *-* | *-* | *80* | | | | | |
| | | *Номуайян* | *2737* | *449* | *719* | *1083* | *243* | *243* | | | |
| | | *Сармоягузорҳои хориҷӣ* | *1020* | *510* | *510* | | | | | | |
| **Соҳаи маориф** | | | | | | | | | | | |
| *Беҳтар намудани сифати таълимот* | *Беҳтар намудани инфрасохтор дар мактабҳо* | *Омӯзиш барои муттасадиёни соҳаи маориф оид ба кор бо духтарони ҷавон* | *17* | | *17* | | | | *ЮНИСЕФ* | *Сармояи хориҷӣ* | *100 % таъмини фарогири талабагон ба маълумоти ҳатмӣ*<br><br>*Зиёд намудани шумораи ҷои нишасти талабагон (то 3292 дар соли 2016)*<br>*% фарогирии кудакон ба муассисаҳои томактабӣ (35% то соли 2016)*<br>*Фоизи хатмкунандагоне, ки ба мактабҳои олӣ дохил шуданд (19% то соли 2016)*<br>*Зиёд намудани шумораи иштирокчиёни олимпиадаҳо дар фаннҳои асосӣ (6% то соли 2016)*<br>*% таъминоти муассисаҳои соҳаи маориф бо мутахас-* |
| | | *Дастгирии 7- АВО тавассути шӯъбаи маорифи шаҳр* | *31* | | *31* | | | | *ЮНИСЕФ* | | |
| | | *Сохтмони мактаб интернати махсус барои кӯдакони бепарастор дар ш. Панчакент* | *150* | *30* | *30* | *30* | *30* | *30* | *Вазорати маориф* | *Номуайян* | |
| | | *Аз таъмири асосӣ баровардани кӯдакис-тони №3* | *75* | *15* | *15* | *15* | *15* | *15* | *МИҲД шаҳр* | *Буҷети маҳалли* | |
| | | *Таъмири боғчаи №9 «Меҳргон»* | *80* | *-* | *80* | | | | *МИҲД шаҳр* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | | *Таъмири боғчаи №7* | *65* | *-* | *65* | | | | | | |
| | | *Сохтмони мактаби №7 дар деҳаи Ӯти баланд* | *625* | *375* | *250* | | | | *МИҲД шаҳр* | *Бучети ҷумҳуриявӣ* | |
| | | *Сохтмони мактаби №5 дехаи Вен (садамавӣ)* | *517* | *517* | | | | | *Сафоратхонаи Ҷопон* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | | *Сохтмони мактаби №28 дар махаллаи Олимобод дехаи Фароб* | *600* | *600* | | | | | *МИҲД шаҳр* | *Сармояи дохилӣ* | |
| | | *Сохтмони мактаб дар мавзеи Тутзори шаҳр* | *920* | | | | *143* | *777* | *МИҲД шаҳр* | *номуайян* | |
| | | *Сохтмони мактаби №64 деҳаи Советобод* | *900* | *-* | *-* | *-* | *650* | *250* | *Ваз.маориф* | *Бучети ҷумҳуриявu* | |
| | | *Сохтмони мактаби №31 дар деҳаи Ғарибак* | *1200* | *-* | *-* | *400* | *400* | *400* | *МИҲД шаҳр,* | | |
| | | *Сохтмони мактаби №71 дар шаҳри Панҷакент* | *3240* | *-* | *-* | *1000* | *1000* | *1240* | *Ваз. маориф* | | |
| | | *Сохтмони мактаби №14 дар деҳаи Кӯктош* | *480* | | | *280* | *200* | | *МИҲД шаҳр,* | *Буҷети маҳалли* | |
| | | *Сохтмони мактаби №51 дар деҳаи Мингдона* | *1300* | *-* | *-* | *-* | *650* | *650* | *МИҲД шаҳр* | *Бучети маҳаллӣ* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Сохтмони мактаби №61 дар деҳаи Могиён | 767 | - | 383 | 384 | | | Вазорати маориф | Буҷети ҷумҳуриявӣ | сисони баландихтисос (90% то соли 2016) |
| | | Сохтмони мактаби №40 деҳаи Тагоби Халқ | 240 | - | 240 | | | | МИҲД вилояти Суғд | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Сохтмони мактаби №18 дар деҳаи Сари Камар | 480 | 240 | 240 | | | | МИҲД вилояти Суғд | | |
| | | Сохтмони мактаби №23 дар деҳаи Ғезани Боло | 480 | | | 480 | | | МИҲД вилояти Суғд | Номуайян | |
| | | Сохтмони мактаби №45 дар деҳаи Ғезани Поён (садамавӣ) | 517 | | | | 517 | | Сафоратхонаи Ҷопон | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Таъмири асосии мактаби №41 дар деҳаи Шашқат | 490 | 490 | | | | | Фонди Каталитики | Номуайян | |
| | | Сохтмони мактаби №56 дар деҳаи Сӯфиён (садамавӣ) | 285 | 285 | | | | | Аҳолӣ | Маблағҳои худӣ | |
| | | Сохтмони мактаби №17дар деҳаи Шӯрча (садамавӣ) | 850 | | | 550 | 300 | | Аҳолӣ | Маблағҳои худӣ | |
| | | Сохтмони мактаби №40дар деҳаи Тагоби халқ (садамавӣ) | 680 | | | 340 | 340 | | вилояти Суғд | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Сохтмони мактаби №50 дар деҳаи Яккаҳона | 480 | 96 | 96 | 96 | 96 | 96 | МИҲД шаҳр | номуайян | |
| | | Сохтмони мактаб дар мавзеи Тутзорӣ шаҳр | 350 | 70 | 70 | 70 | 70 | 70 | | номуайян | |
| | | Сохтмони мактаб дар мавзеи Дашти чаккаи ҷамоати деҳоти Могиён | 280 | 56 | 56 | 56 | 56 | 56 | МИҲД шаҳр | номуайян | |
| | | Сохтмони мактаб дар мавзеи Нови Дияи деҳаи Сор | 180 | 36 | 36 | 36 | 36 | 36 | МИҲД шаҳр | номуайян | |
| | | Сохтмони мактаб дар мавзеи Истиқлоли ҷамоати деҳоти Вору | 340 | 68 | 68 | 68 | 68 | 68 | МИҲД шаҳр | номуайян | |
| | | Сохтмони мактаб дар мавзеи Бӯстони ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ | 170 | 34 | 34 | 34 | 34 | 34 | МИҲД шаҳр | номуайян | |
| | | Таъмири мактаби №6 дар деҳаи Ғӯсар | 193 | 193 | | | | | МИҲД вилояти Суғд | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Таъмири мактаби №18 дар деҳаи Артуч | 134 | 134 | | | | | МИҲД шаҳр | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Таъмири асосии мактаби №19 дар деҳаи Майката | 95 | 95 | | | | | Раёсати маориф | ҳиссагузории аҳолӣ | |
| | | Таъмири асосии мактаби №14 дар деҳаи Пушти Қӯргон | 175 | | | 175 | | | Раёсати маориф | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Таъмири асосии мактаби №37 дар деҳаи Чинор | 125 | | | | 125 | | | номуайян | |
| | | Таъмири асосии мактаби №39 дар деҳаи Ялоқҷар | 93 | | | | 93 | | Раёсати маориф | номуайян | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Таъмири асосии мактаби №40 дар деҳаи Тошмунор | 112 | | | | | 112 | Раёсати мао-риф | номуайян | |
| | | Таъмири асосии мактаби №12дар деҳаи Катта қишлоқ | 83 | | | | 83 | | Раёсати мао-риф | номуайян | |
| | | Таъмири асосии мактаби №2дар деҳаи Чангал | 35 | | | 35 | | | | номуайян | |
| | | Таъмири асосии мактаби №16дар деҳаи Ха-зак | 47 | | | | 47 | | Раёсати мао-риф | номуайян | |
| | | Таъмири мактаби деҳаи Зебон №17 | 60 | - | | | 60 | | | Сармояи дохилӣ | |
| | | Таъмири мактаби миёнаи №16 | 60 | - | | | 60 | | | | |
| | | Таъмири асосии мактаби №2 дар деҳаи Сӯҷина | 129 | | | 129 | | | Раёсати мао-риф | Бучети махаллӣ | |
| | | Таъмири асосии мактаби №58 дар деҳаи Дашти мала | 86 | | | | | 86 | Раёсати мао-риф | Бучети махаллӣ | |
| | | Таъмири асосии мактаби №25 шаҳраки Сугдиён | 178 | | | | 178 | | | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Таъмири асосии мактаби №6 дар деҳаи Ҷомбулоқ | 37 | | | | | 37 | Раёсати мао-риф | | |
| | | Таъмири асосии мактаби №45 дар деҳаи Са-рисангпул | 29 | | | | | 29 | Раёсати мао-риф | номуайян | |
| | | Таъмири асосии мактаби №49 дар деҳаи Падруд | 21 | | | | 21 | | МИҲД шаҳр | номуайян | |
| | | Таъмири асосии мактаби №70 дар деҳаи Богча | 28 | | | | 28 | | МИҲД шаҳр | номуайян | |
| | | Таъмири асосии мактаби №54 дар деҳаи Киёклӣ | 41 | | | 41 | | | | номуайян | |
| | | Таъмири асосии мактаби №54 дар деҳаи Фа-роб | 37 | | | | | 37 | МИҲД шаҳр | номуайян | |
| | | Таъмири асосии мактаби №3дар шаҳри Панҷакент | 75 | | | | 75 | | | номуайян | |
| | | Таъмири асосии мактаби №15 дар шаҳри Панҷакент | 46 | | | | | 46 | МИҲД шаҳр | номуайян | |
| | | Таъмири асосии мактаби № 29дар шаҳри Панҷакент | 49 | | | | 49 | | МИҲД шаҳр | номуайян | |
| | | Таъмири асосии мактаби №47дар шаҳри Панҷакент | 112 | | | | 112 | | МИҲД шаҳр | номуайян | |
| | | Таъмири асосии мактаби №7 дар шаҳри Панҷакент | 27 | | | | | 27 | МИҲД шаҳр | номуайян | |
| | | Таъмири асосии мактаби №8дар шаҳри Панҷакент | 21 | | | 21 | | | МИҲД шаҳр | номуайян | |
| | | Таъмири асосии мактаби №9 дар шаҳри Панҷакент | 35 | | 35 | | | | МИҲД шаҳр | номуайян | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *Таъмири толори варзишии мактаби №51 дар деҳаи Мингдона Ҷамоати деҳоти Ёрӣ* | *10* | | | *10* | | | *МИҲД шаҳр* | *30% аз ҳисоби аҳолӣ* | |
| | | *Сохтмони мактаб дар д.Мингдона Ҷамоати деҳоти Ёрӣ* | *560* | | | *260* | *300* | | *МИҲД шаҳр* | *номуайян* | |
| | | *Таъмири мактаби асосии №1 (Девaштич) ҷамоати деҳоти Халифа Ҳасан* | *50* | | | *50* | | | *МИҲД шаҳр* | *номуайян* | |
| | | *Таъмири мактаби №13* | *40* | | | | *40* | | *МИҲД шаҳр* | *номуайян* | |
| | | *Таъмири мактаби Қӯштеппа* | *45* | | | *45* | | | | *номуайян* | |
| | | *Таъмири асосии мактаби миёнаи таълимоти умумии №9 – деҳаи Ёрӣ* | *150* | | | | *150* | | *МИҲД шаҳр* | *номуайян* | |
| | *Таъминоти мактабҳо бо китоб ва мизу курсиҳои мактабӣ* | *Таъмин намудани 7 мактаб бо китобҳо* | *35* | | *35* | | | | *ЮНИСЕФ* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| | | *Таъмини мактаби асосии № 7 (Саразм) бо мизу курсӣ* | *40* | | | *40* | | | *МИҲД шаҳр* | | |
| | | *Таъмини мактаби асосии №1 Девaштич ҷамоати деҳоти Халифа Ҳасан бо мизу курсӣ* | *30* | | | | *30* | | *МИҲД шаҳр* | *номуайян* | |
| | | *Таъмини 7 мактаб бо мизу курсиҳо* | *65* | | | *65* | | | *ЮНИСЕФ* | *номуайян* | |
| | | *Дастрас намудани 340 маҷмӯъ мизу курсиҳои мактаби* | *177* | | | *177* | | | *МИҲД шаҳр* | *номуайян* | |
| | | *Бо мизу курсӣ таъмин намудани муассисаи томактабии №7 шаҳр* | *15* | | *15* | | | | *МИҲД шаҳр* | *номуайян* | |
| | *ҲАМАГӢ:* | | *18545* | *3334* | *1796* | *4983* | *5113* | *3319* | | | |
| | *Аз ҷумла, Буҷети ҷумҳуриявӣ* | | *6732* | *375* | *633* | *1784* | *2050* | *1890* | | | |
| | *Буҷети маҳаллӣ* | | *5220* | *567* | *480* | *1450* | *1801* | *997* | | | |
| | *Аз ҳисоби аҳолӣ* | | *576* | *380* | *-* | *196* | *-* | *-* | | | |
| | *Сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ* | | *1220* | *600* | *145* | *135* | *340* | *-* | | | |
| | *Маблаггузориаш номуайян* | | *2798* | *390* | *440* | *1161* | *390* | *417* | | | |
| | *Сармоягузориҳои хориҷӣ* | | *1924* | *1022* | *98* | *275* | *532* | *15* | | | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ*** | | | | | | | | | | |
| *Баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба аҳолии осебпазир* | *Беҳтар намудани дастраси табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ба хизматрасонии сифатноки иҷтимоӣ* | *Таъмини маъюбон (махсусан кӯдакони маъюб) бо 21 адад курсӣ- аробачаҳо* | *9,4* | *3* | *3* | *3,4* | | | *Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ* | *Буҷети маҳаллӣ* | *Шумораи аҳолии ниёзманде, ки ба хизматрасонии фарогирифтаанд (то соли 2016- 67%) Шумораи ҷойҳои нави корӣ барои аҳолии маъюб (ҳамасола 25 ҷой)* |
| | | *Таъмин намудани Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо 2 адад компютер* | *3* | | *1,5* | *1,5* | | | | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | | *Ташкили корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, мева, пашм, пӯст* | *270* | *54* | *54* | *54* | *54* | *54* | *МИҲД шаҳр* | *Номуайян* | |
| | | *Гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси бекорон ва бо кор таъмин намудани онҳо* | *10* | *2* | *2* | *2* | *2* | *2* | *РАДҲИШАМ* | *Номуайян* | |
| | | *Бунёди бинои нави Раёсати ҳифзи иҷтимоӣ* | *700* | | | | *700* | | *ВМВ ҲИАЧТ* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | |
| *Ҳамагӣ:* | | | *992,4* | *59* | *60,5* | *60,9* | *756* | *56* | | | |
| *Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ* | | | *700* | *-* | *-* | *-* | *700* | *-* | | | |
| *Буҷети маҳаллӣ* | | | *12,4* | *3* | *4,5* | *4,9* | *-* | *-* | | | |
| *Номуайян* | | | *280* | *56* | *56* | *56* | *56* | *56* | | | |
| ***Фарҳанг*** | | | | | | | | | | | |
| *Беҳтар намудани дастраси аҳолӣ ба хизматрасонии соҳаи фарҳанг* | *Беҳтар намудани базаи моддӣ –техникии муассисаҳои соҳаи фарҳанг* | *Таъмиру таҷҳизонидани китобхонаи марказии шаҳри Панҷакент* | *1700* | *340* | *340* | *340* | *340* | *340* | *Шӯъбаи фарҳанг* | *номуайян* | *% иншоотҳои фарҳангие, ки таъмири ҷорӣ ва капиталӣ гузаронидашудааст (65% то соли 2016) Фоизи аҳолие, ки ба хизматрасонии муассисаҳои фарҳангӣ фарогиранд (85% то соли 2016)* |
| | | *Таъмин намудани 8 хонаи маданият ва 8 клубҳои деҳаҳо бо асбобҳои мусиқӣ* | *100* | | | *100* | | | *Шӯъбаи фарҳанг* | *номуайян* | |
| | | *Дар назди шӯъбаи фарҳанг кушодани студияи сабти овоз* | *50* | | *50* | | | | *Шӯъбаи фарҳанг* | *номуайян* | |
| | | *Таъмири китобхонаи ба номи Лоиқ Шералӣ* | *60* | | | | *60* | | *МИҲД шаҳр* | *номуайян* | |
| | | *Сохтмони китобхонаи нав ва таъмин намудани китобхои тозанашр* | *800* | | *200* | *200* | *200* | *200* | *МИҲД шаҳр* | *номуайян* | |
| *Ҳамагӣ:* | | | *2710* | *340* | *590* | *640* | *600* | *540* | | | |
| *Маблагҳои номуайян* | | | *2710* | *340* | *590* | *640* | *600* | *540* | | | |

# БОБИ 4. БАХШИ ИНФРАСОХТОР

**4.1. Хизматрасонии манзилию-коммуналӣ**

Корхонаи Давлатии Фаръии «Хоҷагии манзию коммуналӣ»-и шаҳри Панҷакент соли 1939 ташкил карда шуда, ба Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб мебошад.

Дар корхона 225 нафар коргарон фаъолият менамоянд, ки онҳо асосан нигоҳдории фонди манзил, ба ободонӣ, кабудизоркунӣ, чароғонкунӣ, ва тозагии санитарӣ машғул мебошанд. Дар мувозинаи муассиса 75 хонаи коммуналӣ мавҷуд аст, ки масоҳати умумии он 68002 м$^2$ буда аз 1421 ҳуҷра иборат мебошад. Корхона ба 4030 нафар истиқоматкунандагони хонаҳои коммуналӣ хизмат мерасонад. Хизматрасонии коммуналӣ ва нигоҳдории фонди манзил аз таъмири бомҳои хонаҳо, таъмири дару тирезаҳо, таъмири қубурҳои обгузар, таъмири даромадгоҳҳо ва равшаникунонии даромадгоҳҳо иборат мебошанд. Манзилҳои истиқоматӣ аз соли 1994 инҷониб бо гармӣ таъмин нестанд.

Хизматҳои расонидашаванда бо фарогирии истеъмолкунандагон:

- баровардани партовҳои сахти маишӣ – 95%;
- баровардани партовҳои моеъ – 5%;
- нигоҳдорӣ ва истифодаи фонди манзил, дар биноҳои бисёрошёна -85%;
- ободонӣ, кабудизоркунӣ, тозагии санитарӣ ва равшаникунонии ҳудуди шаҳр аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ – 70-80%

Корхона ба ҳисоби миёна ба 12290 нафар муштариён барои ҷамъ ва баровардани партовҳои сахти маишӣ (ПСМ) хизмат мерасонад, ки аз он 4030 нафар дар хонаҳои коммунали ё 2,8 нафар ба як хона ва 8960 нафар дар хонаҳои шахсӣ ё 6,6 нафар ба як ҳавлӣ зиндагӣ мекунанд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар шаҳр зиёда аз 37344 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд.

Ҳаҷми миёнаи солонаи ПСМ амалан баровардашаванда ба як нафар аҳолии шаҳр 0,37 м$^3$-ро ташкил медиҳад, зеро меъёри гузоштаи корхона барои ғундоштани ПСМ дар шаҳр ба як нафар истиқоматкунандаи хонаҳои коммуналӣ 0,95 м$^3$ ва барои як оила дар бахши хусусӣ 2м$^3$ –ро ташкил медиҳад. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳаҷми ғундоштани ПСМ дар дигар шаҳрҳои ҷумҳурӣ бо ҳисоби миёна ба як истиқоматкунанда то 1,1 м$^3$ ПСМ –ро ташкил медиҳад, хамин тавр мутобиқи меъёри гузошташуда бояд ҳаҷми ПСМ-и баровардашуда дар шаҳр соле 35 ҳазор м$^3$ –ро ташкил диҳад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сол то сол ҳаҷми ПСМ зиёд шуда истодааст, аз ҷумла ҳамагӣ дар соли 2009 аз шаҳр 24480 м$^3$ ПСМ бароварда шуда бошад, аллакай дар соли 2010 27502 м$^3$ бароварда шудааст, ки ин 112,3 фоизро ташкил медиҳад.

Корхонаи мазкур ҳамагӣ бо 220 корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва сохторҳои тиҷоратӣ оид ба баровардани ПСМ шартнома дорад. Мутобиқи маълумотҳои оморӣ дар шаҳр 169 корхонаву ташкилотҳо ва 132 сохторҳои тиҷоратӣ фаъолият доранд, яъне корхонаи мазкур танҳо бо 75% корхонаву ташкилотҳо ва сохторҳои тиҷоратӣ шартнома дораду халос.

Барои ҷамъоварии ПСМ дар корхонаи мазкур 5 адад автомашинаи тамғаи ГАЗ-53, 1 адад трактори Т-40 кор мекунад, ки хеле фарсуда шуда, қариб аз фаъолият боз мондааст. Инчунин дар корхона якто автомашинаи «Вышка» тамғаи ГАЗ-52, як адад автомашинаи асенизатсионии тамғаи ГАЗ-53 ва ду адад автомашинаи обпошии тамғаи ЗИЛ-130 кор мекунанд. Бинобар нарасидани автомашинаҳои партовбардор ва дур будани масоҳати роҳ ба ду маҳаллаи шаҳр барои бардоштани партовҳо хизмат расонида намешавад. Корхона барои расонидани хизмати коммуналӣ ба ҷамоатҳои деҳот шароит надорад, чунки масофаи роҳ дароз буда, автомашинаҳо ва сӯзишворӣ намерасад.

Партовгоҳи шаҳрӣ бо масоҳати 2 га. дар масофаи 10 км дур аз маркази шаҳр ҷойгир аст. Партовгоҳи мазкур бо сармоягузории Урбанинститут ва саҳми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр сохта ба истифода дода шудааст.

Дар корхона мушкилии асосӣ нарасидани техника мебошад. Дар солҳои 2011-2015 ба корхона 1 адад автомашинаи парвтобардории КАМАЗ –кампактер ба маблағи 133 ҳазор сомонӣ, 1 адад автомашинаи асенизатсионии тамғаи ГАЗ-53 ба маблағи 125 ҳазор сомонӣ ва 1 адад автомашинаи обпошии ЗИЛ-130 ба маблағи 128 ҳазор сомонӣ ва қуттиҳои партовпартоӣ ба микдори 80 –адад ҳар яке 900 сомонӣ, ҷамъ ба маблаги -720 ҳазор сомонӣ дастрас намудан зарур аст.

Роҳҳои кӯчаҳои марказии шаҳр дар мувозинаи корхона буда, масоҳати умумии он 59,5 км-ро дар бар мегирад, ки аз он 55,0 км мумфарш карда шуда буда, 4,5 км-и он бо шағал рӯйпӯш карда шудааст.

Роҳҳои кӯчаҳои шаҳр таъмирталаб мебошанд. Солҳои тӯлонӣ роҳҳои кӯчаҳои шаҳр таъмири асосӣ карда нашудаанд. Ҳар сол кӯчаҳои шаҳр таъмири ҷорӣ карда мешаванд. Барои таъмири роҳҳои асосии кӯчаҳои шаҳр ба масоҳати 220000 м$^2$ – 2266 ҳазор сомонӣ маблағ лозим аст.

Барои таъмири боми хонаҳои коммуналӣ бо мум ва шифер (хонаҳое, ки дар мувозинаи корхонаи мазкур қарор доранд) дар солҳои 2011-2015 дар кӯчаҳои Терешкова, Д.Бобораҷабов, Ҷ.Румӣ ва хиёбони Рудакӣ 880 ҳазор сомонӣ зарур аст.

Умуман барои ҳалли мушкилиҳои ҷойдоштаи муассисаи хоҷагии манзилию коммуналии шаҳр дар солҳои 2011-2015 зиёда аз 4251 ҳазор сомонӣ маблағ зарур аст, ки дарёфти ин маблағҳо сармоягузорро талаб менамояд.

***Мушкилоти соҳа:*** Пурра ба қайд гирифта нашудани истеъмолкунандагони хизмати коммуналии шаҳр, дар ҳолати ғайриқаноатбахш вуҷуд доштани партовгоҳи шаҳрӣ, норасогии техника ва фарсуда будани воситаҳои техникии Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзию коммуналӣ», таъмирталаб шудани боми хонаҳои коммуналии шаҳр, набудани механизмҳои коркарди партовҳо дар партовгоҳи шаҳрӣ, норасогии маблағҳои буҷети маҳаллӣ ва таъмирталаб будани роҳҳои кӯчаҳои шаҳр.

### 4.1.1. Таъминоти об ва санитария

***Дастраси аҳолӣ.*** Оби нӯшокӣ яке аз сарчашмаҳои асосии ҳастии ҳаёт ба ҳисоб меравад. Шаҳри Панҷакент аз ин сарчашмаи бебаҳо хело бой бошад ҳам, вале мутаассифона ин неъмати бебаҳо на ба ҳама дастрас мебошад. Масъалаҳое мавҷуданд, ки аз норасоии оби нӯшоки танқисӣ кашидани аҳолӣ шаҳодат медиҳанд. Дар ҳудуди шаҳри Панҷакент барои таъмин, нигоҳубин ва танзими об ба истифодабарандагон корхонаи зертобеи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» Корхонаи давлатии фаръии «Обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Панҷакент» фаъолият менамояд. Бояд қайд намуд, ки ин корхона танҳо ба аҳолии шаҳри Панҷакент хизмат мерасонад. Ҳоло дар корхона 67 нафар кормандону мутахассисон кор мекунанд.

*Ҷадвали 48. Нишондиҳандаҳои асосии Корхонаи давлатии фаръии «Обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Панҷакент» дар солҳои 2008-2010*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | 2010 нисбати 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2008 | 2009 | 2010 | |
| 1 | Шумораи умумии муштариён, аҳолӣ | оила | 6227 | 6389 | 6550 | 105,2 |
| | -ташкилотҳои буҷавӣ | адад | 34 | 36 | 47 | 138,2 |
| | -ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | адад | 36 | 37 | 40 | 111,1 |
| | -дигар муштариён | адад | 136 | 149 | 156 | 114,7 |
| 2 | Пардохти хаққи истифодаи об, аз ҷумла | сомонӣ | 617950 | 753457 | 886602 | 143,4 |
| | -аҳолӣ | сомонӣ | 404122 | 485035 | 589163 | 145,7 |
| | -ташкилотҳои буҷавӣ | сомонӣ | 136507 | 143079 | 182373 | 133,5 |
| | -ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 45386 | 88054 | 71596 | 157,7 |
| | -дигар муштариён | сомонӣ | 31935 | 37289 | 43470 | 136,1 |
| 3 | Карзи муштариён дар назди корхона: | сомонӣ | 170516 | 192863 | 194570 | 114,1 |
| | -ахолӣ | сомонӣ | 40200 | 49458 | 31616 | 78,6 |
| | -ташкилотҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 130316 | 143405 | 162954 | 125,0 |
| 4 | Нархи об (1м$^3$) | сомонӣ | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | аҳолӣ | сомонӣ | 0,21 | 0,27 | 0,40 | 1,9 м. |
| | а) хонаҳои баландошёна | сомонӣ | 0,38 | 0,44 | 0,62 | 1,6 м. |
| | б) хонаҳои якошёна(маҳалӣ) | сомонӣ | 0,21 | 0,27 | 0,40 | 1,9 м. |
| | -ташкилотҳои буҷавӣ | сомонӣ | 0,216 | 0,283 | 0,59 | 2,7 м. |
| | Ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 0,24 | 0,342 | 0,826 | 3,4 м. |
| | -дигар муштариён | сомонӣ | 0,24 | 0,389 | 0,826 | 3,4 м. |
| 5 | Истеҳсоли шабонарӯзии об | ҳаз.м3 | 17060 | 19140 | 20600 | 125,1 |
| 6 | Талафоти умумӣ | ҳаз. м3 | 9860 | 10940 | 10400 | 105,4 |

Шабакаҳои обрасонии шаҳри Панҷакент дар солҳои 1953-1977 сохта шудаанд ва аз истифодаи тӯлонӣ 70 фоизи онҳо кӯҳнаву фарсуда гаштааст. Таъминоти оби шаҳр аз ҳисоби 3 пойгоҳи обкашии зеризаминии «Қайнар», «Зарафшон» ва «Қавола» ба роҳ монда шудааст. Нақшаи кории пойгоҳҳои обкашӣ шабонарӯзӣ буда, иқтидори пурраи истеҳсолии об дар як шабонарӯз 36500м$^3$ мебошад.

Солҳои 1980-1990 дар ҳудуди шаҳр зиёда аз 40 адад биноҳои истиқоматии баландошёна аз 4 то 12 қабата сохта шудаанд. Қубурхои обрасонии биноҳои номбурда ба шабакаҳои мавҷуда васл карда шудаанд. Мувофиқи нақшаи генералии шаҳр дар ин муддат шабакаҳои обрасонӣ азнавсозӣ ва қубурҳои обрасонии иловагӣ сохта нашудаанд. Аз ин рӯ бо сабаби гузаштани мӯҳлати истифодабарии шабакаҳои обрасонӣ дар биноҳои баландошёна ва кам будани фишор дар қубурҳои магистралӣ об то ошёнаи 3-юм намебарояд. Соли 2011 корхона зиёда аз 200 садамаҳоро дар қубурҳои обрасонӣ бартараф намуд.

Миқдори шабонарӯзии истеҳсоли об зиёда аз 25000м$^3$ мебошад. Аз ин миқдор оби истеҳсолшуда дар асоси шартнома зиёда аз 9000м$^3$ он ҳаҷми фурӯш мебошад. Талафоти шабонарӯзии об 13000-16000 м3 ё 60-70% оби истеҳсолшударо ташкил медиҳад. Талафоти об асосан аз ҳисоби гузаштани мӯҳлати истифодаи шабакаҳои обрасонӣ 40% ва истифодаи ғайримақсаднок аз ҷониби аҳолӣ ва ташкилоту корхонаҳо 60% дар ҳолати набудани обҳисобкунакҳо ба амал омадааст.

*Ҷадвали 49. Дастрасии аҳолии шаҳр ва ҷамоатҳои деҳот ба оби нӯшиданӣ дар соли 2010*

| Номгӯй | % таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ | Навъҳои асосии манбаъҳои оби нӯшокӣ ва усулҳои обтаъминкунӣ | Мушкилоти асосии обтаъминкунӣ | Фоизи қубурҳои об, ки ба талаботи санитарӣ ҷавобгӯйбуда |
|---|---|---|---|---|
| Шаҳри Панҷакент | 49,1% | 12 адад чоҳҳои зеризаминӣ, 1 адад чашма. Шабакаҳои мутамарказ | Фарсуда шудани шабакаҳои об ва канализатсияи мавҷуда, набудани хатҳои обрасонӣ дар маҳаллаҳои нав ва набудани маблағ | 40% |
| Дар 14 Ҷамоатҳои деҳот | 29,9% | 32 деҳа аз чоҳҳои зеризаминӣ, 53 деҳа аз чашма, 85 деҳа манбаҳои кушода (дарё, ҷӯйбор, ҳавзҳо ва чашмаҳо). Шабакаҳои мутамаркази худҷорӣ дар 53 деҳа ва ғайри мутамарказ дар 85 деҳа. | Пурра фаъолият накардани чоҳҳои обкашии зеризаминӣ, набудани шабакаҳои обтаъминкунӣ дар 58 деҳа, кам будани иқтидори шабакаҳои мавҷуда дар 85 деҳаҳо. Набудани манбаи маблағгузорӣ. Набудани корхона оиди нигоҳубини шабакаҳо дар ҳудуди ҷамоатҳо. | Пурра ҷавобгӯй нестанд. |

Қайд намудан лозим аст, ки аз 143 деҳа дар 85 деҳа хати оби нӯшокӣ мавҷуд аст, ки 32 деҳа бо воситаи таҷҳизотҳои обкашӣ ва 53 деҳа аз чашма ва обҳои рӯизаминӣ истифода мебаранд. Манбаъҳои рӯизаминии хати оби нӯшокӣ дар деҳаҳои Ёрӣ, Моғиён, Сор, Мазор, Шӯрча, Шӯрнова, Шашқати нав, Қирқарча, Майката, Хурмӣ, Вен

ва Навобод мебошанд. Иншоотҳо ва манбаъҳои обҳои деҳот минтақаи муҳофизати санитарӣ надоранд ва ба ғайр аз сарбанди Мазор, дигар ягон сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда намешаванд. Дар деҳот аҳолӣ оби нӯшокиро аз нуқтаҳои обрезии умумӣ истифода мебаранд, ки 98 % обмилаҳои хатҳои обгузар мурват надоранд, 30% обмилаҳо шикаставу ба ҷои онҳо қубурҳои резинӣ гузошта шудаанд.

Корхонаи воҳиди давлатии коммуналии "Оби Сара" барои таъмин, нигоҳубин ва танзими об ба истифодабарандагони ҷамоати деҳоти Лоиқ Шералӣ аз 7 деҳа танҳо ба 3 деҳаи он хизматрасонӣ мекунад.

Дар дигар ҷамоатҳои деҳот бошад, иншоотҳои обрасонӣ ба тобеъияти худи ҷамоатҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ассосиатсияҳои истифодабарандагони об вогузор карда шудаанд.

*Ҷадвали 50. Маълумотҳои умумӣ оид ба шумораи аҳолӣ, сатҳи таъминоти оби нӯшокӣ ва иншоотҳои обу ташноб дар солҳои 2008-2010*

| Номгӯи нишондодҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 |
| Ҳамагӣ аҳолии муқимии шаҳру деҳот, нафар | 229391 | 234786 | 242340 |
| аз ҷумла: Мардҳо | 115134 | 118141 | 121760 |
| Занҳо | 114257 | 116645 | 120590 |
| Ҳамагӣ аҳолии муқими шаҳр, нафар | 36208 | 36783 | 37344 |
| аз ҷумла: Мардҳо | 18068 | 18336 | 18597 |
| Занҳо | 18140 | 18447 | 18747 |
| Ҳамагӣ аҳолии муқимии деҳот, нафар. | 193183 | 198003 | 204996 |
| аз ҷумла: Мардҳо | 97066 | 99805 | 103153 |
| Занҳо | 96117 | 98198 | 101843 |
| Шумораи ҷамоатҳои деҳот, адад. | 14 | 14 | 14 |
| Шумораи шаҳрак ва деҳаҳо, адад. | 143 | 143 | 143 |
| Шумораи хоҷагиҳо дар ш. Панҷакент, адад. | 7806 | 7810 | 7820 |
| Шумораи хоҷагиҳо дар шаҳрак ва деҳаҳо, адад. | 38927 | 39792 | 41272 |
| Шумораи умумии иншоотҳои обрасонӣ (водопровод) дар шаҳр ва деҳаҳо, адад. | 80 | 84 | 94 |
| Дарозии умумии қубурҳои обрасонии мавҷуда, км. | 509,8 | 527,6 | 585,5 |
| Иқтидори умумии иншоотхои обрасонӣ (водопровод) дар шаҳр ва деҳаҳо, ҳазор м3\дар як шабонарӯз. | 118,27 | 119,89 | 124,06 |
| Шумораи умумии иншоотҳои канализатсия дар шаҳр ва деҳаҳо, адад. | 3 | 3 | 3 |
| Дарозии умумии қубурҳои канализатсияи мавҷуда, км. | 31,3 | 31,6 | 32,11 |
| Иқтидори умумии иншоотҳои канализатсия дар шаҳр ва деҳаҳо; ҳазор м3\дар як шабонарӯз. | 9,05 | 9,05 | 9,05 |

*Ҷадвали 51. Маълумот оид ба сатҳи таъминоти оби нӯшокии аҳолии шаҳр ва ҷамоатҳои шаҳри Панҷакент дар соли 2010*

| Номгӯй | Шаҳри Панҷакент | Ҷамоати Амондара | Ҷамоати Вору | Ҷамоати Ёрӣ |
|---|---|---|---|---|
| Аҳолӣ (нафар) | 37344 | 13050 | 11625 | 19243 |
| Таъмин | 18357 | 3032 | 2250 | 9713 |
| Бо фоиз | 49,1 | 23,2 | 19,3 | 50,4 |
| Таъмин нестанд | 18987 | 10018 | 9375 | 9530 |
| Бо фоиз | 51,9 | 76,8 | 80,7 | 49,6 |
| Номгӯй | Ҷамоати Косата-рош | Ҷамоати Л.Шералӣ | Ҷамоати Могиён | Ҷамоати Рӯдакӣ |
| Аҳолӣ (нафар) | 18766 | 17394 | 19004 | 18521 |
| Таъмин | 5000 | 7859 | 7805 | 2526 |
| Бо фоиз | 26,6 | 45,1 | 41 | 13,6 |
| Таъмин нестанд | 13766 | 9535 | 11199 | 15995 |
| Бо фоиз | 73,4 | 54,9 | 59 | 86,4 |
| Номгӯй | Ҷамоати Саразм | Ҷамоати Сӯҷина | Ҷамоати Фароб | Ҷамоти Хурмӣ |
| Аҳолӣ (нафар) | 26074 | 12382 | 8053 | 10059 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Таъмин | 4955 | 6144 | 1846 | 1383 |
| Бо фоиз | 19 | 49,6 | 22,9 | 13,7 |
| Таъмин нестанд | 21119 | 6238 | 6207 | 8676 |
| Бо фоиз | 81 | 50,4 | 77,1 | 86,3 |
| Номгӯй | Ҷамоати Х.Хасан | Ҷамоати Чинор | Ҷамоати Шинг | Ҳамагӣ |
| Аҳолӣ (нафар) | 13763 | 6661 | 10401 | 242340 |
| Таъмин | 5084 | 1355 | 2498 | 79807 |
| Бо фоиз | 36,9 | 20 | 24 | 32,9 |
| Таъмин нестанд | 8673 | 5306 | 7903 | 162527 |
| Бо фоиз | 63,1 | 80 | 76 | 67,1 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳамагӣ 32,9 фоизи аҳолии шаҳри Панҷакент бо оби нӯшокӣ таъмин ҳастанду халос ва 67,1 фоизи аҳолӣ бошад аз ин неъмати бебаҳо маҳрум мебошад.

Баҳри таъмин намудани аҳолии деҳот бо оби нӯшокӣ барои сохтмон барқарорсозии иншоотҳои обтаъминкунӣ зиёда аз 160 млн. сомонӣ лозим аст.

***Канализатсия.*** Дар солҳои 1985-1990 сохтмони навбати аввали иншоотҳои канализатсияи қисми ғарбии шаҳр: иншооти обтозакунии мавзеи Тошмунор, пойгоҳи обкашии №2 ва хатҳои канализатсия сохта шуданд. Мувофиқи ин лоиҳа (дар солҳои 1985-1990 татбиқ гардид) мебоист сохтмони пойгоҳи обкашии №1 ва хатҳои канализатсионии фишорӣ аз мактаби миёнаи №29 то кӯчаи Терешкова сохта шавад. Аз сабаби барҳам хӯрдани Иттиҳоди шӯравӣ ва ҷудо нагардидани маблағҳо сохтмони иншоотҳои канализатсияи қисми шарқии шаҳр нотамом монд. Айни замон барои таъмири пойгоҳи обкашии №2 ва иншоотҳои обтозакунии мавзеи Тошмунор, ки фарсуда гардидаанд, маблағҳои зиёд лозим аст. Иқтидори шабонарӯзии иншоотҳои мавҷудаи обтозакунӣ 7025м$^3$ мебошад.

***Мушкилоти соҳа.*** Фарсуда ва корношоям будани шабакаҳои оби нӯшокӣ ва канализатсия, норасогии маблағ барои таъмиру барқарорсозии шабакаҳои мавҷуда, набудани техникаҳои махсус ва таҷҳизотҳо, ба меъёри санитарӣ ҷавобгӯ набудани сарҳади минтақаҳои манбаъҳои об, талафоти аз меъёр зиёди оби нӯшокӣ, набудани ҳисобкунакҳои обӣ ва обченкунакҳо, саривақт пардохт нашудани ҳаққи истифодаи об аз ҷониби истифодабарандагон ва набудани корхонаҳои обтаъминкунӣ дар ҷамоатҳои деҳот ба сатҳи хизматрасонии соҳа таъсири мусбӣ мерасонанд.

**4.1.2. Барқтаъминкунӣ**

Шабакаҳои барқи Панҷакент соли 1971 ба ташкил шудааст. Айни ҳол теъдоди кормандони он 416 нафар буда, аз ин шумора 110 нафар кормандони муҳандисӣ-техникӣ мебошанд. Корхона барои шаҳри Панҷакент ва ҷамоатҳои он, ноҳияҳои Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ хизмат мерасонад.

Шабака дар мувозинаи худ 16 зеристгоҳи барқӣ, аз ҷумла зеристгоҳи дорои шиддаташ 220 кВт, бо иқтидори 126 ҳазор кВт, 10 зеристгоҳи дорои шиддаташ 110 кВт, бо иқтидори 15 ҳазор кВт ва 6 зеристгоҳи дорои шиддаташ 35 кВт, бо иқтидори 15 ҳазор кВт дорад. Ҳаҷми солонаи барқтақсимкунӣ 265-270 млн. кВт/соатро ташкил медиҳад. Дарозии умумии хатҳои барқии 220 кВт - 39 км, 110 кВ - 184 км, 30 кВт - 83 км, 20 кВт - 74 км, 10 кВт - 826 км, 6 кВт - 123 км ва 0,4 кВт - 1297 километр аст.

Дар худуди деҳоти Панҷакент танҳо ду деҳа Роғич ва Зиндовуди ҷамоати деҳоти Моғиён, ки аз маркази ҷамоат дар масофаи 24 км дур ҷойгиранд, бо қувваи барқ таъмин нестанд. Дар деҳаҳои мазкур аз замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ то имрӯз хати барқ гузаронида нашудааст ва барои ба ин деҳаҳо гузаронидани хати барқ маблағи зиёде лозим аст. Дар замони Иттиҳоди Шуравӣ деҳаҳои мазкур ба воситаи пойгоҳҳои барқӣ - дизелӣ бо барқ таъмин карда мешуданд. Айни замон ин пойгоҳҳо корношоям гардидаанд. Дар мавзеи болооби дарёи Моғиён имконияти сохтани НОБ-ҳои хурд вуҷуд дорад, ки ин ҷалби сармояи дохиливу хориҷиро талаб менамояд.

Бинобар номунтазам интиқол шудани гази табиӣ ба шаҳри Панҷакент ва деҳаҳои гирду атроф истиқоматкунандагон аз қувваи барқ истифода мебаранд, ки ба аз корбарории трансформаторҳо, хатҳои барқӣ ва шабакаҳои тақсимотӣ оварда мерасонад. Ин ҳолат мах-

сусан дар фасли сармо зиёдтар дучор мешавад. Дар деҳаҳое, ки гази табиӣ надоранд, аҳолӣ бо сабаби хароб шудани хатҳои барқӣ аз аловмонакҳои гармидиҳӣ истифода менамоянд, ки ба ангиштсанг ва ҳезум ниёз доранд. Азбаски аҳолӣ имконияти харидории ангиштсангу ҳезум надоранд, аксарияти хонаводаҳо бегармӣ ва бе чароғ мемонанд.

*Ҷадвали 52. Сатҳи таъминоти барқ дар ҷамоатҳои деҳоти шаҳри Панҷакент дар соли 2010*

| № | Номгӯи ҷамоатҳои деҳот | % таъминоти аҳолӣ бо барқ | Намуди асосии сарчашмаи таъминоти барқ (аз ҷумла НБО хурд) | Душвориҳои асосии таъминоти барқ | Вазъи таъминоти барқи бетанаффус |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Рӯдакӣ | 100 | НБО – и хурди «Артуч»<br>НБО – и хурди Панчрӯд<br>ХБ – 10кВ «Кулолӣ»<br>ХБ – 10кВ «Зарафшон» | Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр | Дар мавсими сармо аз ҳисоби НБО-и хурд.<br>30% - ҷорӣ намудани меъёр тавассути ХБ – 10кВ. |
| 2 | Ворӯ | 100 | НБО – и хурди Порвен<br>ХБ – 10кВ «Кулолӣ»<br>ХБ – 10кВ «Зарафшон»<br>ХБ – 10кВ «Шӯрча» | Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр | 5%, аз ҳисоби НБО- и хурд «Порвен».<br>95%- ҷорӣ намуданӣ меъёр тавассути ХБ – 10кВ. |
| 3 | Лоиқ Шералӣ | 100 | ХБ – 10кВ «Колхозчиён»<br>ХБ – 10кВ «Зарафшон» | Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр | Дар мавсими сармо аз рӯи меъёр бо барқ таъмин мегарданд. |
| 4 | Ёрӣ | 100 | ХБ – 10кВ «Ёрӣ»<br>ХБ – 10кВ «Ҷомӣ» | Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр | Дар мавсими сармо аз рӯи меъёр бо барқ таъмин мегарданд. |
| 5 | Хурмӣ | 100 | ХБ– 10кВ «Дашти Қозӣ»<br>ХБ – 10кВ «Навобод» | Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр | Дар мавсими сармо аз рӯи меъёр бо барқ таъмин мегарданд. |
| 6 | Сӯҷина | 100 | ХБ–10кВ–(Дашти Мала) | Ҷорӣ намудани меъёр | Дар мавсими сармо аз рӯи меъёр бо барқ таъмин мегарданд. |
| 7 | Косатарош | 100 | ХБ – 10кВ «Косатарош»<br>ХБ – 10кВ «Б. Ғафуров» | Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр | Дар мавсими сармо аз рӯи меъёр бо барқ таъмин мегарданд. |
| 8 | Шинг | 100 | ХБ – 10кВ «Ҳақиқат»<br>ХБ – 10кВ «Геологҳо» | Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр | Дар мавсими сармо аз рӯи меъёр бо барқ таъмин мегарданд. |
| 9 | Моғиён | 99,5 | ХБ – 10кВ «Хурмӣ»<br>ХБ – 10кВ «Моғиён»<br><br>«Роғич, Зиндовуд, бе нерӯи барқ» | Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр<br>Набудани хати барқии 10кВ ва нуқтаи трансформаторӣ | Дар мавсими сармо аз рӯи меъёр бо барқ таъмин мегарданд. |
| 10 | Фароб | 100 | ХБ – 10кВ «Хурмӣ» | Ҷорӣ намудани меъёр | Дар мавсими сармо аз рӯи меъёр бо барқ таъмин мегарданд. |
| 11 | Халифа Ҳасан | 100 | ХБ – 10кВ «Сӯфиён»<br>ХБ – 10кВ «Корхонаи Хиштбарорӣ»<br>ХБ – 10кВ «Шаҳр» | Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр | Дар мавсими сармо аз рӯи меъёр бо барқ таъмин мегарданд. |
| 12 | Саразм | 100 | ХБ – 10кВ «Пойгоҳи обкашии Ленинрад» | Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр | Дар мавсими сармо аз рӯи меъёр бо барқ таъмин мегарданд. |
| 13 | Чинор | 100 | ХБ – 10кВ «Нафтрасон»<br>ХБ – 10кВ «Нилуфар» | Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр | Дар мавсими сармо аз рӯи меъёр бо барқ таъмин мегарданд. |
| 14 | Амондара | 100 | ХБ – 10кВ «Навобод»<br>ХБ – 10кВ «Ҷомӣ» | Ҷорӣ намудани меъёр<br>Ҷорӣ намудани меъёр | Дар мавсими сармо аз рӯи меъёр бо барқ таъмин мегарданд. |

Дар соли 2010 ба аҳолӣ ва корхонаҳои шаҳри Панҷакент дар ҳаҷми 29098,8 ҳаз. сомонӣ неруи барқ фурухта шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2008 2,2 маротиба зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии барқи фурухташуда 17,3% ба аҳолӣ, 3 фоиз ба ташкилотҳои буҷетӣ ва боқимонда 79,7% ба дигар такшилоту идораҳо мебошад.

*Ҷадвали 53. Ҳаҷми фурӯши барқ дар тӯли солҳои 2008 – 2010*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | 2010 нисбат ба 2008 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2008 | 2009 | 2010 | |
| 1 | Фурӯши барқ | ҳаз. сом. | 13459,6 | 18904,4 | 29098,8 | 2,2 маротиба |
| 2 | Ҳаҷми умумии барқи фурӯхташуда | ҳазор кВт/с | 229151,6 | 227762,2 | 232814,7 | 101,6 |
| 3 | Аз он ҷумла: ба аҳолӣ | ҳаз. сом. | 5033,3 | 7915,2 | 10350,6 | 2 маротиба |
| | -ҳаҷми умумӣ | ҳазор кВт/с | 117436,6 | 119465,1 | 115032,6 | 98 |
| 4 | Ба ташкилотҳои буҷетӣ | ҳаз. сом. | 511,6 | 670,7 | 821,6 | 1,6 маротиба |
| 5 | Ба ташкилотҳои ғайри-буҷетӣ | ҳаз. сом. | 7914,7 | 10318,5 | 17926,6 | 226 |
| | Ҳаҷми умумӣ | ҳазор кВт/с | 111695,0 | 108893,5 | 117782,0 | 105 |
| 6 | Нархи 1 кВт қувваи барқ (ба ҳисоби миёна | дирам | 5,35 | 8,3 | 12,47 | 2,3 маротиба |
| | -ба аҳолӣ | дирам | 4,29 | 6,63 | 9 | 2,2 маротиба |
| | - ташкилотҳои буҷетӣ | дирам | 5,48 | 8,16 | 10,03 | 1,8 маротиба |
| | -ташкилотҳои ғайри-буҷетӣ | дирам | 16,42 | 20,52 | 25,13 | 141 |
| 7 | Қарзи умумии мушта-риён дар назди корхона аз он ҷумла: | ҳазор сомонӣ | 1243,0 | 3071,1 | 3738,6 | 3 маротиба |
| | - аҳолӣ | ҳаз. сом. | - | 726,3 | 1297,0 | 129,7 |
| 8 | Талафоти умумӣ | ҳазор кВт/с | 35148,4 | 32724,4 | 52807,3 | 1,5 маротиба |
| | -талафоти умумӣ | % | 13,6 | 12,56 | 18,46 | 135,7 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки қарзи умумии муштариён дар назди Шабакаҳои барқи Панҷакент дар соли 2010 нисбат ба соли 2008 3,0 маротиба зиёд шудааст, аз ҷумла қарзи аҳолӣ бошад 129,7 фоизро ташкил медиҳад.

### 4.1.3. Газтаъминкунӣ

Корхонаи Фаръии «Панҷакентгаз» корхонаест, ки аҳолии шаҳру деҳоти Панҷакентро бо гази табиӣ таъмин менамояд. Корхона соли 1980 таъсис дода шуда, дорои 34 нафар кормандон мебошад. Иқтидори қубурҳои газ 70 млн. м$^3$ дар яксол мебошад. Корхона дорои 10 адад воситаи нақлиётӣ буда, танҳо 3 мошини сабукрав ва 1 мошини махсус коршоям мебошанд.

Корхона дорои 7078 муштариён мебошад. Аз гази табиӣ асосан ҷамоатҳои деҳоти Саразм ва Чинор, се корхонаи саноатӣ, беморхонаи марказӣ, дармонгоҳи шаҳрӣ, дармонгоҳи табобатии дандон, таваллудхона ва 17 маҳаллаҳои шаҳр истифода мебурданд.

Дар фасли зимистони солҳои сипаригардида на ҳамаи муштариён бо гази табиӣ таъмин карда мешуданд. Танҳо хонаҳои баландошёнаи истиқоматии 7 маҳаллаи шаҳр, 4 мактаби таҳсилоти умумӣ, 1 боғчаи бачагонаи «Оҳубарра» ва 7 деҳоти Саразм ва Чинор аз газ истифода мебурданд.

Корхонаи Фаръии «Панҷакентгаз» иқтидор дорад, ки аҳолӣ ва корхонаву ташкилотҳои шаҳрро дар як сол ба миқдори 5500,0 ҳазор м$^3$ бо гази табиӣ таъмин намояд. Аз 13 сентябри соли 2010 инҷониб Ҷумҳурии Ӯзбекистон интиқоли гази табиииро ба шаҳри Панҷакент қатъ намудааст.

Бинобар набудани гази табиӣ, аҳолии шаҳр асосан аз қувваи барқ ва ангишт истифода мебаранд. Айни замон корхонаи мазкур нуқтаҳои фурӯши гази моеъро ташкил намудааст ва масъалаи харидорӣ намудани автомашинаҳои газкашонӣ ва таҷҳизотҳои зарурирo ҳаллу фасл намуда истодааст.

*Ҷадвали 54. Маълумот оиди таъминоти гази табии ба шаҳри Панҷакент*

| Шаҳрак, ҷамоат | %- таъминот бо гази табиӣ | Дарозии қубур | Мушкилоти асосии таъминот |
|---|---|---|---|
| Шаҳри Панҷакент | _ | 122,7 км | Ворид нагардидани гази табиӣ аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон |

### 4.1.4. Нақлиёт ва роҳ

Робитаҳои дохилӣ ва берунии тиҷоратию иқтисодӣ дар шаҳр тавассути нақлиёти автомобилӣ амалӣ гардонида мешаванд. Барои шаҳри Панҷакент рушди робита бо шаҳри Душанбе ба воситаи роҳи автомобилгарди Панҷакент–Айнӣ ва ба маркази вилоят бо роҳи Панҷакент-Айнӣ-Хӯҷанд, ки барои баровардани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба нуқтаҳои истеҳсолӣ ва коркард имконият медиҳад, муҳим мебошад.

Дар хизматрасонии нақлиётии шаҳр нақши муҳимро шабакаи роҳҳои маҳаллӣ мебозанд, ки талаботро дар кашонидани борҳои корхонаҳо ва хоҷагиҳои алоҳида таъмин менамоянд. Ҳамзамон воситаи пайвастшаванда ба шабакаи асосии шоҳроҳҳо ба шумор мераванд.

Дар давраи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар хати сайри ноҳия 113 адад нақлиёти мусофиркашони ба 13 ҳазор мусофирон дар як шабонарӯз хизмат мерасониданд. То соли 1995 тавассути Ҷумҳурии Узбекистон хатҳои сайри мусофиркашони Панҷакент-Хуҷанд (се рейс) ва Панҷакент-Душанбе (2 рейс) дар як рӯз фаъолият менамуданд. Алалхусус баъд аз баста гардидани сарҳади байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Узбекистон тавассути минтақаи Самарқанд мусофиркашонии сокинони водии Зарафшон тариқи ин шоҳроҳ қатъ гардид.

Айни ҳол соҳаи нақлиёти истифодаи умум ва боркашонии шаҳр аз ҷониби соҳибкорон пурра амалӣ мешавад. Дар соҳаи нақлиёти автомобилии шаҳри Панҷакент зиёда аз 1218 нафар соҳибкорони инфиродӣ фаъолият доранд, ки аз ин 305 нафар ба боркашонӣ, 18 нафар тариқи автобусҳо, 120 нафар бо воситаи микроавтобусҳо ва 775 нафар бо нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат мекунанд, ки талаботи шаҳрро дар ин самт пура таъмин мекунад.

Тибқи маълумоти оморӣ дар шаҳр нақлиётҳои тааллуқи корхонаю муассисаҳо 1216 адад воситаи нақлиёти автомобилӣ ва 4136 адад нақлиёти сабукрави шахсӣ мавҷуд аст. Ба ғайр аз ин, дар бозори ҳамлу нақли ноҳия 241 адад нақлиёти мусофиркашонии шахсии иҷоравӣ, 387 адад нақлиёти боркашонии шахсию иҷоравӣ ва инчунин 148 адад нақлиёти автомобили сабукрави шахсӣ (таксиҳо) фаъолият доранд.

Дар шаҳр се корхонаи нақлиёти автомобилӣ фаъолият менамояд. Ҷамъияти саҳҳомии «Даврон» (собиқ Муассисаи нақлиёти автомобилии №37) яке аз муассисаҳои кӯҳан аст, ки соли 1931 таъсис таъсис дода шуда ва соли 1998 ба ҶС «Даврон» табдил дода шуд. Дар муассиса 650 нафар корманд фаъолият доранд. Ин ягона корхонае, ки асосан бо мусофиркашони машғул аст. Дар айни ҳол ҶМ «Даврон» дорои 430 адад воситаи нақлиёти мусофирбар (автобус, микроавтобус ва Дамас) мебошад ва теъдоди мошинҳои сабукрав 15 адад аст. Муассиса дар 41 хатсайр хизмат мерасонад.

Техникаи дар корхона буда фарсуда шуда, корношоям гардидаанд ва дар чунин ҳолат истифода бурдани онҳо барои мусофиркашонию боркашонӣ хавфнок мебошад. Дар айни ҳол 5 адад автобусҳои ҳозиразамон барои кашонидани мусофирон машғуланд, ки аз он 1 адад дар хатсайрӣ Панҷакент- Панҷрӯд-Панҷакент ва 4 адади он бошад дар маркази шаҳр хизмат мерасонанд. Барои пурра таъмин намудани талаботи сокинони шаҳр ба хизматрасонии нақлиётӣ дастрас намудани нақлиёти иловагӣ зарурият дорад.

Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи «Боркашон» (собиқ Муассисаи нақлиёти автомобилии № 1, Ҷамъияти саҳҳомии Трести сохтмонии Панҷакентсоз») дорои 52 адад воситаи нақлиёти боркаш ва 3 адад нақлиётӣ мусофиркаш мебошад.

Муассисаи нақлиёти автомобилии №11 назди Корхонаи воҳиди давлатии «Зарафшонобсохтмон» дорои 42 адад воситаи нақлиёти боркаш ва 2 адад мусофирбар мебошад.

Терминали мусофиркашонии Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Одил» яке аз терминалҳои замонавист. Он мутобиқи тавоноии лоиҳавӣ дар як шабонарӯз аз 2300 то 2500 нафар мусофирро қабулу гусел карда метавонад. Айни замон танҳо аз 950 то 1000 нафар мусофирон аз он истифода мебаранд.

Дар шаҳри Панҷакент ду ташкилот ба фаъолияти роҳдорӣ машғул мебошад. Яке аз он Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳр, ки тобеи Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар ин корхона 75 нафар коргарон фаъолият менамоянд. Корхона дорои 74 адад техникаҳои роҳсозӣ, нақлиёт ва таҷҳизотҳо мебошад, ки аз инҳо 44 ададаш коршоям мебошад. Аксарияти техникаҳо бо сабаби набудани қисмҳои эҳтиётӣ фаъолият наменамоянд. Корхона дорои заводи асфалтбарории ДС-117 мебошад, ки он барои дар як соат 32 тонна асфалт баровардан иқтидор дорад. Айни замон, бинобар набудани фармоиш ва маблағ завод ба иқтидори пуррааш фаъолит намекунад.

Корхонаи дигар ин Ҷамъияти саҳҳомии «Асл» мебошад, ки аз соли 2007 ба фаъолияти роҳдорӣ машғул мебошад. Дар ин корхона 53 адад техникаву нақлиётҳо ва таҷҳизотҳо, заводи асфалтбарорӣ мавҷуд аст, ки 34 ададашон коршоям мебошанд.

Дар мувозинаи Муассисаи давлатии нигаҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Панҷакент 285,8 км роҳҳои истифодаи умум қарор доранд, ки 65,7 км роҳҳои байналмиллалӣ, 17 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 203,1 км-и онҳо дорои аҳамияти маҳаллӣ мебошанд. Роҳи Дуоба-Фароб дар баландии 1950 метр аз сатҳи баҳр қарор дорад. Аз 285,8 км роҳҳои истифодаи умум дар давраи то пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ 61 км роҳҳо сохта шудааст. Баъди солҳои 1990 дар роҳҳои истифодаи умум фақат барои нигоҳдории онҳо маблағ ҷудо шудаасту халос.

Инчунин дар ҳудуди шаҳр 62 адад кӯпрук (929,7 мт) ва 361 адад қубурҳои обгузар (3258 мт) мавҷуд мебошанд. Аз 62 адад кӯпрукҳои дар тавозун буда, дар 30 ададашон таъмири асосӣ гузаронида шудааст ва 32 адади дигарашон ба азнавсозӣ ниёз доранд. Ҳоло ҳам кӯпрукҳое мавҷуданд, ки фаршашон чӯбин мебошад, ба монанди кӯпруки 155 метраи овезон, ки дар роҳӣ Панҷакент -27 км роҳи Дупула - Хурмӣ ҷойгир аст. Фарши онро бояд оҳанин кард, зеро ин кӯпрук соҳили рости дарёи Зарафшонро бо соҳили чап пайваст менамояд. Инчунин ду кӯпрук, ки дар роҳҳои Дупула-Вешист, Сӯфиён-Шинг аз офати табиӣ хароб гаштаанд, бинобар набудани маблағи зарурӣ то ҳол барқарор карда нашудаанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки солҳои охир бинобар набудани маблағҳои зарурӣ дар аксарияти роҳҳо солҳои дароз (зиёда аз 30 сол) таъмири ҷорӣ ва асосӣ гузаронида нашудааст. Дар натиҷаи истифодабарӣ фарши роҳ хеле фарсуда шудааст, ки онро бо гузаронидани таъмири ҷорӣ барқарор намудан ғайри имкон аст.

Дар бисёр мавзеъҳо фарши роҳ аз сатҳи замин паст аст, ки дар натиҷаи боришот об ҷамъ шуда, фарши роҳ ва паҳлӯҳои онро вайрон месозад. Зиёда аз 25 км роҳи байналмиллалии Айнӣ-Панҷакент (47-93 км), роҳи ҷумҳуриявии Шӯрча-Артуч (0-17 км) ва 97 км роҳҳои маҳаллӣ аз ҷумла, роҳҳои Дуоба-Фароб, Сӯфиён-Шинг, Дупула-Хурмӣ, Дупула-Вешист, Колхозчиён-Мазор, Панҷрӯд-Артуч ҳамагӣ зиёда аз 127 км роҳҳо таъмир талаб буда, ба таъмири ҷорӣ ё асосӣ тақозо доранд, ки ин ба бехатарии ҳаракати нақлиёт таҳдиди ҷиддӣ мерасонад.

Тӯли солҳои 2008-2010 андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 6959,6 ҳазор сомонӣ маблағҳо ворид гаштааст. Мутаассифона дар тӯли ин солҳо аз ин маблағ барои таъмири роҳҳо сармоя ҷудо нагардидааст. Дар соли 2010 барои нигоҳдории роҳҳои автомобилгард тавассути Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия маблағҳои ночиз масраф шуд, ки ҳамагӣ 1 км роҳ таъмир гардидааст. Ҳоло 127 км роҳҳои дохили шаҳрӣ таъмирталаб мебошанд.

Барои нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳои автомобилгарди шаҳри Панҷакент дар солҳои 2011-2015 тақрибан 3766,0 ҳазор сомонӣ маблағ зарур аст.

*Ҷадавли 55. Дурнамои рушди соҳаҳои инфрасохтор*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Дарозии умумии роҳҳои автомобилгард – ҳамагӣ (км) | 345,3 | 345,3 | 345,3 | 345,3 | 345,3 | 100 |
| аз ҷумла: бо болопӯши сахт | 92,1 | 94,1 | 94,1 | 123,7 | 123,7 | 134 |
| аз онҳо: бо болопӯши мукаммал | 171,3 | 171,3 | 171,3 | 142,7 | 142,7 | 0,83 |
| Болопӯши қумӣ | 81,9 | 79,9 | 79,9 | 78,9 | 78,9 | 0,96 |
| Аз дарозии умумии роҳҳо: | | | | | | |
| Роҳҳои истифодаи умум – ҳамагӣ (км) | 345,3 | 345,3 | 345,3 | 345,3 | 345,3 | 100 |
| аз ҷумла: бо болопӯши сахт | 92,1 | 94,1 | 94,1 | 123,7 | 123,7 | 134 |
| аз онҳо: бо болопӯши муқаммал | 171,3 | 171,3 | 171,3 | 142,7 | 142,7 | 0,83 |
| Роҳҳо аз рӯи аҳамияташон: (км) | | | | | | |
| Ҷумҳуриявӣ | 17,0 | 17,0 | 17,0 | 17,0 | 17,0 | 100 |
| Маҳаллӣ | 262,6 | 262,6 | 262,6 | 262,6 | 262,6 | 100 |

### 4.1.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ

Бахши Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»- и шаҳри Панҷакент яке аз корхонаҳои бонуфузи алоқаи шаҳр маҳсуб меёбад. Дар он 100 нафар кормандон ва муҳандисон фаъолият мекунанд. Ду пойгоҳи рақамии дорои 6504 рақам дар шаҳр ва 3 пойгоҳи хурди рақамии ҳозиразамон дар деҳот, ки дорои 1920 рақам, 10 нуқтаи гуфтугӯи байнишаҳрӣ ва 9 таксафон ба мардуми шаҳру деҳот хизмат мерасонанд. Дар соли 2010 дар маҳаллаи Хамиртеппа 1 адад таҷҳизоти ИКМ – 15 ва дар ҷамоати Хурми низ 1 адад таҷҳизоти ИКМ – 15 гузошта ба истифода дода шуд. Дар солҳои 2009 – 2010 тибқи нақша аз маркази шаҳри Панҷакент то маркази ҷумҳурӣ ва маркази вилояти Суғд хати нурӣ кашида шуд, ки хати мазкур бо таҷҳизотҳои замонавии рақами SDH дар асоси апаратураи STM – 4 алоқа сохта ва васл карда шуд, ки ин имкон медиҳад, ки муштариён аз хизматрасонии пайвастшавӣ бо интернет, почтаи электронӣ ва алоқаи хушсифат бархӯрдор шаванд.

Мардуми шаҳр деҳот аз шабакаҳои мобилии «Тселл», «Вавилон», «МЛТ», «Билайн», «ТК-Мобайл», «Телеком - технолоҷӣ» ва ғайра истифода мебаранд. Дар ҳудуди шаҳру деҳот 4 барномаи телевизионӣ (ТВТ, ТВ Сафина, Баҳористон, Ҷаҳоннамо ва ТВ «Симо») ва 3 барномаи радиои Тоҷикистон пахш карда мешавад. Ширкати ҷамъиятии масъулияташ маҳдуди «Симо-ТВ» аз соли 1992 фаъолият мекунад.

Дар ин самт бинобар мавҷуд набудани таҷҳизоти мавҷқабулкунӣ танҳо сокинони шаҳр аз пахши барномаҳои ширкати мазкур бархурдор буда, деҳаҳои дурдаст аз пахши он бархурдор нестанд. Таҷҳизотҳои ширкати мазкур фарсуда шуда талаботи пурраи сокинони ноҳияро таъмин карда наметавонанд. Барои таъмин намудани тақозои имрӯза ширкати мазкур зарурият ба харидорӣ намудани таҷҳизоти ҳозирзамон дорад.

## Стратегия ва вазифаҳои бахши инфрасохтор. Хизматрасонии манзилию коммуналӣ

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо (лоиҳа) | Арзиши умумӣ (ҳаз.с) | Солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Масъул | Сарчашмаҳои маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сатҳи пасти хизматрасонии манзилию коммуналӣ | Беҳтар намудани ҳолати санитарии иншоотҳои партовтозакунӣ | Бастани шартномаҳо бо ҳамаи истеъмолкунандагони хизматрасонии манзилию коммуналӣ | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | КДФ «Хоҷагии манзилию коммуналӣ | Буҷети маҳаллӣ | Фоизи аҳолӣ ва ташкилоту корхонаҳое, ки ба хизматрасонии коммуналӣ фарогиранд (65% то соли 2016) |
| | | Ташкил намудани ҷойҳои махсус барои партовгоҳҳо дар ҷамоати деҳоти Шинг, Сӯҷина, Косатарош, Хурмӣ, Чинор, ва Фароб | 59 | 10 | 20 | 12 | 10 | 7 | Ҷамоати деҳотҳо | Сармояи хориҷӣ | |
| | | ҲАМАГӢ: | 69 | 12 | 22 | 14 | 12 | 9 | | | |
| | | Сармояи дохиливу хориҷӣ | 69 | 12 | 22 | 14 | 12 | 9 | | | |

## Стратегия ва вазифаҳои бахши инфрасохтор. Соҳаи таъминоти об ва санитария

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо (лоиҳа) | Арзиши умумӣ (ҳаз.с) | Солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Масъул | Сарчашмаҳои маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дастрасӣ бо оби тозаи нӯшокӣ ва беҳдошти ҳолати саешарӣ | Бунёди хатҳои оби нӯшокӣ ва беҳдошти ҳолати санитарӣ | Таъсиси корхонаҳои обтаъминкунӣ дар ҷамоатҳои деҳот | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | Корхонаи обтаъминкунии шаҳри Панҷакент | Номуайян | %-и таъминоти аҳолӣ бо оби хушсифати нушиданӣ (90% то соли 2016) |
| | | Ташкили ассотсиатсияи истифодабарандагони оби нӯшокӣ дар деҳаҳои Ғарибак, Ваҳдат ва Шингаки ҷамоати деҳоти Хурмӣ, ҷамоати деҳоти Могиён, ҷамоати деҳоти Х.Ҳасан, ҷамоати деҳоти Саразм | 22 | 5 | 5 | 10 | 2 | | | Номуайян | |
| | | Сохтмони нави системаи обтаъминкунии шаҳр (аз сои Савр то пойгоҳи обкашии Қайнар) | 9848 | - | - | 3282 | 3282 | 3284 | | Номуайян | Шумораи ассотсиатсияҳои нав ташкилшуда (6 адад то соли 2016) |
| | | Барқарорсозии систе-маи обтаъминкунии мавҷуда | 5820 | - | - | 1940 | 1940 | 1940 | | Номуайян | |
| | | Таҷдид ва васеъкунии системаи обтаъминкунии шаҳр (дар кӯчаҳои Б.Марвазӣ ва Навобод) | 4010 | - | - | 1370 | 1370 | 1270 | | Номуайян | |
| | | Сохтмони нави сис-темаи канализатсияи шаҳр | 4594 | - | - | 1530 | 1530 | 1534 | | Номуайян | |
| | | Барқарорсозии сис-темаи канализатсияи мавҷуда | 1316 | - | - | 440 | 440 | 436 | | Номуайян | |
| | | Таҷдид ва васеъкунии системаи обтаъ-минкунии шаҳр | 2674 | - | - | 890 | 890 | 894 | | Номуайян | |
| | | Гузаронидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаҳои Ҳавзак, Чубот, Ката-қишлоқи ҷамоати деҳоти Хурмӣ | 255 | - | 100 | 155 | | | | Номуайян | Дарозии умумии хатҳои обтаъминкунии нави ба истифодадодашуда (10000 м то соли 2015) |
| | | Давом додани сохтмони хати оби нӯшокӣ дар деҳаи Сӯҷинаи ҷамоати деҳоти Сӯҷина | 120 | 120 | | | | | | Номуайян | |
| | | Гузаронидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаҳои Чорбоғи Нав, Филман-дар дар гузари Уқоб-хона, Косатарош дар гузари поёни ҷамоати деҳоти Косатарош | 300 | - | - | - | 150 | 150 | | Номуайян | |
| | | Гузаронидани хати оби нӯшокӣ дар мавзеи «Шаршара» ва | 150 | - | | 150 | | | | Номуайян | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *«Агбача»-и ҷамоати деҳоти Фароб* | | | | | | | | | |
| | | *Гузаронидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаҳои Чинор, Тошминор, Ялогчар ва Чорводори ҷамоати деҳоти Чинор* | *150* | *-* | *-* | *150* | | | | *Номуайян* | *Шумораи деҳаҳое, ки пурра бо оби нушокии хушсифат таъминанд (70 адад то соли 2016)* |
| | | *Азнавбарқароркунии хати оби нӯшокии деҳаҳои Могиён, Фонӣ, Оби Борик, Пули Гирдоб, Пушти Қӯргон ва Хурмии ҷамоати деҳоти Могиён* | *400* | *-* | *100* | *300* | | | | *Номуайян* | |
| | | *Кашидани хатти оби нӯшокӣ ба мавзеъҳои навбунёди деҳаҳои Фонӣ, Пули Гирдоб, Сор ва Ғезани Поёни ҷамоати деҳоти Могиён* | *30* | *-* | *30* | | | | *Корхонаи обтаъминкунии шаҳри Панҷакент* | *Номуайян* | |
| | | *Гузаронидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаҳои Савр ва Шӯрчаи ҷамоати деҳоти Х.Ҳасан* | *150* | *50* | *100* | | | | | *Номуайян* | |
| | | *Гузаронидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаҳои Мугулони поён, Мугулони боло ва Хӯҷагариби ҷамоати деҳоти Амондара* | *320* | *120* | *150* | *50* | | | | *Номуайян* | *Шумораи истгоҳҳои обктаъминкунии таъмиргардида ва сохташаванда (то соли 2016 50 адад)* |
| | | *Гузаронидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаҳои Камар, Шӯрноваи нав, Тегирмон, Ӯртақишлоқ ва Авазалии ҷамоати деҳоти Саразм* | *300* | *-* | *-* | *200* | *100* | | | *Номуайян* | |
| | | *Гузаронидани хатти оби нӯшоки дар деҳаҳои Кулолӣ, Зери Ҳи-сор, Бӯстон ва Некноти нав ва Панҷрӯди ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ* | *450* | *-* | *-* | *-* | *200* | *250* | | *Номуайян* | |
| | | *Идома додани бунёди хати оби нӯшокии деҳаи Гулистони ҷамоати деҳоти Вору* | *200* | *-* | *-* | *-* | *200* | | | *Номуайян* | |
| | | *Гузаронидани хати оби нӯшокӣ дар деҳаҳои Ғӯйтан, Тагоби халқ, Советобод, Шашкати нав, Маргедар, Маргедари боло, Бӯстон, Ӯти баланд, Гулистон, Ғазза ва Кӯҳии ҷамоати деҳоти Вору* | *1050* | *50* | *100* | *200* | *300* | *400* | | *Номуайян* | *Фоизи маҳаллаҳои нави аҳолинишини бо оиби нӯшоки таъмингардида (90% то соли 2016)* |
| | | *Гузаронидани хати оби нӯшокӣ ба деҳаҳои Ёрӣ, Мингдона, Вешист, Киштӯдак, Дашти Қозӣ ва Рӯзи обнок ҷамоати деҳоти Ёрӣ* | *400* | *100* | *100* | *100* | *100* | | | *Номуайян* | |
| | | *Пурра таъмин намудани аҳолии деҳаҳои Чумоқ, Мазор ва Баҳори ҷамоати деҳоти Л.Шералӣ бо оби нӯшокӣ* | *45* | *-* | *-* | *-* | *45* | | | *Номуайян* | |
| | | *Барқарор намудани қубури обкашӣ дар деҳаи Девалтич ҷамоати деҳоти Халифа Ҳасан* | *50* | *-* | *-* | *50* | | | | *Номуайян* | |
| | | *Бо оби нӯшокӣ таъмин намудани Ӯртақишлоқ, Камартош, Ҳавзак ва Чимқӯргон ҷамоати деҳоти Саразм* | *80* | *-* | *80* | | | | | *Номуайян* | |
| | | *Ҳамагӣ:* | *35355* | *445* | *760* | *11567* | *11499* | *11084* | | | |
| | | *Номуайян* | *35355* | *445* | *760* | *11567* | *11499* | *11084* | | | |
| | | | | | | | | | | | |

## Соҳаи барқтаъминкунӣ

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо (лоиҳа) | Арзиши умумӣ (ҳазор сомони) | Солҳо | | | | | Масъул | Сарчашмаҳои маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| *Беҳтар намудани ҳолати бартаъминкунӣ* | *Беҳтар намудани инфрасохтори соҳаи барқтаъминкунӣ* | *Сохтмони зеристгоҳҳои барқии 110 кВ «Қавола ва Хамиртеппа»* | *300* | *60* | *60* | *60* | *60* | *60* | *ШСХК «Барқи Тоҷик»* | *Номуайян* | *Шумораи таъминоти аҳолӣ бо нерӯи барқ то соли 2016 38711 аҳолӣ* |
| | | *Сохтмони НБО-и хурд дар деҳаҳои Падруд, Рогич, Негнот,Киштӯдаки нав* | *350* | *70* | *70* | *70* | *70* | *70* | *Вазорати энергетика ва саноати ҶТ* | *Номуайян* | |
| | | *Сохтмони навбати дуюми зеристгоҳи барқии «Зарафшон»* | *250* | *50* | *50* | *50* | *50* | *50* | *ШСХК «Барқи Тоҷик»* | *Номуайян* | |
| | | *Гузоштани трансформаторҳои иловагӣ дар дохили шахр ва деҳаҳои Роҷ, Равот, Фароб, Ёрӣ* | *200* | *40* | *40* | *40* | *40* | *40* | *ШСХК «Барқи Тоҷик», ҶСК «Шабакаҳои барқи Панҷакент»* | *Номуайян* | *Шумораи зеристгоҳҳои сохташуда ва таъмиркардашуда (то соли 2016 -10 адад)* |
| | | *Сохтмони хати барқ ба деҳаҳои Рогич ва Зиндовуд* | *780* | | *400* | *380* | | | *ШСХК «Барқи Тоҷик»* | *Маблағҳои худӣ* | |
| | | *Сохтмони НБО-и хурди «Зимтӯд», «Тагоби Халқ», «Обшор», «Площадка» ва «Оби борик»* | *989* | *197,8* | *197,8* | *197,8* | *197,8* | *197,8* | *ШСХК «Барқи Тоҷик»* | *Номуайян* | *Шумораи НОБ-хурди сохташуда (то соли 2016 -6 адад)* |
| | | *Иваз намудани трансформаторҳои иқтидорашон хурд ба калон* | *350* | *70* | *70* | *70* | *70* | *70* | *ШСХК «Барқи Тоҷик»* | *Номуайян* | |
| | | *Иваз намудани симчӯбҳои корношоямгардида (мӯҳлати истифодабариашон гузашт)* | *150* | *30* | *30* | *30* | *30* | *30* | *ШСХК «Барқи Тоҷик»* | *Номуайян* | *Ҳиссаи аҳолие, ки бо барқи истеҳсоли ноҳия таъминанд (45% то соли 2016)* |
| | | *Васл намудани ҳисобкунакҳои барқии электронӣ ҷиҳати паст намудани талафоти барқ* | *100* | *20* | *20* | *20* | *20* | *20* | *ШСХК «Барқи Тоҷик»* | *Номуайян* | |
| | | *Ҳамагӣ:* | *3219* | *487,8* | *817,8* | *797,8* | *417,8* | *417,8* | | | |
| | | *Маблағҳои худӣ* | *780* | | *400* | *380* | | | | | |
| | | *Номуайян* | *2439* | *487,8* | *417,8* | *417,8* | *417,8* | *417,8* | | | |

## Нақлиёт, роҳ ва алоқа

| Ҳадаф | Вазифа | Чорабиниҳо (лоиҳа) | Арзиши умумӣ (ҳаз.с) | Солҳо | | | | | Масъул | Сарчашмаҳои маблаггузорӣ | Натиҷаи нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| Беҳтар намудани ҳолати роҳҳо ва кӯпрукҳо | Беҳтар намудани ҳолати роҳҳо ва кӯпрукҳо | Сохтмони кӯпрук дар роҳи автомобил-гарди Дупула-Вешист н.Панҷакент (Мингдона) | 766 | 400 | 366 | | | | Вазорати нақлиёти ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Ба истифода додан ва таъхмири 7 адад кӯпрук то соли 2016 |
| | | Барқарорсозии кӯпрук аз болои дарёи Зарафшон дар км 27 роҳи автомобил-гарди Дупула-Хурмӣ | 7300 | 300 | 500 | 1500 | 2000 | 3000 | Вазорати нақлиёти ҶТ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | | Таъмир ва мумфарш кардани роҳи байни деҳаҳои ҷамоати деҳоти Хурмӣ | 50 | - | 50 | | | | МИҲД шаҳр | Номуайян | Сохтмон, барқарорсозии ва таъмири 75 км. роҳҳои ҳудуди ноҳия то соли 2016 |
| | | Сохтмони кӯпрукҳо дар сои селрави деҳаи Шингак (1 адад мошингард ва 2 адад пиёдагард) ҷамоати деҳоти Хурмӣ | 100 | - | 50 | 50 | | | МИҲД шаҳр | Номуайян | |
| | | Сохтмони кӯпрук дар болои дарёи деҳаи Косатарош ва Филмандари ҷамоати деҳоти Косатарош | 850 | - | - | 230 | 250 | 250 | МИҲД шаҳр | Номуайян | Бахрабардории % аҳолӣ аз намоишҳои телевизион ва радиои ҷумҳуриявӣ 90% то соли 2016 |
| | Беҳтар намудани хизматрасонии телевизион ва радио ба аҳолӣ | Таъмири роҳҳои автомобилгарди Шинг-Рашнаи Болои ҷамоати деҳоти Шинг | 100 | - | - | 100 | | | МИҲД шаҳр | Номуайян | |
| | | Таъмири роҳи Панҷруд – истироҳатгоҳи Артуч | 100 | - | - | - | 100 | | МИҲД шаҳр | Номуайян | |
| | | Харидорӣ намудани таҷҳизоти интиқоли мавҷи телевизионӣ ва радио | 250 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | Кумитаи телевизион ва радиои ҶТ | Номуайян | Бахрабардории % аҳолӣ аз намоишҳои телевизиони махаллӣ (100% то соли 2016) |
| | | Дастрас намудани мавҷи ТВ «Симо» ба тамоми ҷамоатҳо ва деҳаҳои Панҷакент. | 200 | - | 50 | 100 | 50 | | ҶММ «Симо ТВ» | Номуайян | |
| | | Ҳамагӣ: | 9716 | 750 | 1066 | 2030 | 2450 | 3300 | | | |
| | | буҷети ҷумҳуриявӣ | 8066 | 700 | 866 | 1500 | 2000 | 3000 | | | |
| | | номуаяйн | 1650 | 50 | 200 | 530 | 530 | 300 | | | |

# БОБИ 5. СОҲАИ САЙЁҲӢ

Соҳаи сайёҳӣ, яке аз соҳаҳои дарамаднок маҳсуб ёфта, давлатҳои мутараққӣ аз ин ҳисоб маблағҳои зиёде ба даст меоранд ва барои рушди иқтисодиёти мамлакаташон пурсамар истифода мебаранд. Шаҳри Панҷакент дар қатори дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ имкониятҳои хеле зиёде дорад ва ин имкониятҳо дар давоми солҳои охир шумораи зиёди сайёҳони хориҷиро аз давлатҳои гуногуни ҷаҳон ҷалб карда истодаанд. Соли 2010 ба шаҳри Панҷакент аз давлатҳои Фаронса, Ҷопон, Олмон, Англия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Руссия ва дигар кишварҳои муштаракулманофеъ беш аз 2989 нафар сайёҳон ворид шудаанд.

Панҷакентро бо рӯдҳо ва дарёчаҳои шӯх, кӯлҳо, кӯҳҳо ва манзараҳои диданбоби беҳамто дар ҷаҳон мешиносанд. Ба рушди соҳаи сайёҳӣ инчунин мавҷудияти ҷойҳои истироҳати ва таърихӣ аз қабили Саразм, ки таърихи зиёда аз 5500 сола дорад, Панҷакенти қадим, зодгоҳи сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ дар деҳаи Панҷрӯд, кӯҳҳои Фону Арчамайдон, кӯлҳои ба таври афсонавӣ зебои Кӯли Калон, Ҳафткӯл, қуллаҳои баланду сарсафеди Чимтарға, ағбаи Шер зиёраткунандагони зиёди ватанию хориҷиро ба сӯи худ мекашанд. Аз ин хотир дар ҳудуди шаҳр имконияти инкишофи соҳаи сайёҳӣ хело калон буда,ҷойҳои таърихиву табиати зебо тақвияти гуфтаҳои боло ҳастанд.

***Шаҳраки қадимаи Саразм*** аз ёдгориҳои куҳантарини мардуми Осиёи Марказӣ буда, аз маданияти кишоварзиву шаҳрсозӣ ва ҳунармандии ниёгонамон шаҳодат медиҳад. Дар тӯли 1500 соли мавҷудияти худ (миёнаи ҳазорсолаи IV – ибтидои ҳазорсолаи II пеш аз мелод) Саразм ҳамчун яке аз шаҳракҳои қадимтарини Осиёи Марказӣ, дар рушди фарҳангии ориёӣ мақоми бузург бозидааст. Бузургии ёдгории Саразми Панҷакент дар байни ёдгориҳои қадимаи Шарқи Миёна маҳз дар ҳамин аст.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 сентябри соли 2000 №391 бо мақсади ҳифзу нигаҳдошти ин мероси ниёгон мамнӯъгоҳи бостонии Саразм таъсис дода шуд. Эҳё намудани ин мавзеъ ҳадафи аввалиндараҷа арзёбӣ мешавад, вале бинобар набудани маблағи зарурӣ барои таҷдиду бунёди он мушкилотҳои зиёдеро пеш меорад. Дар ҳолати таъмир намудани мавзеъ метавонад ҷойи дилкаши сайёҳон гардад. Ёдгории бостоншиносии Саразми Панҷакент дар иҷлосияи 34-уми ЮНЕСКО, ки дар Бразилия баргузор гардид, ба рӯйхати Маркази Мероси фарҳанги умумиҷаҳонӣ шомил гардонида шудааст.

Аз ин хотир, шумораи сайёҳони хориҷиву ватанӣ дар ёдгорӣ зиёд шуда истодаанд. Барои омода намудани шароити мусоид, сохтмони инфрасохтори замонавӣ зарур мебошад.

***Мақбараи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.*** Мақбараи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар деҳаи Панҷрӯди ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ дар масофаи 57 км аз маркази шаҳр ҷойгир буда, соли 1958 баҳри таҳлил намудани 1100 солагии устод бунёд гардида буд. Соли 2008 ҷиҳати таҷлили 1150 солагии устод мақбара бо тамоми иншоотҳои мавҷуда пурра таъмиру азнавсозӣ карда шуда, симои ҷадидеро пайдо намудааст. Дар онҷо мақбараи бо тарзи ҳамондавра бунёдшуда, чойхонаи пурнақшу нигор, осорхона оид ба фаъолияту зиндагонии устод Рӯдакӣ ва меҳмонхона мавҷуд ҳаст. Ҳамчунин бахшида ба ҷашни 1150 солагии устод Рӯдакӣ дар рӯ ба рӯи мақбара боғи зебое бунёд гардид, ки дорои гулгашт, шаршараи сунъӣ ва мизҳои нишаст мебошад ва ба ҷои гашту гузор табдил ёфтааст.

***Панҷакенти кӯҳан.*** Дар канораи Панҷакенти имрӯза, дар баландие, ки мардум Кайнаҳраш (Кай – шоҳ, наҳр - ҷӯйбор) мехонанд, шаҳраки давраи асри миёнагӣ (асриV-VIII) воқеъ гардидааст. Таҳқиқоти ёдгорӣ аз соли 1947 то ҳол аз ҷониби олимони Санкт-Петербург ва Тоҷикистон бурда мешавад. Дар ҷараёни муборизаи сангин бо ғосибони араб солҳои 771-772 Панҷакенти суғдӣ тамоман хароб шуда, сокинони он ба ҷойҳои дигар рафта буданд. Дар 8 нигораи суғдӣ адабиёт, эҷодиёти халқ, расму одат ва анъанаи суғдиён таҷассум ёфтаанд, ки дар бораи қадим будани таърихи Панҷакент шаҳодат дода, бозёфтҳои нави ин мавзеъ метавонад, диққати сайёҳонро бештар ҷалб созад.

***Мадраса - масҷиди Олим Додхоҳ*** - ёдгории меъморӣ буда, дар асри XV111 сохта шуда, бинои нодири замон аст. Се тарафи толори мураббаъшаклро айвонҳои гунбаздор иҳота кардаанд. Гунбази бузург, ки хиштҳояш бо санъати қабурғабандӣ (нервюр) чида шудаанд, дар минтақаи Осиёи Марказӣ нотакрор аст. Солҳои 1981-1984 мадраса аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра тармиму барқарор карда шудааст. Инчунин дар паҳлӯи он бинои нави масҷиди ҷомеи Муҳаммад Башоро бо манораи 26 метра, ки мислаш дар Осиёи маркази кам аст бунёд гардидааст.

Дар айни ҳол таҷриба нишон медиҳад, ки сайёҳони ба шаҳр омада, аз ин ёдгории меъморӣ бисёр хоҳиши дидан мекунанд. Мутаассифона гирду атрофии он ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй нест ва сохтмонҳои бе нақша симои онро коҳонидааст. Хуб мешуд, ки мақомоти маҳаллӣ дар назди масҷиду ёдгорӣ бо дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ ҷиҳати хизматрасонӣ барои сайёҳон дӯконҳои замонавӣ бо фурӯши маҳсулоти ватанӣ ташкил мекард.

***Мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро.*** Хоҷа Муҳаммади Башоро ба ривояте, саҳоба ва ё яке аз авлодони саҳобаҳои паёмбари ислом (с/с) ва аз донандагони машҳури ҳадисҳои пайғамбар будааст. Мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро яке аз ёдгории нодири меъмории Осиёи Марказӣ дар деҳаи Мазори Шариф, байни анбӯҳи арчазорон воқеъ гаштааст. Иморати он асрҳои XI-XII ва пештоқи пурнақшу нигоринаш дар асри XIV бунёд шудааст. Дар ҳуҷраҳои он шахсиятҳои намоёни давр дафн гардидаанд. Дар ибтидо он ҳамчун мақбара – масҷиди иборат аз ҳуҷраи якгумбаза бо ҳуҷраҳои паҳлӯӣ аз хишти пухта, бе пештоқ сохта шудааст. Соли 1932 пештоқи мақбара сохта, он бо кандакорӣ ва катибаҳои сафолӣ аз оятҳои Қуръони Шариф оро дода шудааст.

Мақбараи мазкур бори охирин соли 1964 таъмир гардида, тӯли ин солҳо ҷиҳати баҳрабардорӣ ва тамошо, чӣ аз тарафи сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ карор дошт. Дар айни замон бошад ин ёдгории таърихӣ таъмирталаб гардидааст.

***Ҳафткӯл*** - Дар ҳавзаи дарёи Моғиён 16 кӯлҳое мавҷуд ҳастанд, ки ҳар кадомаш майдони беш аз 1 гектарро фаро гирифтааст. Кӯлҳои шӯҳратёри ҳавзаи Моғиёндарё дар водии шохоби калони он – Шингдарё воқеанд. Ин кӯлҳо бо номҳои Марғузор, Ҳафткӯл ва Ҳафт Паризод маълуму машҳуранд. Ҳафткӯл аз сарчашмаи Шингдарё ба поён ҷараёни он бо тартиби зайл: Ҳазорчашма, Марғузор, Хурдак, Нофин, Ҳушёр, Соя ва Миҷгон воқеъ гаштаанд.

Кӯлҳо зебову дилфиреб буда, дар манзараи бисёр афсонавӣ ҷойгир шуда, диққати садҳо сайёҳони хориҷиву дохилиро ҷалб менамоянд.

***Кӯҳҳои ФОН ё худ Кӯли Калон*** - ҷои махсуси кӯҳӣ дар байни қаторкӯҳҳои Ҳисору Зарафшон ва Помиру Олтой ҷойгир шуда, пеш аз ҳама сайёҳон ва тамошокунандаро бо зебоии афсонавии кӯлҳояш мафтун месозад. Кӯҳҳои Фон яке аз қисмҳои баландтарини қаторкӯҳи Зарафшон маҳсуб ёфта, ҳангоми сайёҳат, беҳтарин қуллаҳои кӯҳи: - Чимтарға бо баландии 5489 м, Ғанзаи Калон бо баландии 5306 м, Энергия ва Миралӣ мавриди мушоҳида қарор мегирад ва метавонанд дар соҳили зеботарин кӯли Аловиддин истироҳат намоянд. Ҳамчунин сайёҳон метавонанд аз табиати нотакрор, мавҷҳои рангоранги Кӯли Калон баҳра бурда, бо пайроҳае, ки аз рӯи баъзе манбаъҳо гӯё Искандари Мақдунӣ ва корвони тоҷирони «Роҳи Абрешим» гузар намудаанд, роҳ паймуда, дар зери сояи арчаҳои бисёрсола истироҳот намоянд.

Бахри ҷалб ва хизматрасонӣ ба сайёҳони хориҷӣ дар шаҳру деҳоти Панҷакент айни замон 8 ширкатҳои сайёҳӣ фаъолият менамоянд. Аз ҷумла: ҶДММ-пойгоҳи кӯҳнавардию сайёҳии «Артуч»,ҶММ «Сайру саёҳат», ҶДММ «Кӯҳандиз», ҶДММ «Зурмич», ҶДММ «Виркат-Сайр»,ҶММ сайёҳатҳои кӯҳии «Помир», Ассосиатсияи рушди соҳаи сайёҳии водии Зарафшон ва Намояндагии ҶШК «Интурист-Тоҷикистон» ва ҶДММ «Чилмеҳроб» мебошанд.

Дар соли 2010 аз тарафи ширкатҳо ҳамагӣ 2989 нафар сайёҳони хориҷӣ қабул карда шудааст, ки нисбати соли 2008 200 нафар кам мебошад. Сабаби камшавии шумораи сайёҳон, ин маҳкам будани сарҳад бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад.

*Ҷадвали 56. Шумораи сайёҳони хориҷии қабулгардида дар солҳои 2008-2010*

| № | Номгӯи ташкилот | Шумораи сайёҳони хориҷӣ дар соли 2008 (нафар) | Шумораи сайёҳони хориҷӣ дар соли 2009 (нафар) | Шумораи сайёҳони хориҷӣ дар соли 2010 (нафар) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶДММ «Зурмич | 211 | 326 | 315 |
| 2 | ҶДММ «Виркат Сайр» | 99 | 20 | 20 |
| 3 | Намояндагии ҶСШК «Интурист Точикистон» дар шаҳри Панҷакент | 247 | 439 | 439 |
| 4 | ҶСП «Сайру сайёҳати шаҳри Панҷакент» | 892 | 819 | 106 |
| 5 | ҶДММ «Пойгоҳи кӯҳнавардию сайёҳии Артуч» | 1009 | 483 | 644 |
| 6 | ҶДММ «Кӯҳандиз» | 236 | 192 | 184 |
| 7 | ҶДММ «Сайёҳатҳои кӯҳии Помир» | 469 | 614 | 978 |
| 8 | ҶДММ «Чилмеҳроб» | 20 | - | - |
| | Ҷамъ: | 3183 | 2893 | 2989 |

*Ҷадвали 57. Дурнамои рушди туризм*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | дурнамо | | | с.2015г. бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Туризми дохилӣ | | | | | | |
| Шумораи саёҳон (нафар) | 1150 | 1184 | 1219 | 1255 | 1293 | 112 |
| Маблағҳои воридшавандаи умумӣ аз ҳисоби хизматрасониҳои туризми дохилӣ (ҳаз. сомонӣ) | 5750 | 5922 | 6099 | 6282 | 6470 | 112 |
| Туризми беруна | | | | | | |
| Шумораи туристон (ҳазор нафар) | 1782 | 1835 | 1890 | 1946 | 2004 | 112 |
| аз он ҷумла, шумораи туристони воридшаванда (ҳазор нафар) | 1782 | 1835 | 1890 | 1946 | 2004 | 112 |
| Ҳаҷми умумии маблағҳои воридщаванда аз ҳисоби хизматрасониҳои туризми беруна (ҳаз. сомонӣ) | 26119 | 26902 | 27709 | 28540 | 29396 | 112 |

## Стратегия ва вазифаҳои соҳаи сайёҳӣ

| *Ҳадаф* | *Вазифа* | *Чорабиниҳо (лоиҳа)* | *Арзиши умумӣ (ҳаз.с)* | *Солҳо* | | | | | *Масъул* | *Сарчашмаҳои маблаггузорӣ* | *Натиҷаҳои пешбинишаванда* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* | | | |
| *Инкишоф додани соҳаи сайёҳӣ дар асоси мавзеъҳои туристии мавҷуда* | *Муҳайё намудани шароити мусоид бахри рушди соҳаи сайёҳӣ* | *Таъсиси ассотси-атсияи ширкатҳои туристӣ** | *10* | *2* | *2* | *2* | *2* | *2* | *Ширкатҳои сайёҳӣ* | *Номуайян* | *Зиёд намудани шумораи сайёҳони ба ноҳия ташрифоварда (3500 нафар то соли 2016)* |
| | | *Бунёд намудани истироҳатгоҳ дар мавзеи Ҳафт-кӯл* | *350* | *70* | *70* | *70* | *70* | *70* | *МИХД шаҳр* | *Номуайян* | |
| | | *Ташкил намудани хатсайри туризми кӯҳӣ.* | *10* | *2* | *2* | *2* | *2* | *2* | *Ширкатҳои Сайёҳӣ, ҶС «Даврон»* | *Номуайян* | *Шумораи ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ширкатҳои сайёҳӣ (ҳамасола 35 ҷой то соли 2015)* |
| | | *Омода намудани маводҳои тарогиботӣ тавассути маҷалаҳо ва рекламаҳо дар телевизони ҷумҳуриявӣ* | *10* | *2* | *2* | *2* | *2* | *2* | | *Буҷети ноҳия* | |
| | | *Таъмири роҳҳо ва дигар иншооти инфрасохтори иншоотҳои сайёҳии ноҳия* | *150* | *30* | *30* | *30* | *30* | *30* | *МИХД шаҳр* | *Маблагҳои соҳибкорон* | *Воридоти маблаг аз ҳисоби соҳаи сайёҳи (1,5 млн. сомонӣ дар соли 2015)* |
| | | *ҲАМАГӢ:* | *530* | *106* | *106* | *106* | *106* | *106* | | | |
| | | *Буҷети ноҳия* | *10* | *2* | *2* | *2* | *2* | *2* | | | |
| | | *соҳибкорҳо* | *150* | *30* | *30* | *30* | *30* | *30* | | | |
| | | *номуайян* | *370* | *74* | *74* | *74* | *74* | *74* | | | |

* Таъсиси ассосиатсияи ширкатҳои туристӣ, ки масъалаҳои овезаҳои тарғиботӣ бо забонҳои давлатӣ ва хориҷӣ, тайёр намудани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва кӯҳгардӣ, (гидҳо, роҳбаладҳо), тарҷумонҳои забонҳои хориҷӣ, намоишҳои туристии (выставкаҳо) кишварҳои ҷаҳон, нашри китобчаҳо, расмҳо, буклетҳо оиди мавзеъҳои ҷолиби диққат ва шароитҳои мавҷудаи самти сайёҳӣ дар бораи Панҷакент ва мусоидат дар танзиму ҳамоҳангсозии фаъолияти хатсайрҳои туристии шаҳрро ба ӯҳда дошта бошад.

# БОБИ 6. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

***Экология.*** Панҷакент ноҳияи саноатию кишоварзӣ ҳисобида мешавад ва аз ин лиҳоз проблемаҳои экологии минтақа дар алоқамандии зич бо фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагии қишлок вобаста мебошад.

Ҷойгиршавии географӣ, иқлими мӯътадил, релефи кӯҳӣ дар минтақа баҳри инкишофи ҷангалзор ва нашъунамои он мусоидат менамояд. Минтақаҳои махсус ҳифзшаванда ва парваришгоҳҳо аз ин мавзеъ дарёи Зарафшон ҷорӣ шуда, ба ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон равона мешавад. Проблемаҳои экологии шаҳр шабеҳи проблемаҳои экологии дигар минтақаҳои кӯҳии вилоят мебошанд.

Дар шаҳри Панҷакент айни замон 13 корхонаи саноатӣ, 12 ташкилотҳои сохтмонӣ, корхонаи таъмири роҳҳо, 635 хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолият менамоянд, ки ин албатта ба муҳити зист бе таъсири муттақобила нестанд.

***Мушкилотҳои асосии экологии шаҳр:*** ҳолати ғайриқаноатбахши иншоотҳои обтозакунӣ ва канализатсионӣ, проблемаи аз назар берун мондани нотозагии маишӣ дар деҳоти ҷамоатҳо, дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доштани роҳи автомобилгарди Айни-Панҷакент ва роҳҳои дохили шаҳр, ғайри самаранок истифодабарии чарогоҳҳо, дар ҳолати ташвишовар будани селравҳо, хавфи ҳодисаҳои табиат, бо оби полезӣ пурра таъмин нагардидани мазраъҳо ва дар сатҳи паст қарор доштани макони зист, санитарӣ ва экологӣ иборат мебошад.

***Мушкилотҳои иншоотҳои обтозакунӣ ва хатҳои канализатсия.*** Солҳои охир дар шаҳр ҳолати иншоотҳои обтозакунӣ ва хатҳои канализатсионӣ хело ташвишовар буда, ҳалли ҷиддиро талаб дорад. Дар шаҳри Панҷакент якчанд иншооти обтозакунӣ вуҷуд дорад. Ду ададаш дар шаҳр буда, иқтидори тозакуниаш 7,05 ҳазор м3 дар як шабонарӯз мебошад. Намуди тозакунии обҳои ифлос биологӣ-механикӣ буда, партови обҳо ба ҳавзҳои биологӣ дар назар дошта шудааст.

Дар шаҳраки Суғдиён иншоотҳои обтозакунӣ иқтидори тозакуниаш 2,7 ҳазор $м^3$ дар як шабонарӯз мавҷуд, ки намуди тозакуниаш биологӣ-механикӣ буда, оби тозакардашуда ба ҳавзҳои биологӣ партофта мешавад.

Дар деҳаи Ғусар, ҷамоати деҳоти ба номи Лоиқ Шералӣ бошад, иншооти обтозакунии ҶДММ «Парандис» фаъолият менамояд.

Дар дигар маҳаллаҳои аҳолинишин хатҳои канализатсионӣ мавҷуд нест ва хавфи аз партовҳо ифлос гардидани обҳои зеризаминӣ ва оби дарёи Зарафшон аз эҳтимол дур нест.

Хатти канализасионӣ ва иншооти обтозакунии қисми ғарбии шаҳр дар ҳолати корношоям қарор дошта, ба таъмири асосӣ ниёз дорад. Хизматрасонӣ ба хонаҳои истиқоматии баландошёна, корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои таъиноти иҷтимоию-маишӣ дар ҷадвали зерин дарҷ гардидааст.

*Ҷадвали 57. Маълумот дар бораи иншоотҳои обтозакунии шаҳри Панҷакент*

| № | Номгӯи иншоотҳои обтозакунӣ | Мавзеҳо | Иктидори шабона-рӯзӣ м3/шаб. | Иктидори амалӣ м3/шаб. | Усули тозакунӣ | Ҷои об-парто | Соли охири таъмир |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | КФД «Обтаъминкунӣ ва канализатсия»-и шаҳр | шаҳри Панҷакент | 30400 | 1741,1 | биологи | ҳавзҳои биологӣ | - |
| 2. | ҶДММ КМ «Зарафшон» | шаҳраки Суғдиён | 2700 | 1030,1 | биологи | ҳавзаки биологӣ | - |
| 3. | ҶДММ «Парандис» | деҳаи Ғусар ҷ/д Л.Шералӣ | 400 | - | биологи | ҳавзаки биологӣ | - |

Дар қисмати Шарқии шаҳр, бинобар корношоям ва аз кор баромадани гулбаҳои обгузарону канализатсия обҳои ифлоси канализатсионӣ аз назди мактаби таҳсилоти умумии №29 бе тозакунӣ ба ҷӯйбор ҷорӣ шуда, ба дарёи Зарафшон рафта якҷоя меша-

вад, ки масофааш то Омӯзишгоҳи омӯзгорӣ тақрибан 2 км аст. Иншооти номбурда дар ҳолати бад қарор дошта, зидди қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва экологист, алалхусус дар фасли тобистон, ки боиси пайдоиши касалиҳои сироятӣ мебошад.

***Партовҳои сахти маишӣ.*** Аз рӯи ҳисоботи оморӣ дар як сол аҳолии ноҳия (242,6 ҳазор нафар) ба муҳити зист 103 ҳазор тонна партов рехта, боиси ифлосшавии обу замин ва муҳит мегарданд. Бо сабаби набудани ҷойҳои махсуси партоврезӣ вазъият дар деҳот боз ҳам ташвишовару хавфноктар аст.

Дар шаҳри Панҷакент ҷойҳои махсус барои партовпартоӣ вуҷуд дорад, вале барои кашонидани партов ба ҷойҳои таъиншуда техника мунтазам кор намекунад. Идораи хизмати коммуналии шаҳрро зарур аст, ки дар ин бора чораи амалӣ андешад.

Дар партовгоҳи СП «Зарафшон»-и шаҳраки Сугдиён партовҳои маишӣ-саноатӣ гӯр карда мешавад:

| № | Шахр | соли 2008 | | | | соли 2010 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ ПСМ ба ҳисоби тонна | Аз ҷумла | | | Ҳамагӣ ПСМ ба ҳисоби тонна | Аз ҷумла | | |
| | | | ободонӣ | аҳолӣ | Ташкилоту корхона) | | ободонӣ | аҳолӣ | Ташкилоту корхона |
| 1 | Панҷа-кент | 28604 | 17613 | 10623 | 368 | 27502 | 11197 | 14335 | 1970 |

Дар дигар нуқтаҳои аҳолинишин партов дар даруни сой, наздикии ҳавлиҳо ва ҷойҳои ғайримуқаррарӣ рехта мешавад. Дар деҳот оид ба тозагию партоврезӣ касе худро масъул намеҳисобад, партовро ба куҷое рост ояд мепартоянд. Дар ҳудуди шаҳр коркарди партовҳо ба роҳ монда нашудааст.

Чангу ғубор ва шустаниҳои ҶДММ КМ «Зарафшон» ба муҳити зист бетаъсир намемонад. Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд ва Бахши ҳифзи муҳити зисти шаҳри Панҷакент баҳри рафъи камбудиҳо ҷиҳати ба обҳои равон ва ҳавои атмосфера омехта нашудани сиониди натрий чораҷӯӣ намуда истодаанд. Ҳамчунин маъмурияти ҶДММ КМ «Зарафшон» ба масъалаи мазкур диққати ҳамаҷониба медиҳад.

Дар шаҳри Панҷакент 5 корхонаҳое, ки ба коркарди шағал машғуланд, ба меъёр ва тарзи коркарду тартибот риоя намекунанд, ки дар натиҷа ба ҳодисаҳои фалокатбори табиӣ дучор омадан аз эҳтимол дур нест, аз ҷумла сел ва решакан шудани дарахту буттазорҳо. Дар натиҷаи чунин истифодабарӣ як миқдор ҷангалу буттазорҳо аз байн рафтанд. Инчунин хар сол майдони ҷангалзор каму хароб мегардад, буриши ғайриқонунӣ ба чашм мерасад. Ба бетартибона чаронидани мол ва ҳодисаҳои номатлуби табиат низ бетаъсир нест. Бар замми он, ки бӯҳрони энергетикӣ, истифода нашудани воситаҳои алтернативии воситаҳои гармидиҳанда ва паст будани маърифати экологии аҳолӣ низ сабаб шуда метавонад.

Роҳҳои ҳалли проблемаҳои соҳаро мутахассисони соҳаи экологӣ аз масъалаҳои зерин мебинанд:

- беҳтар намудани хизматрасонии барқтаъминкунӣ ба аҳолӣ;
- таъмини аҳолӣ бо сӯзишворӣ, хусусан ангиштсанг бо нархи дастрас;
- тарзи нави идоракунӣ дар системаи ҷангалпарварӣ;
- баланд бардоштани маърифатнокии экологии аҳолӣ,
- мунтазам гузаронидани чорабиниҳо бо мақсади беҳтар намудани кабудизоркунӣ, барқарор ва васеъ намудани майдони ҷангал, ниҳолпарварию ниҳолшинонӣ.

Дар шаҳр -399820 га замин, аз ҷумла 20696 га замини обӣ мавҷуд мебошад. Бо сабаби набудани лаборатория имконияти омӯхтани таркиби заминҳо ва аз моддаҳои химиявӣ ифлос шудани онҳо мавҷуд намебошад. Дар шаҳр 51 чоҳи обкашии ба таври вертикалӣ коркунанда мавҷуд аст, ки 26 тои он бо сабабҳои гуногун мунтазам кор намекунад.

Бо сабаби нодуруст чаронидани чорво мавзеъҳои чорвочаронӣ дар баъзе ҷойҳо ба хӯрдашавӣ дучор гардидаанд. Лозим аст, ки чорвочаронӣ ба як низому тартиб дароварда шуда, ниҳолшинонию ҷангалзор гардонии ҷойҳои харобгардида ба мақсад мувофиқ гардонида шавад.

Боз як мушкилоти экологӣ зиёд шудани сатҳи партовҳои зарарнок ба муҳит мебошад.

Масалан, ҳаҷми партовҳои зарарнок ба муҳит аз корхонаҳо дар соли 2010 – 264,243 тн/дар як солро ташкил дод. Дар шаҳр 18 корхонаю ташкилот ҷойгир аст, ки ба ҳавои атмосфера партовҳои зарароварро ихроҷ менамояд. Танҳо ба муассисаи ҶДММКМ «Зарафшон» 70,6% он рост меояд, боқимонда ба 17 корхонаю ташкилот 29% он мансуб аст.

| № | шаҳр | Партовҳои зараровар ба муҳити зист тн/дар як сол | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Партовҳои сахт | SO2 | CO | NO2 | Углеводороди | ЛОС | Газҳои дигар |
| 1 | Панҷакент | 264,243 | 178,48 | 27,603 | 40,93 | 10,443 | 1,26 | 0,1 | 1,426 |

Дар шаҳр ду муассисаи ниҳолпарварӣ фаъолият дорад, ки яке аз он мансуби хоҷагии ҷангалпарварист.

Майдони умумии хоҷагии ҷангали шаҳр -107,229 ҳазор га ташкил медиҳад. Дар кӯҳҳои Зарафшону Туркистон арча, сафедор, бодом, чормағзи заминӣ, ангат ва дигар растаниҳо мерӯянд. Яке аз вазифаҳои асосии ҷангалпарварон нигоҳ доштани оламинабототу ҳайвоноти парваришгоҳи Зарафшон мебошад, ки ин парваришгоҳ соли 1972 бо мақсади нигоҳ доштан ва зиёд намудани саршумори тазарви Зарафшонӣ дар майдони 2,4 ҳазор га. ташкил карда шудааст.

Роҳи магистралии Панҷакент-Айнӣ, ки ба маркази вилояту ҷумҳурӣ мебарад, то фурудгоҳи Айнӣ дар ҳолати бад қарор дорад. Зиёд будани чанги қисматҳои қумфарши роҳ ва набудани биомабразҳо дар тамоми роҳ ба ифлос шудани муҳити зист таъсири худро мерасонад.

## Стратегия ва вазифаҳои Ҳифзи муҳити зист

| Мақсад | Вазифаҳо | Лоиҳа (чорабиниҳо) | Арзиши умумӣ (ҳаз.с) | солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Манбаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Беҳдошти ҳолати муҳити атроф ва таъмини эътимоднокӣ истифодаи захираҳои табиӣ бо мақсади пешрафти иҷтимоиёту иктисодиёти шаҳри Панҷакент | Барқароркунии устувору боэътимоди маҷӯъ обу ташнобҳо ва фарогирии ҳамаҷонибаи аҳолӣ бо оби тозаи безараргардонидашуда баҳри саломатӣ ва ҳифзи аҳолӣ | Ба мувозинат гирифтани системаи канализасия аз мактаби миёнаи №29 то омӯзишгоҳи омӯзгорӣ - 2км | - | - | - | - | - | - | | Шумораи хоҷатхонаҳои биологӣ-биотуалетҳои сохташуда |
| | | Коркард ва дар амал татбиқ намудани лоиҳаи таъмири асосӣ (иваз намудани гулба) дар минтақаи дар боло номбаршуда ва минбаъда тамоми хатҳои ташноби шаҳр | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | Буҷети маҳаллӣ | Сарфаи об ба 1га. зироати хоҷаги кишлок. Фоизи оби ба истифодабаран-дагон додашуда. Фоизи чоҳҳои фаъолияткунанда. Шумораи нозирони ҷамъиятии ҷалбкардашу-да ва маълумоти эко-ло-гии дастрасгардида. |
| | | Андешидани чорабиниҳо дар бораи минбаъда роҳ надодани беҳуда ба замину чуйборҳо сар додани ташнобхо | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | МДНРА, сохторҳои сайёҳӣ | |
| | | Сохтани халоҷохои биологӣ дар назди корхонахои саноатӣ, ташкилоту муассисахо, дар шороҳи Панҷакент-Айнӣ, дар сайрхатҳои сайёҳӣ ва ҷойҳои таърихӣ | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | МДНРА, сохторҳои сайёҳӣ | Гузаронидани амалиётҳои муштарак бо мақсади пурзӯр намудани назорат оиди истифодаи об ва фаъолияти иншоотҳои партовобтозакунӣ |
| | | Татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ, бо истифодаи манбаъҳои оби рӯи заминӣ ва табии зеризаминӣ | 200 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | МДНРА, сохторҳои сайёҳӣ | Шумораи иншооти хлористифодабарӣ бо мақсади кам намудани шумораи касалиҳои сироятшаванда |
| | | Татбиқи назорати доимӣ аз тарафи мутахассиси экологӣ ва маркази санитарӣ-эпидимиологӣ оид ба бе иҷозатнома истифодабарии об ва фаъолияти иншоотҳои партовтозакунӣ. | 40 | 8 | 8 | 8 | 8 | 8 | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Сохтмони иншоотҳои партовтозакунӣ, биноҳо барои хлор ва хлоридан бо мақсади безараргардони об дар 23 нуқтаҳои об ва манбаъҳои оби рӯизаминӣ | 2240 | 448 | 448 | 448 | 448 | 448 | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Хлоркунонии ҳамешании об дар 9 хатҳои об, ки аз манбаъҳои зеризаминӣ об мегиранд. | 90 | 18 | 18 | 18 | 18 | 18 | Маблағҳои худӣ | |
| | | Васеъ ва аз нав таҷҳизонидани иншоотҳои обтаъминкунӣ ва шабакаҳои обтаъминкунӣ | 38400 | 7680 | 7680 | 7680 | 7680 | 7680 | Сармояи хориҷӣ | Кам кардани шумораи садамаҳои шабакаҳои обдиҳӣ |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани мавқеву манзалати коргарони соҳаи обтаъминкунӣ ва канализатсия | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | Маблағҳои худӣ | Зиёд намудани шумораи коргарон, инчунин музди меҳнати онҳо |
| | Таъмин намудани идоракунии ПСМ дар сатҳи баровардан, гӯр кардан ва коркарди он. | Таҳияи лоиҳаҳо оид ба ташкили партовгоҳҳо | 70 | 14 | 14 | 14 | 14 | 14 | Буҷети маҳаллӣ | Таъмини идораи ТБО дапр сатхи баровардан, гӯр кардан ва коркарди он |
| | | Ташкили корхонаҳои хоҷагии коммуналӣ дар деҳот | 500 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Тоза намудани партовгоҳҳои ғайрирасмӣ | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | | Шумораи сохторҳои таъсисдодшуда дар идоракунии ПСМ |
| | | Ташкили корхонаҳо оид ба коркарди дуюмбораи партовҳои саноатӣ ва сахти маишӣ (истеҳсоли когази халоҷо, пӯсонидани партовҳо, азнавкоркунии оҳанпора ва безараргардонии партовҳои хатарнок ва ғайра. | 400 | 80 | 80 | 80 | 80 | 80 | Сармояи хориҷӣ | Шумораи ҷойҳои нави кории таъсисдодашуда |
| | Роҳ надодани минбаъдаи нобудшавии ҷангал ва тартиботи чарогоҳнигоҳдорӣ | Дар истеҳсолот ҷорӣ намудани лоиҳаи технологӣ оид ба истеҳсоли беисроф ва кам-масраф, азхудкунии технологияи азнавкоркунии партовҳои истеҳсолот. | 200 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | Сармояи хориҷӣ | Шумораи партовгоҳҳои ғайрирасмии тозакар-дашуда |
| | | Мунтазам гузаронидани чорабиниҳои санитарӣ-эпидемиологӣ, экологӣ бахри беҳдошти вазъи партовгоҳҳо | 100 | 20 | 20 | 20 | 20 | 20 | Маблағҳои худӣ | Шумораи корхонаҳои хурди таъсис додашаван-да |
| | | Тақсимот ва вобастакунии чарогоҳҳо байни хоҷагиҳо ва шахсони алоҳида | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Буҷети ноҳия | Шумораи муассисаи ташкилкардашуда оиди азнавкоркунии ПСМ |
| | | Ҷорӣ намудани назорати катъӣ ва ҷаримабандӣ оиди онҳое, ки ба қоидаю тартиботи чарогоҳ риоя намекунанд | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Буҷети ноҳия | Ҳаҷми истеҳсоли аз нав коркард кардашуда, даромад ба буҷет |
| | | Гузаронидани чорабиниҳо оид ба беҳдошти кабудизорхо, васеъ намудани ҷангалзорҳо ва ниҳолшинонӣ | 250 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | Маблағҳои худии корхона | Масоҳати ҷангалзорҳои бунёдшаванда.<br>Зиёд намудани шумораи нуқтаҳои хизматрасонии сайёҳон |
| | | Истифодаи васеи имкониятҳои ноҳия дар рушди экологӣ, этнографӣ, кӯҳи ва обии ва дигар намудҳои сайёҳӣ | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | | Зиёд намудани нуқтаҳои хизматрасонӣ. |
| | | Васеъ намудани шабакаҳои ташкилотҳои сайёҳӣ | - | - | - | - | - | - | | |
| | | Таъсиси инфраструктураи эътимодноки сайёҳии экологӣ (мехмонхона, нуқтаҳои савдо ва сауна) | 300 | 60 | 60 | 60 | 60 | 60 | Сармояи хориҷӣ | Баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ аз ҳисоби инкишофи сайёҳии экологӣ |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Паст кунонидани таъсири манфии иншоотҳо хоҷагии халқ ба муҳити зист ва саломатии аҳолӣ | Ҳалли масъалаи роҳу сарҳад бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз ҷумла бо мақсади ҳалли масъалаи инкишофи туризм | | | | | | | Маблағҳои ташкилотҳои сайёҳӣ | Афзун намудани шумораи бюрои сайёҳӣ, аҳолии дар соҳа машғулбуда<br><br>% замин бо истифодаи усули биологӣ, % замин бо истифодаи поруи органикӣ, шумораи фермерҳо, ки курсҳои такмили ихтисос оид ба пешбурди самараноки хоҷагии қишлокро<br><br>Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва даромаднокии фермерҳо<br><br>Микдори технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва фоиданоки баркии татбиқгардида. Таҳия намудани картограммаи шаҳр<br><br>% аз худ намудани боғҳои нави мевадиҳанда<br><br>Миқдор ва дарозии ҷӯй-борҳои барқароркарда шуда<br><br>Шумораи ниҳолҳои шинонидашуда<br><br>% беҳдошти ҷангал ва растаниҳо.<br><br>% беҳдошти олами ҳайвонот<br><br>Баланд гардидани сатҳи маърифати экалогии аҳолӣ<br><br>Баланд гардидани сатҳи маърифати экалогии аҳолӣ<br><br>Шумораи мактаб, мактаббачагон ва муаллимоне, ки ба «Патрули Сабз» ҷалб карда шудаанд |
| | | Тайёр намудани айёният – видеофилмҳо, роликҳо, буклету роҳнамоҳо, китобчаҳо | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | | |
| | | Фаъолтар намудани бюроҳои сайёҳии экологӣ дар бозори туризми байналхалқӣ | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Муайян нест | |
| | | Дар ташкилоту муассисаҳои шаҳр ҳатмӣ вуҷуд доштани шиносномаи Экологӣ | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Муайян нест | |
| | | Ба амалбарории мунтазаму ҳатмии санҷишу чени партовҳои атроф, ҳисобу китобии он дар шӯъбаи ноҳиявии экология ва идораи омор | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Муайян нест | |
| | Таъмини муҳофизати майдонҳои дарахтзор, зиёд намудани майдони ҷангалзорҳо | -Назорати ҳатмӣ оид ба истифодаи худмуҳофизатии индивидуалӣ дар истеҳсолот, ки ба саломатӣ зиёновар аст. | 300 | 60 | 60 | 60 | 60 | 60 | Маблағҳои худии корхона | |
| | | -Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил намудани картограммаи агрохимики таркиби хок | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | Маблағи худӣ | |
| | | Коркард ва амалисозии қоидаи ягонаи бунёд барқарорсозӣ ва ҳифзи майдонҳо ва массивҳои сабз, ки ваколати корхонаҳои коммуналӣ барои решакан намудан ва иваз намудани онҳо маҳдуд мебошад. | 100 | 20 | 20 | 20 | 20 | 20 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Барқарор ва тоза намудани ҷӯйборҳо (латок) ва системаи обёрии шаҳру деҳот | 600 | 120 | 120 | 120 | 120 | 120 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Шинонидани навъҳои ниҳоли ба шароити иқлими мақал мувофиқ | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | -Ташкил ва гузаронидани аксияҳо ва ҳаргуна чорабиниҳои кабудизор-кунии шаҳр, ки ба барқарорсозии ҷангалзор равона карда шудааст. | 60 | 12 | 12 | 12 | 12 | 12 | Маблағҳои худии корхона | |
| | | -Гузаронидани чорабиниҳо оиди баҳисобгирӣ ва беҳдошти гуногунии биологии нохия, аз он ҷумла | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | Маблағҳои худии корхона | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | парваришгоҳи Зарафшон | | | | | | | | Шумораи гармхонаҳои барқ масрафкунандаи сохташуда |
| | | -Ташкили маҷмӯи намоишҳои телевизионии экологӣ, ташкили маҷаллаҳо дар рӯзномаи шаҳрӣ | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Маблағҳои худии корхона | |
| | | Ташкил намудани низоми таблиғи умумии донишҳои экологӣ ва шароит барои ташаккул ва баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Маблағҳои худии корхона | |
| | | Ташкил ва пешбурди «Патрулхои Сабз», ҳаракати экологии ҷавонони Тоҷикистон дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Татбиқ намудан ва истифодаи технологияҳои фоиданоки барқӣ ва масрафкунандаи барқӣ дар корхонаҳо, ташкилотҳо ва манзилҳои истиқоматии шаҳр | 300 | 60 | 60 | 60 | 60 | 60 | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Фароҳам овардани шароити мусоид ба сохтмони гармхонаҳои баркмасрафкунанда дар ҳудуди корхонаҳои саноатӣ, ташкилотҳо, идораҳо ва муассисахои таълимии ноҳия | 200 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | Сармояи хориҷӣ | |
| ҲАМАГӢ: | | | 44745 | 8949 | 8949 | 8949 | 8949 | 8949 | | |
| аз он ҷумла, буҷети маҳаллӣ | | | 2237,3 | 447,5 | 447,5 | 447,5 | 447,4 | 447,5 | | |
| маблағҳои худии корхонаҳо | | | 5369,4 | 1073,8 | 1073,8 | 1073,8 | 1073,9 | 1073,9 | | |
| сармоягузориҳо | | | 8054,1 | 1610,9 | 1610,8 | 1610,8 | 1610,8 | 1610,8 | | |
| Эҳтиёҷот | | | 29084,2 | 5816,8 | 5816,9 | 5816,9 | 5816,9 | 5816,8 | | |

# БОБИ 7. ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА, ПЕШГИРӢ ВА КАМ КАРДАНИ ХАТАРИ ОНҲО

***Кам кардани офатҳои табиӣ.*** Низоми ҳолатҳои фавқулодда ва мудофияи гражданӣ вазифаи огоҳсозӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои фавқулодда, ҳифзи аҳолӣ ва минтақаи аз ҳолатҳои фавқулодда (ҲФ), ташкили омӯзонидани аҳолӣ ба амалиёт дар ҳолатҳои фавқулодда, таъмини омодабошии доимии нерӯҳо ва воситаҳо оид ба бартарафсозии оқибатҳои ҲФ, назорат ва ҳамоҳангсозии корҳо ҷиҳати ба аҳолии аз ҳолатҳои фавқулодда осебдида дастрас намудани кӯмакҳои башардӯстона ва татбиқи назорат аз рӯи истифода, тақсимот ва хароҷоти оқилонаи кӯмакро ба зимма дорад.

Тибқи маълумоти Хадамоти мушоҳидаи ҷараёнҳои хавфноки геологии Саридораи геологияи Тоҷикистон дар қаламрави шаҳри Панҷакент 3-ҷараёнҳои геологии экзогенӣ - ярчҳо, селҳо ва обхезиҳо ба қайд гирифта шудааст.

Тӯлӣ солҳои 2009-2010 дар шаҳри Панҷакент шаш офатҳои табиӣ, аз ҷумла 1 шамол, 4 сел ва 1 обхезӣ ба қайд гирифта шудааст. Офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти шаҳри Панҷакент ба маблағи 9327,3 ҳазор сомонӣ ҳисорот ворид сохтааст, ки барои бартараф намудани он аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 4663,4 ҳазор сомонӣ хароҷот гардидааст.

*Ҷадвали 58. Ҳаҷми зарари офатҳои табиӣ*

| Нишондиҳанда | 2009 | 2010 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| Зарари расонида | 2531,6 | 6795,7 | 9327,3 |
| Маблағгузориҳо аз буҷети маҳаллӣ | 1265,6 | 3397,8 | 4663,4 |

Ҳоло дар шаҳри Панҷакент 14 муассиса вуҷуд дорад, ки онҳо бевосита ба огоҳсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардиданд, аз ҷумла:

Хадамоти хабаррасонӣ ва алоқа (ҶСШК «Тоҷиктелеком»);
Хадамоти тиббӣ (Беморхонаи маркази шаҳрӣ**);**
Хадамоти таъмини тартибот (ШКД);
Хадамоти сӯхторнишонӣ;
Хадамоти нақлиёт (ҶСП «Даврон»);
Хадамоти роҳсозӣ (МНДРА);
Хадамоти коммуналӣ;
Хадамоти муҳандисӣ (ҶДММ ПМК 278);
Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемиологӣ;
Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот;
Хадамоти савдо ва хӯроки умумӣ;
Хадамоти энергетикӣ;
Хадамоти интиқоли сӯзишворӣ;
Хадамоти муҳофизат аз селҳо ва КС.

Бояд қайд намуд, ки кам кардани хавфи ҳолатҳои фавқулодда бояд ба сифати ҷанбаи комплексии байнисоҳавии ҳамаи соҳаҳои инфрасохторро дарбаргиранда баррасӣ карда шавад, зеро дар ҳолати ба вуҷуд омадани офат ҳамаи бахшҳо зарар мебинанд. Дар робита ба ин мақсади асосӣ ҳамгироии тадбирҳо оид ба паст кардани хавфнокии офатҳои табиӣ дар нақшаи рушди шаҳр тавассути татбиқи нақшаҳои омодабошӣ ва эътино ба офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулодда ва ҷудо намудани маблағҳо аз буҷет ба ҳисоб меравад.

Ситоди ҳолатҳои фавқулодда бо бахши Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар, ташкилоти башардӯстонаи Миссияи Шарқ ва ташкилоти ғайридавлатии Глобал – Партнерс ҳамкорӣ менамояд.

***Мушкилотҳои асосӣ дар самти кам кардани офатҳои табиӣ:*** Нокифоягии маблағҳои буҷетӣ ҷиҳати такмили низоми огоҳсозии офатҳои табиӣ, мавҷуд набудани маблағҳои зарурӣ барои кори муназзам оид ба тадбирҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, норасогии техника ва сӯзишворӣ ва набудани базаи моддию техникии ситоди Ҳолатҳои фавқулоддаи шаҳри Панҷакент иборат мебошад.

## Стратегия ва вазифаҳои ҳолатҳои фавқулодда

| Мақсад | Вазифаҳо | Лоиҳа (чорабиниҳо) | Арзиши лоиҳа (ҳаз. сомонӣ) | солҳо | | | | | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаи пешбинишаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | |
| Пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқуллода | Пешгирӣ ва огоҳсозии аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулода | Омода намудани аҳолӣ ба офатҳои гуногуни табиӣ | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Номуайян | Баландшавии сатҳи маълумотнокии аҳолии шаҳру деҳот оид ба пешгирии пастнамудани хавфи офатҳои табиӣ<br><br>Паст намудани хавфи лагзиш (ярч)<br><br>Ҳимоя намудани аҳолӣ ва заминҳои корам аз офатҳои табиӣ<br><br>Муҳайё намудани шароити кории ситод |
| | | Корҳои мустаҳкамкунӣ дар садди дарёҳои Зарафшон, Шинг, Могиён (қарори ҲҶТ аз 3.03.2011 №112) | 5468 | 250 | 366 | 1401 | 1411 | 2040 | Тибқи ҚҲҶТ | |
| | | Шинондани ниҳол дар мавзеҳои дорои хатари бештари лагжиш | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Номуайян | |
| | | Тоза намудани сойи селравҳои шаҳру деҳот | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Номуайян | |
| | | Барқарор намудани роҳи маҳаллӣ ва кӯпрукҳо | 200 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | Номуайян | |
| | Беҳтар намудани базаи моддию техникии ситоди ҲФ | Барқарор намудани базаи моддию техникии ситод харидори намудани техникаю таҷҳизоти зарурӣ | 300 | 60 | 60 | 60 | 60 | 60 | Номуайян | |
| | | ҲАМАГӢ: | 5988 | 354 | 470 | 1505 | 1515 | 2144 | | |
| | | Буҷети маҳаллӣ | 315 | 50 | 55 | 60 | 70 | 80 | | |
| | | Буҷети ҷумҳуриявӣ | 1500 | 200 | 300 | 300 | 300 | 400 | | |
| | | Сармряи хориҷӣ | 3500 | | | 1000 | 1000 | 1500 | | |
| | | Аз ҳисоби хизматрасонии об | 153 | | 11 | 41 | 41 | 60 | | |
| | | Эҳтиёҷот | 520 | 104 | 104 | 104 | 104 | 104 | | |

# БОБИ 8. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

***Низоми идоракунӣ.*** Органи олии мақомоти идоракунии давлатии маҳаллӣ – Маҷлиси намояндагони халқ мебошад, ки аз 40 нафар намояндагон (аз ҷумла 5 нафар занҳо) ва мақомоти иҷроияи давлатии маҳаллӣ иборат мебошад.

Маҷлиси вакилони халқ дар давоми сол на кам аз 4 маротиба даъват карда мешавад. Дар он 5 комиссия кор менамояд. Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии давлатӣ 25 нафар кормандон фаъолият мебаранд, аз ҷумла 7 нафар занҳо.

***Мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ.*** Тақсимоти вазифаҳо байни Раиси шаҳр, муовинон ва роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳр бо қарори Раиси шаҳри Панҷакент аз 19 апрели соли 2011 №102 тасдиқ карда шудааст.

***Сохтори идоракунии шаҳри Панҷакент***. Сохтор штатии шаҳр ба талабот пурра ҷавобгӯй нест, барои идора намудани самаранок мутахассисони баландихтисоси соҳаи иқтисод намерасад.

*Сохтори идоракунии шаҳри Панҷакент*




**Таъминоти молиявӣ-буҷетӣ**

Шаҳри Панҷакент ҳамчун шаҳри донорӣ буда, дар давоми солҳои 2008-2010 ба буҷети вилоятӣ 3637890 сомонӣ, ба ҷумҳуриявӣ 2060260 сомонӣ маблағ пардохт намудааст. Буҷети шаҳри Панҷакент бекаср буда, яъне қисми даромад ва қисми хароҷот якхела тасдиқ гардидааст.

*Ҷадвали 1. Иҷрои қисми даромади буҷети маҳаллӣ барои солҳои 2008-2010 (сомонӣ)*

| Номгӯи андозҳо | соли 2008 | | | | соли 2009 | | | | соли 2010 | | | | % иҷроиш | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | нақша | иҷроиш | % иҷроиш | % аз ҳисоби умумии даромад | нақша | иҷроиш | % иҷроиш | % аз ҳисоби умумии даромад | нақша | иҷроиш | % иҷроиш | % аз ҳисоби умуми | с 2010 нисбати с. 2008 | с. 2010 нисбати с. 2009 |
| Андоз аз даромади шахсони воқеӣ | 6233294 | 6479820 | 104,0 | 27,6 | 8064209 | 6831042 | 84,7 | 28,0 | 7427088 | 7481570 | 100,7 | 20,8 | 115,4 | 109,5 |
| Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ | 351313 | 560992 | 159,7 | 2,4 | 1138258 | 1169396 | 102,7 | 4,8 | 1081258 | 1083168 | 100,2 | 3,0 | 193,1 | 92,6 |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 630712 | 628789 | 100,3 | 2,7 | 938920 | 525723 | 56,0 | 2,1 | 873106 | 594816 | 68,1 | 1,6 | 94,6 | 113,1 |
| Аксизҳо | 54984 | 55782 | 101,5 | 0,3 | 107709 | 113139 | 105,0 | 0,5 | 121750 | 121823 | 100,1 | 0,3 | 218,4 | 107,7 |
| Андози замин | 614019 | 755350 | 123,0 | 3,2 | 634009 | 540890 | 85,3 | 2,2 | 549036 | 553738 | 100,9 | 1,5 | 73,3 | 102,4 |
| Андоз аз истифодабарандагони қаъри замин | 5551286 | 4637238 | 83,5 | 19,8 | 3539229 | 2308128 | 65,2 | 9,5 | 9512570 | 12913141 | 135,7 | 35,8 | 278,5 | 559,5 |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 1513809 | 1614520 | 106,8 | 6,9 | 2705754 | 2000239 | 73,9 | 8,2 | 2740005 | 2455536 | 89,6 | 6,9 | 152,1 | 122,8 |
| Андоз тибқи низоми соддакар-дашуда | 174480 | 455605 | 261,1 | 1,9 | 537197 | 582595 | 108,5 | 2,4 | 850400 | 902028 | 106,1 | 2,6 | 197,9 | 154,8 |
| Андози ягона | 2191627 | 2578996 | 117,7 | 11,1 | 3405589 | 3315434 | 97,4 | 13,6 | 2061462 | 2110860 | 102,4 | 5,9 | 81,8 | 63,6 |
| Боҷи давлатӣ | 538136 | 566898 | 105,3 | 2,4 | 802800 | 749919 | 93,4 | 3,1 | 1103400 | 1131806 | 102,6 | 3,2 | 199,6 | 150,9 |
| Андози ҳадди ақҷал аз даромади корхонаҳо | 963801 | 1406966 | 146,0 | 6,0 | 1467825 | 1469759 | 100,1 | 6,0 | 1742607 | 1745335 | 100,2 | 4,9 | 124,0 | 118,7 |
| Андоз аз амволи ғайриманқул | 683800 | 1007754 | 147,4 | 4,3 | 1244028 | 1244568 | 100,0 | 5,1 | 950072 | 955216 | 100,5 | 2,6 | 94,8 | 76,7 |
| Андоз аз соҳибони воситаи нақлиёт | 423625 | 769373 | 181,6 | 3,2 | 796530 | 797234 | 100,1 | 3,3 | 1231400 | 1251595 | 101,6 | 3,5 | 162,7 | 156,9 |
| Андоз аз фурӯши чакана | 589641 | 651491 | 110,5 | 2,8 | 1170393 | 845753 | 72,3 | 3,5 | 1097716 | 1110392 | 101,2 | 3,1 | 170,4 | 131,3 |
| Дигар пардохтҳои маҳаллӣ | 344368 | 444828 | 129,2 | 1,9 | 1027850 | 934423 | 90,9 | 3,8 | 513588 | 523676 | 102,0 | 1,4 | 117,7 | 56,0 |
| Иҷозатнома барои фаъолияти тиҷорати касбӣ (Патент) | 786979 | 816607 | 103,8 | 3,5 | 1303258 | 955740 | 73,3 | 3,9 | 1055025 | 1069162 | 101,3 | 2,9 | 130,9 | 111,9 |
| Ҷамъ: | 21645874 | 23431009 | 108,2 | 100 | 28883558 | 24383982 | 84,4 | 100 | 32910483 | 36003862 | 109,4 | 100 | 153,6 | 147,6 |

*Ҷадвали 2 Иҷроиши қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ дар солҳои 2008-2010*

| Номгӯи сохторҳо | соли 2008 | | | | соли 2009 | | | | соли 2010 | | | | % иҷроиш | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | нақша | иҷроиш | % иҷроиш | % аз ҳисоби умуми хароҷот | нақша | иҷроиш | % иҷроиш | % аз ҳисоби умуми | нақша | иҷроиш | % иҷроиш | % аз ҳисоби умуми | с. 2010 нисбати с. 2008 | с. 2010 нисбати с. 2009 |
| Мақомоти иҷроия | 1215980 | 1212963 | 99,8 | 4,9 | 1441924 | 1408955 | 97,7 | 5,9 | 1492977 | 1751437 | 117,3 | 4,9 | 144,4 | 124,3 |
| Маориф | 15242541 | 15220736 | 99,9 | 61,7 | 19670142 | 14472397 | 73,6 | 59,3 | 21265426 | 21364689 | 100,5 | 59,5 | 140,4 | 147,6 |
| Тандурустӣ | 4033898 | 3974461 | 98,5 | 16,1 | 5697349 | 5263879 | 92,4 | 21,6 | 8065146 | 8130427 | 100,8 | 22,6 | 204,6 | 142,7 |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 406761 | 444110 | 109,2 | 1,8 | 686742 | 565120 | 82,3 | 2,4 | 669083 | 675928 | 101,0 | 1,9 | 152,2 | 119,6 |
| Хоҷаги манзилию коммуналӣ | 1096633 | 2032200 | 185,3 | 8,3 | 1000070 | 1662030 | 166,2 | 6,9 | 861453 | 1493200 | 173,3 | 4,2 | 73,4 | 89,4 |
| Маданият | 426450 | 486939 | 114,2 | 1,9 | 318500 | 485722 | 152,5 | 1,9 | 489063 | 632113 | 129,2 | 1,8 | 129,8 | 130,1 |
| Хоҷагии халқ | 93477 | 100102 | 107,1 | 0,5 | 103283 | 80030 | 77,5 | 0,3 | 107685 | 122615 | 113,9 | 0,3 | 122,5 | 153,2 |
| Сохтмон | 278700 | 955948 | 343,0 | 3,9 | 2404000 | 420000 | 174,7 | 1,7 | 240400 | 1210580 | 503,6 | 3,4 | 126,6 | 288,2 |
| Ғайра | 126600 | 242769 | 191,8 | 0,9 | | 92031 | | | | 508807 | | | | |
| Ҳамагӣ: | 22921040 | 24670228 | 107,6 | 100 | 29158410 | 24450164 | 83,9 | 100 | 33191233 | 35889796 | 108,1 | 98,6 | 145,5 | 146,8 |

***Таҳлили вазъи сармоягузории ташкилотҳои байналхалқӣ дар соли 2010.*** Дар шаҳру деҳоти Панҷакент дар соли 2010 бо ҷалби ташкилотҳои байналхалқӣ, аз ҷумла Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид, Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид, «Глобал партнерс», АгроАксияи Олмон, Миссияи шарқ, Барномаи озуқаи ҷаҳонӣ, Идораи кӯмаки техникии Олмон, Созмони байналмиллалии муҳоҷират, Фонди «Оғохон» лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба маблағи 2 миллион сомонӣ амалӣ карда шуданд.

**1. Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид – 430500 сомонӣ:**

- маориф 285 500 сомонӣ:
- обтаъминкунӣ 145 000 сомонӣ.

**2. Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид** - беҳдошти вазъи кӯдакон - 120 ҳазор сомонӣ:

**3. АгроАксияи Олмон** - дар соҳаи кишоварзӣ ва обтаъминкунӣ- 500 ҳазор сомонӣ.

**4. Барномаи озуқаи ҷаҳонӣ** - дар соҳаи обтаъминкунӣ 42 ҳазор сомонӣ. Аз ҷумла,

- гузаронидани хати оби нӯшокӣ ба қисмати болоии деҳаи Ғӯсари ҷамоати деҳоти Лоиқ Шералӣ – 19859 сомонӣ;
- гузаронидани хати оби нӯшокӣ ба деҳаи Тошмунори ҷамоати деҳоти Чинор – 22 141 сомонӣ.

**5. Идораи кӯмаки техникии Олмон** – дар инфрасохтор 400 ҳаз. сомонӣ.

**6. «Глобал Партнерс»** - пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои офати табиӣ 161 ҳазор сомонӣ,

7. Дигар ташкилотҳо оиди обтаъминкунӣ, омӯзиши аҳолӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ ва пешгирии бемориҳои сирояткунанда (**Миссияи шарқ, Созмони байналмиллалии муоҷират, Фонди Оғохон ва ғайра)**-зиёда аз 1 миллион сомонӣ.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр минбаъд низ ҳамкориро бо ташкилоту созмонҳои байналхалқӣ хуб ба роҳ монда, оиди ҷалби сармояи хориҷӣ аз имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода менамояд.

Дар соли 2010 аз ҳисоби ташкилотҳои байналхалқӣ ба маблағи 2653500 сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст, ки асосан аз ҳисоби «АгроАксияи Олмон» 500 ҳаз. сомонӣ, Барномаи рушди СММ 430500 сомониӣ дигар ташкилотҳо 1,0 млн. сомонӣ ба иҷро расонида шудааст.

## 8.1. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВИИ БАРНОМАИ РУШД

Манбаҳои асосии маблағгузорӣ барои Барномаи рушди шаҳри Панҷакент буҷетҳои ҷумҳуриявӣ, буҷети маҳаллӣ, сармоягузорони дохиливу хориҷӣ, маблағҳои соҳибкорони дохилӣ, ҳиссаи шаҳрвандон ва дигар кӯмакҳои беруниро ташкил медиҳанд.

Барои пурраи татбиқ намудани Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2011-215 дар ҳаҷми **134088,9** ҳаз. сомонӣ маблағ (бе назардошти 277,1 млн. долл. ИМА дар соҳаи саноат) пешбинӣ карда шудааст, ки аз ин дар ҳаҷми ***78883,2* ҳаз.** сомони (бе назардошти 25,7 млн. долл. ИМА) лоиҳаҳои сармоягузории афзалиятнок сарчашмаи маблағузориашон муайян нест.

*Ҷадвали 1. Арзиши умумии БР аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2011-2015*

| | Всего | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Блоки иқтисодӣ (бе саноат) | 7459,5 | 318 | 2290 | 2628 | 1908 | 315,5 |
| Саноат | 530 | | 200 | 330 | | |
| Кишрваозӣ | 5897,5 | 314 | 1784 | 2084 | 1404 | 311,5 |
| СХМ | 1032 | 4 | 306 | 214 | 504 | 4 |
| Эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ | 940 | 314 | 164 | 164 | 154 | 144 |
| Блоки иҷтимоӣ | 26327,4 | 4700,6 | 3784,1 | 6955,5 | 6720,6 | 4166,6 |
| Тандурустӣ | 4080 | 967,6 | 1337,6 | 1271,6 | 251,6 | 251,6 |
| Маориф | 18545 | 3334 | 1796 | 4983 | 5113 | 3319 |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 992,4 | 59 | 60,5 | 60,9 | 756 | 56 |
| Фарҳанг | 2710 | 340 | 590 | 640 | 600 | 540 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Эхтиёҷот ба маблағгузорӣ | 8525 | 1235 | 1805 | 2940 | 1289 | 1256 |
| Инфрасохтор | 45683 | 1694,8 | 2665,8 | 13608,8 | 13428,8 | 13884,8 |
| ХМК | 69 | 12 | 22 | 14 | 12 | 9 |
| Обтаъминкунӣ | 32679 | 445 | 760 | 10767 | 10549 | 10158 |
| Барқтаъминкунӣ | 3219 | 487,8 | 817,8 | 797,8 | 417,8 | 417,8 |
| Нақлиёт ва алоқа | 9716 | 750 | 1066 | 2030 | 2450 | 3300 |
| Эхтиёҷот ба маблағгузорӣ | 36768 | 982,8 | 1377,8 | 11714,8 | 11416,8 | 10875,8 |
| Сайёҳӣ | 530 | 106 | 106 | 106 | 106 | 106 |
| Эхтиёҷот ба маблағгузорӣ | 370 | 74 | 74 | 74 | 74 | 74 |
| Муҳити зист | 44745 | 8949 | 8949 | 8949 | 8949 | 8949 |
| Эхтиёҷот ба маблағгузорӣ | 29084,2 | 5816,8 | 5816,9 | 5816,9 | 5816,9 | 5816,8 |
| Халатҳои фавқулодда | 5988 | 354 | 470 | 1505 | 1515 | 2144 |
| Эхтиёҷот ба маблағгузорӣ | 520 | 104 | 104 | 104 | 104 | 104 |
| Таъминоти захиравӣ | 680 | 416 | 66 | 66 | 66 | 66 |
| ҲАМАГӢ ЭҲТИЁҶОТ | 78883,2 | 8526,6 | 9341,7 | 21613,7 | 19804,7 | 19196,6 |
| Ҳамагӣ (бе саноат) | 134088,9 | 16538,4 | 18330,9 | 34618,3 | 33643,4 | 30557,9 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 41,2% лоиҳаҳои дар Барномаи Рушд, зикршуда сарчашмаи маблағгузориашон муайян мебошад, аз ҷумла аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ (6,6%), буҷети ҷумҳуриявӣ (16,4%), сармояи дохилию хориҷӣ (12,6%) ва маблағҳои аҳолию худи корхонаҳои муқими шаҳр (6,5%).

*Ҷадвали №2. Маблағгузории Барномаи Рушд аз рӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ*

| Сарчашмаҳо | Ҳамагӣ | % аз арзиши умумӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Буҷети маҳаллӣ | 8674,7 | 6,5 | 1485,5 | 1155 | 2130,4 | 2386,4 | 1592,5 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 21558,5 | 16,0 | 1283,6 | 3107,6 | 5392,6 | 6308,6 | 5466,1 |
| Сармояи дохилию хориҷӣ | 16429,1 | 12,3 | 3758,9 | 3011,8 | 3448,8 | 3998,8 | 3138,8 |
| Маблағҳои аҳолӣ ва худи корхонаҳ | 8543,4 | 6,4 | 1483,8 | 1714,8 | 2032,8 | 1144,9 | 1163,9 |
| Эхтиёҷот ба маблағ | 78883,2 | 58,8 | 8526,6 | 9341,7 | 21613,7 | 19804,7 | 19196,6 |
| Ҳамагӣ: | 134088,9 | 100 | 16538,4 | 18330,9 | 34618,3 | 33643,4 | 30557,9 |

*Диаграммаи № 1. Вазни қиёси ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузориии БР*



Бояд қайд кард, ки барои пурра татбиқ намудани барномаи мазкур ва ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда дар давраи то соли 2015 дар ҳаҷми **75857,2** ҳаз. сомонӣ маблағ лозим мебошад. Бинобар ин Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакентро лозим мебошад, ки ҷиҳати дарёфти маблағҳои пешбинишуда тадбирҳои судманд андешанд. Инчунин ба самаранок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ ва дигар сарчашмаҳо барои татбиқи Барномаи Рушд пешбинӣ карда мешаванд ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

Айни ҳол мутахассисони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр оид ба роҳҳои асосии ҷалби маблағҳои иловагиро барои татбиқи чорабиниҳо таҷрибаи кофӣ надоранд. Аз ин лиҳоз лозим аст, ки ҳамкориро бо ташкилотҳои молиявии байналхалқии муқими ҷумҳурӣ тақвият дода, тартиби дурусти таҳияи лоиҳаҳои сармоягузориро ба таври васеъ омӯзанд. Инчунин масъалаҳоро оид ба ташкили «Фондрезинг» мавриди баррасӣ қарор дода, барои дар амал татбиқ намудани он чораҳои зарурӣ андешанд.

**Стратегия ва вазифаҳои таъминоти захиравӣ (ҳаз. сомонӣ)**

| *Мақсад* | *Вазифаҳо* | *Чорабиниҳо/лоиҳаҳо* | *Арзиши умумӣ (ҳаз.с)* | *Солҳо* | | | | | *Сарчашмаи маблаггузорӣ* | *Натиҷаҳои пешбинишаван-да* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* | | |
| *Барал бардоштани иқтидори захиравии ноҳия барои татбиқи ҷараёни рушд* | *Беҳтар намудани шароити кори кормандони дастгоҳи марказии МИҲДШ* | *Гузаронидани таъмири ҷории биноu Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр* | *350* | *350* | | | | | *Буҷети ноҳия* | *% таъминоти кормандони дастгоҳи марказии МИҲДШ ва идораи ҷамоатҳо бо компютерҳо (75% то соли 2016)* |
| | | *Харидори намудани компютерҳо ва таҷҳизоти компютерӣ барои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр* | *80* | *16* | *16* | *16* | *16* | *16* | *Буҷети ноҳия* | |
| | | *Таъмин намудани кормандони дастгоҳи марказии ба шабакаи ИНТЕРНЕТ* | *50* | *10* | *10* | *10* | *10* | *10* | | *Шумораи ҷамоатҳое, ки ба шабакаи ИНТЕРНЕТ пайваст мебошанд (90% то соли 2016)* |
| | | *Таъмин намудани кормандони дастгоҳи марказӣ МИҲДШ бо неруи барқи мунтазам* | *5* | *1* | *1* | *1* | *1* | *1* | *Буҷети ноҳия* | |
| | | *Ташкили курсҳои бозомӯзӣ барои мутахассисони ҷавони дастгоҳи марказии МИҲДШ оид ба мавзӯи банақшагирӣ* | *5* | *1* | *1* | *1* | *1* | *1* | | |
| | | *Таҳия ва татбиқ намудани чорабиниҳо оид ба ҳавасмандгардонии мутахассисони лаёқадманди дастгоҳи марказии МИҲДШ* | *50* | *10* | *10* | *10* | *10* | *10* | *Буҷети ноҳия* | *Шумораи ҷамоатҳое, ки базаи махълумотҳои оморӣ доранд (100% то соли 2016)* |
| | | *Ташкили семенарҳо оид ба омӯзиши барномаҳои нави компютерӣ Windows, Word, Excel барои кормандони дастгоҳи марказии МИҲДШ* | *40* | *8* | *8* | *8* | *8* | *8* | *Буҷети ноҳия* | |
| | | *Гузаронидани аттестасияи кормандони дастгоҳи марказии МИҲДШ* | *-* | *-* | *-* | *-* | *-* | *-* | *Буҷети ноҳия* | *Шумораи муттахассисоне, ки дар курси бозомӯзии навовариҳои компютериро гузаштанд* |
| | | *Таҳия намудани базаи маълумотҳои оморӣ ва базаи қонунгузорӣ барои кормандони дастгоҳи марказии МИҲДШ* | *55* | *11* | *11* | *11* | *11* | *11* | *Буҷети ноҳия* | *Ҳаҷми маблағҳои сармоягузорони дохилию хориҷие, ки барои татбиқи лоиҳаҳо равона карда шудааст (100 млн.долл. ИМА то соли 2016)* |
| | | *Таъмини дастрасии кормандони идораи ҷамоатҳои ноҳия ба шабакаи ИНТЕРНЕТ (харидории МАДЕМ)* | *20* | *4* | *4* | *4* | *4* | *4* | *Буҷети ноҳия* | |
| | *Ташкили фазои мусоид барои ҷалби бештари сармояҳои дохилию хориҷӣ* | *Таҳия намудани «Раҳнамои сармоягузор» барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ* | *-* | *-* | *-* | *-* | *-* | *-* | | |
| | | *Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо шариконі Рушд ва дигар мақомотҳои ҳавасманд* | *5* | *1* | *1* | *1* | *1* | *1* | *Буҷети ноҳия* | *Шумораи лоиҳаҳои татбиқшудае, ки аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷети амалӣ гардидаанд (5 лоиҳа то соли 2016)* |
| | | *Ташкил ва гузаронидани семенар оид ба мавзӯи «Тартиби таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ» дар асоси талаботҳои донорҳо* | *10* | *2* | *2* | *2* | *2* | *2* | *Буҷети ноҳия* | |
| | | *Омода намудани базаи маълумолтҳои зарурӣ оид ба донорҳои потенсиалӣ* | *5* | *1* | *1* | *1* | *1* | *1* | *Буҷети ноҳия* | |
| | | *Бо мақсади ҷалби бештари сармоя барои татбиқи Барномаи Рушд ташкил ва амалӣ намудани «Фондрезинг»* | *5* | *1* | *1* | *1* | *1* | *1* | | |
| *Ҳамагӣ:* | | *10-лоиҳа* | *680* | *416* | *66* | *66* | *66* | *66* | | |

# БОБИ 9. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими системаи идоракунии татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Панҷакент низоми мониторинг ва арзёбӣ (минбаъд-НМваА) мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад. НМваА имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин карда шавад.

Гурӯҳи МваА бо қарори Раиси шаҳр таъсис дода мешавад, ки аз 5-7 аъзо иборат аст (мутахассисони соҳавӣ, кормандони маъмурият). Гурӯҳи МваА-ро яке аз муовинони раис сарварӣ менамояд.

Бо қарори мазкур, масъул барои гузаронидани МваА-и Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳр Шӯъбаи (раёсат, бахш) иқтисод дар шахси сардори он таин карда мешавад.

Раиси шаҳр фармоиши махсус мебарорад, ки нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои дар Барнома дохилшуда, барои ҳисобот ба Шӯъбаи рушди иқтисоди шаҳр пешниҳод мешаванд.

Давра ба давра малака ва дониши аъзои гурӯҳи МваА-ро баланд бардоштан муҳим аст.

***Сохтори НМ ва А.*** Барои гузаронидани мониторинги Барномаи рушди шаҳри Панҷакент мушоҳидаи омилҳои зерин зарур аст:

- то кадом андоза ба ҳадафҳои Барнома мувофиқ мешавем;
- лоиҳаҳо дар доираи Барнома чӣ гуна мавриди амал қарор доранд.

Ба ифодаи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои нақша (дар ин ҷо сухан дар бораи натиҷаҳои Барнома дар маҷмӯъ меравад, на ин ки натиҷаҳои лоиҳаҳои ҷудогонаи он) ва мониторинги ҷараёни лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

***Мониторинги натиҷаҳои барнома*** тариқи ченкунии аҳамияти индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои барномаро бо ҳамон мулоҳиза кардан мумкин аст, ки дар кадом андоза мақсадҳои нишондиҳандаҳо ба даст омадааст. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи маълумотҳои Раёсати омори шаҳр мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

***Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо*** дар доираи Барнома тариқи параметрҳои зерин гузаронида мешавад: назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо нақша. Ин ҷо ҷадвали электронӣ дар формати Excel -таҳия мешавад, ки бояд ҳар семоҳа тасҳеҳ карда шавад – ба таври синхронӣ ва бо ҳисоботнокии лоиҳаҳо.

Азбаски сатҳи коркарди лоиҳаҳои дар Барнома рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр шомилбуда гуногун аст, он дар таҳияи системаи мониторинг ба назар гирифта шудааст. Воқеан, лоиҳаҳои ба Барнома воридкардашуда аз рӯи 5 ҷой муаррифӣ карда мешаванд. Аввалан лоиҳаҳое, ки дар марҳилаи тарҳезӣ қарор доранд ва номи онҳо ба Занҷири мантиқии Барнома дохил шудааст. Дуввум лоиҳаҳое, ки пурра таҳия шуда, вале аз дарёфт нашудани маблағ ё дигар сабабҳо оғоз нагардидаанд. Ҳамзамон лоиҳаҳое, ки дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд ва лоиҳаҳое, ки аллакай онҳо иҷро шудаанд. Шахсе, ки ҷадвали мониторингро пур мекунад, бояд рақамҳои 1 то 5-ро вобаста ба ҷойгоҳи воқеии лоиҳа гузорад.

Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо асосан лоиҳаҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо мекунад: «ҳамааш хуб», «номувофиқатӣ дорад», «номувофиқатии ҷиддӣ дорад», «лоиҳа амалӣ нашудааст».

Ҳар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои Барнома бо дарназардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони

соҳавӣ ва мустақил (экспертҳо), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.

*Ҷадвали 1. Тартиби пур кардани ҷадвали мониторинги лоиҳаҳои Барномаи рушди шаҳри Панҷакент*

| Ҷойгоҳи лоиҳа<br>(рақам аз 1 то 5) | Иҷрои лоиҳа<br>нишонгузории ҳарфӣ-рангӣ:<br>а-сабз,<br>б-кабуд,<br>в-сурх,<br>г-хокистарранг |
|---|---|
| 1. Таҳия нашудааст<br>2. Дар таҳия<br>3. Таҳия шудааст<br>4. Мавриди амал қарор дорад<br>5. Амалӣ шудааст | (а) Ба нақша мувофиқ аст ё тамоюли назарнорас ба нақша<br>(б) Тамоюли назаррас ба нақша<br>(в) Тамоюли қатъӣ ба нақша<br>(г) Лоиҳа амалӣ нашудааст |

## РӮИХАТИ МАШВАРАТЧИЁНИ ТАҲИЯИ БРН

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1. | Ҳамидов С. | Сардори шӯъбаи рушди минтақаҳо, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ; |
| 2. | Қурбонхоҷаев Ю. | Мушовири калон оид ба идоракунии маҳаллии БРСММ; |
| 3. | Олимов М. | Мутахассиси БРСММ оиди ҷалби захираҳо; |
| 4. | Мадаминов Р. | Мутахассиси БРСММ оид ҳамоҳангсозӣ; |
| 5. | Деҳқонов Ҷ. | Мутахассиси БРСММ оид ба банақшагирӣ; |
| 6. | Сафолов М. | Мутахассиси БРСММ оид ба идоракунии маҳаллӣ; |
| 7. | Норов А. | н.и.и, мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 8. | Ҳакимов Х. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 9. | Раҳмонов З. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 10. | Абдуллоев М. | сармутахассиси Шӯъбаи рушди минтақаҳо, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ (мушовири миллӣ дар БРСММ) |
| 11. | Икромова М. | Мушовири маҳаллӣ. |

Ба чоп 11.09.2012 имзо шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 12,25. Ҳуруфи адабӣ.
Адади нашр 30.

Дар ҶДММ «Контраст» чоп шудааст
ш. Душанбе, к. Н. Муҳаммад, 26